ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД:** 378.147:811.111’243
**ТКБ:** 74.58:81.432.1
**Б –** 72

**БОБОХОНОВА ҲАЛИМАХОН ЗИЁРАТШОЕВНА**

# ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ ЛИНГВОДИДАКТИКИИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИЮ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
Назирӣ Латофат Қаҳор

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима.......................................................................................... 3
Боби 1. Вижагиҳои нутқии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ҳамчун асоси ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникатвӣ аз фанни забони англисӣ........................................................................................ 20
1.1 Асосҳои назариявии омӯзиши имконияти зеҳнӣ ва тамоюли шахсии донишҷӯён дар рушди салоҳияти маърифатию коммуникативӣ дар таҳқиқоти педагогӣ-психологӣ............................. 20
1.2 Вазъи таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар шароити таълими низоми кредитии таҳсилот дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... 40
1.3 Меъёрҳои интихоби маводди забонӣ аз фанни забони англисӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии донишҷӯён.......................................................................................... 57
Хулосаи боби якум.............................................................................. 81
Боби 2. Самаранокии ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ бо дарназардошти имконияти зеҳнӣ ва вижагиҳои забони модарии донишҷӯён......... 83
2.1 Мундариҷа, раванд ва натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.... 84
2.2 Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар асоси неруи зеҳнӣ ва тамоюли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ........................................................ 104
2.3Дараҷаи ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён дар шароити корбурди модели озмоишии технологияи таълими забони англисӣ....................................................... 121
Хулосаи боби дуюм.............................................................................. 133
Боби 3. Тарзи истифодаи тест ва дараҷаи азхудкунии он дар раванди таълими забони англисӣ ва ташаккули дониши донишҷӯён.......................................................................................... 137
3.1 Ташкил кардани санҷиши тестӣ ва муайян намудани дараҷаи азхудкунии донишҷӯён.............................................................. 137
3.2 Назорати пешакӣ ва муқоисаи дараҷаи азхудкунии донишҷӯён аз ҷониби педагог...................................................... 141
3.3 Назорати ҷорӣ ва истифодаи самараноки тестҳои таълимӣ дар ҷараёни дарси забони англисӣ............................................... 145
Хулосаи боби сеюм.............................................................................. 153
Хулоса.................................................................................................. 155
Рӯйхати адабиёт.................................................................................. 160

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Имрӯз ҷомеаи муосир бо масоили ҷиддии иҷтимоию сиёсӣ, этникӣ, байнифарҳангӣ ва коммуникативӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Маҳз маориф дар ҳама давру замон ҷиҳати ҳифзи суботи ҷомеа, тағйири шаклу навъҳои муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат намудааст. Гуногунрангӣ ва воситаҳои мухталифи таълими забони хориҷӣ нисбат ба омодагии касбии мутахассисон ва ихтисосҳои ғайризабонӣ дар назди кормандони соҳаи маориф талаботи нав мегузорад. Дар шароити муосир зарурати мувофиқи завқу истеъдоди фардӣ ба интихоби забони таълим ва роҳҳои ташаккули забондонӣ ва касбӣ амал кардан пеш омадааст.

Ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати соҳаи маориф ниёз ба мутахассисони донандаи як ё якчанд забони хориҷӣ гашта, ин меъёр ба талаботи замон ва ҷомеа табдил ёфтааст. Иҷрои ин вазифаи муҳимми иҷтимоӣ аз омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, хусусан олимони соҳаи забоншинос ҷустуҷӯйи технологияи нави таълимро тақозо мекунад, чунки дар шароити имрӯза зарур аст, ки на танҳо дар факултетҳои забонӣ, балки дар гурӯҳҳои ихтисосҳои ғайризабонӣ низ омӯзиши васеи забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шаванд.

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат зарурати ҳамкориҳои мухталифи байналмиллалӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ниёз ба густариши соҳаҳоро дорад ва дар маҷмуъ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳим масъалаи омода намудани мутахассисони баландихтисоси донандаи забонҳои хориҷӣ ба масъалаи муҳимму зарурӣ табдил ёфтааст.

Мусаллам аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳо, махсусан, забони англисӣ нисбатан бештар шуд. Аз ин рӯ, Ҳукумати кишвар бо мақсади такмил ва инкишофи омӯзиш ва таълими он қарорҳои дахлдорро қабул намуда, ҳамзамон пайваста таъкид

менамояд, ки ҷавонон ба омӯзиши забонҳои русӣ ва инчунин англисӣ машғул шаванд, дар баробари забони давлатӣ на кам аз ду забони хориҷиро донанд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармони Президенти кишвар аз 4-уми апрели соли 2003 Барномаи давлатӣ «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонхои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» қабул гардид, ки дар доираи барномаи мазкур ҷиҳати такмил ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои назаррас амалӣ карда шуд.

Пас, соли 2014 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи навбатии давлатӣ «Дар бораи чораҳои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» қабул ва амалӣ карда шуд. Чорабиниҳое, ки дар доираи ду барномаи қабулшуда амалӣ карда шуд, ҳанӯз ба ҳадафҳои муайяни дар назди насли наврасу ҷавон гузошташуда ба пуррагӣ амалӣ нашуд. Бинобар ин, зарурати қабули санади навбатии меъёрии танзимкунандаи омӯзиш, такмили забони русӣ ва англисӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, дар таърихи 29-уми августи соли 2019 таҳияи Стратегияи нави Консепсияи таълими забонҳои хориҷӣ эълон карда шуд ва инчунин барои ҳар як фанни таълимӣ стандартҳои нави таҳсилот таҳия ва қабул гардида, мавриди истифода қарор гирифт. Инчунин, барои тақвияти иқдомоти мазкур «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438)» қабул шуда, татбиқи бомароми он идома дорад.

Бояд таъкид намуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидани кишвари азизамон як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маорифро қабул ва мавриди истифода

қарор дод. Ҳадафҳои асосии ин барномаҳо муайян буда, барои иҷро ва дар амал татбиқ намуданашон пешниҳодҳо шудаанд. Тибқи консепсияи мазкур системаи таҳсилоти олии сезинагӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда аст, ки он з зинаи бакалавриат, магистратура ва докторантура иборат аст.

Дар низоми маорифи миллии кишвар дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ модели ташкили таълим аз рӯйи принсипи Болония ба роҳ монда шудааст. Масъалаи баланд бардоштани сифати таълим дар шароити нав айни замон ҳадафи таҳқиқоти илмии олимони соҳаҳои педагогика, психология, методика ва забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Солҳои охир такмил ва таҷдиди мундариҷаи стандартҳои давлатии таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият мазуни навро касб кардааст. Чунин муносибат ҳамчун омили ташаккули дараҷаҳои таснифот ва салоҳияти таълимии донишҷӯён гардида, бар асоси он омода намудани мутахассисони баландпояи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла омӯзгорон, тарҷумонҳо, мутахассисони бахши мухталифи донандаи забонҳои хориҷӣ гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Баробари имзо шудани қарори Шурои Вазирон «Дар бораи такмили таълими забонҳои хориҷӣ» аз 27 майи соли 1961, ки ҳадафаш расидан ба таълими коммуникативии забони хориҷӣ буд, як қатор таҳқиқоти илмӣ дар самтҳои мухталифи таълими забони хориҷӣ дар асоси татбиқи қарори фавқуззикри Ҳукумати кишвар роҳандозӣ гардид. Масъалаҳои умумии таълими забони англисӣ дар монографияҳои И.Л. Бим [12], А.Н. Джуринский [31], С.Ф. Шатилов [103] ва дигарон ҳаллу фасл шудаанд.

Асосҳои назарии таълими забони англисӣ дар доираи муносибатҳои коммуникативӣ аз ҷониби Е.И. Пассов, Г.В. Хорни, Б.А. Лапидус, П.Б. Гурвич ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Назарияи фаъолияти нутқӣ ва механизмҳои нутқ дар асарҳои А.Н.

Леонтев [60], А.А. Леонтев [58], Н.И. Жинкин [34], И.А. Зимняя [36] ва дигарон мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Асосҳои равонии таълими забони англисӣ дар осори О.Н. Беляева [172] ва назария ва таснифи машқҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии И.В. Рахманов [78] ва Е.И. Пассов [72] низ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои назарии таълими забони англисӣ дар шароити бисёрзабонӣ дар таҳқиқоти В.М. Бернштейн [113], Г.А. Кручинина, Н.В. Патяева [50] ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Ҷанбаҳои лингводидактикии таълими забонҳои модарӣ ва хориҷӣ дар таълифоти Н.И. Гез [27], Е.Н. Соловова [88], Г.А. Китайгородская [46], Н. В. Кузьмина [52] ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Такомули равишу усулҳои рушди неруи зеҳнии донишҷӯёни фанни забони англисӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони бахши педагогика ба монанди Я.А. Коменский [48], К.Д. Ушинский [94], М.Н. Скаткин [87], С.Л. Рубинштейн [81], Л.С. Виготский [23], В.А. Артемов [7], И.А. Зимняя [36], Н.И. Жинкин [34], Э.П. Шубин [104], Г.В. Рогова [80], Е.И. Пассов, В. П. Кузовлева [72] мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Зарурати таҳқиқи вижагиҳои лингводидактикӣ дар таълими забонҳои модарӣ ва англисӣ дар рисолаҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла М. Лутфуллоев [62], Ф. Шарифзода [100], И.Х. Каримова [159], С.Э. Негматов [164], М.А. Абдуллоева [4], С.Н. Алиев [152] ва дигарон инъикос ёфтааст.

Масъалаи таълими забони англисӣ ба ҳайси ихтисоси дуюм дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ танҳо дар чанд рисолаи илмӣ, бахусус, аз рӯйи ихтисосҳои таърих, биология ва география баррасӣ шудааст.

Омӯзиши масъала маълум намуд, ки бахши методикаи таълими забони хориҷӣ (англисӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Масалан, чунин аз таҳқиқот ва мундариҷаи осори А. М. Михайлов [133], У. Убайдуллоев [86], В.И.

Сатская, М. Якубова [108], Д.М. Шпринберг [171], М. Раупов [165], Т.К. Сатторов [166], М.А. Абдуллоева [4], С. Алиев [152], Х. Шарипов [168] ва дигарон бармеоянд, ки таҳқиқи тамоми паҳлӯҳои масъалаи баррасишаванда фаро гирифта нашудааст.

Асосҳои назарии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисоси дуюми факултетҳои ғайризабонӣ дар самти ташаккули асосҳои лингводидактикии муносибатҳои коммуникативӣ -салоҳиятнокӣ бо назардошти вижагиҳои забони модарӣ ва имкониятҳои фардиву зеҳнии донишомӯзон то имрӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Мушоҳидаҳои раванди таълим ва санҷишҳои озмоишии махсус ҷиҳати муайян намудани сатҳи дониши забони англисии донишҷӯёни ихтисосҳои «Муносибатҳои байналмилалӣ», "Дорусозӣ", "Иқтисоди ҷаҳонӣ" аз сатҳи нокифояи забондонии онҳо шаҳодат медиҳанд. Барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии фанни “Забони англисӣ”, ки барои донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ пешбинӣ шудаанд, омилҳои муҳимми методӣ, аз қабили ба инобат гирифтани забони модарии донишҷӯён, тамоюли забономӯзӣ, неруи равониву тафаккури донишҷӯён, истифодаи босамари технологияҳои муосири иттилоотӣ аз эътибори таҳиягарон дур мондааст.

Дар давоми ним асри охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» ва 13.00.02 – «Назария ва методикаи таълиму тарбия – забони англисӣ» ҳимоя шуданд. Дар қатори ин рисолаҳо таҳқиқоти М. Тағоева [167], Х. Шарипов [169] ва К. Гадоев [153] махсус ба ташкили раванди таълими босамари забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, такя ба ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳияти забономӯзӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ

М. Тағоева таҳқиқоти худро ба омӯзиши асосҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида, олим Гадоев К. асосан ба принсипҳо, усулҳо ва шаклҳои таълим дар таҳқиқоти худ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Х. Шарипов дар мавзуи методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ дифоъ намудааст.

Дар рисолаи мазкур ҷиҳати омода намудани мутахассисони баландихтисоси донандаи забонҳои хориҷӣ ва салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ дошта барои ихтисосҳои ғайризабонӣ як қатор вазифаҳои муҳимми лингводдактикӣ гузошта шуда, дар рафти таҳқиқот баррасӣ гардиданд, ки ҳалли системаноки масъалаҳои зерин ба манфиати кор аст:

– раванди пайдарпай аз лиҳози омодагии донишҷӯён дар таълими забони англисӣ ва рушди салоҳияти маърифатию коммуникативӣ бар асоси тамоюли касбии онҳо таъмин шавад;

– усули корбасти неруи зеҳнии донишҷӯён дар ташаккули салоҳияти коммуникативӣ дар доираи фаъолияти касбӣ ривоҷ дода шавад;

– тарзи густариши тамоюли таҳсили донишҷӯён барои азхуд кардани забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират такмил дода шавад;

– салоҳияти байнизабонӣ ва забонии донишҷӯён дар раванди ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии забони англисӣ, барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ба инобат гирифта шавад.

Аммо масъалаи таълими забони англисӣ дар факултет ва ихтисосҳои ғайризабонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст.

Вазъи ғайриқаноатбахши таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабон ва густариш наёфтани он аз лиҳози педагогика, дидактика,

психология ва методикаи таълим мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро собит намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Хулосабарориҳо аз таҳқиқи мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи таҳқиқотии мавриди назар қарордодашуда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқи диссертатсионӣ бо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438)» иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳияи механизми ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аз фанни забони англисӣ ва аз ҷиҳати озмоишӣ асоснок кардани он мебошад.

Мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии амиқ қарор додани ташаккули салоҳияти маърифатӣ ва лингводидактикию коммуникативӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиҳати рушд ва омӯзиши забони англисӣ маводи ҷолиб буда метавонад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқ ҳаллу фасли вазифаҳои зерин муҳим аст:

– таҳлили адабиёти илмию методӣ оид ба салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аз фанни забони англисӣ;

– муайянсозии бартарии корбурди муносибати коммуникативӣ дар ташкили раванди таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни

ихтисосҳои ғайризабонӣ, принсипҳои лингводидактикии ташкил ва интихоби маводи забонӣ ва нутқӣ аз фанни забони англисӣ;

– муайянсозии муқоисаи забонҳо – усули омӯзиши хонандагон, ба монанди фонетика, грамматика ва лексика, ҳамзамон салоҳияти коммуникативии донишҷӯён бо усули муқоисаи забонҳои омӯхташаванда, инчунин муайян намудани иштибоҳҳои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайритахассусӣ;

– тартиб додани технологияи замонавии ташаккул ва баланд намудани салоҳияти муоширатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз фанни забони англисӣ бо назардошти истилоҳоти гуногуни забони модарии донишҷӯён, неруи зеҳнӣ ва тафаккури онҳо;

– ба таври озмоишӣ-таҷрибавӣ санҷиш намудани технологияи рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Таҳқиқи педагогӣ-психологии ташаккули салоҳияти маърифатӣ ва лингводидактикию коммуникативӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот** асосҳои лингводидактикии ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ бо интихоби тахассус дар факултетҳои ғайризабонӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти илмӣ:** ташаккул, такмил ва рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аз фанни забони англисӣ бомуваффақият хоҳад буд, агар:

– мақсади алоҳидаи ташаккул ва рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ мувофиқи салоҳияти касбӣ муайян карда шавад;

– мундариҷаи забон ва маводи нутқ ҷиҳати ташаккул ва рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни факултет ва ихтисосҳои ғайризабонӣ, ки забони англисиро меомӯзанд, муқаррар карда шавад;

– ҳангоми таснифи мундариҷаи таълими забони англисӣ дараҷаи забондонии донишҷӯён  низ ба назар гирифта шавад;

– дар раванди таълими забони англисӣ имконияти фардиву зеҳнии ҳар донишҷӯ мавриди назар гирифта шаванд;

– ҷанбаҳои  такмили тафаккури донишҷӯён барои омӯхтани салоҳияти коммуникативии забони англисӣ дар ихтисосҳои ғайритахассусӣ таҳлил ва муайян карда шаванд;

– технологияи замонавии  ташаккул ва баланд бардоштани салоҳияти нутқии  донишҷӯёни факултетҳое, ки забони англисиро, ҳамчун забони дуюм ё ғайритахассусӣ азхуд менамоянд, тартиб дода шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Омӯхтани сарчашмаҳо ва таҳлил намудани маводи лозима вобаста ба мавзуъ дар кори таҳқиқотӣ се марҳаларо дар бар гирифтааст:

**Марҳалаи якум** (солҳои 2018–2019). Адабиёти таълимӣ, илмӣ, фалсафӣ, таърихӣ, педагогию психологӣ оид ба мавзуи таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ, объект, предмет, фарзия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, моҳият ва сохти салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2019–2022)** вижагиҳои нутқии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ, ҳамчун, асоси ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникатвӣ аз фанни забони англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, гурӯҳҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ва муқаррарӣ муайян карда шуданд. Тавассути усули пурсишнома тасаввуроти омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба вазъи таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар шароити таълими низоми кредитии таҳсилот дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

**Дар марҳалаи сеюм (солҳои 2022–2023)** натиҷаи корҳои озмоишӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардида, самаранокии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ бо назардошти имкониятҳои зеҳнӣ ва вижагиҳои забони модарии донишҷӯён хулосабарорӣ низ карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** маъхазҳои филологон, файласуфон, педагогон, психологон, осори мутафаккирони форсу тоҷик, асарҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” ва дигарҳо, ки ба дараҷаи ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён дар шароити корбурди модели озмоишии технологияи таълими забони англисӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои филологӣ, фалсафӣ, педагогию психологӣ, муттаҳид намудани ҳамкории омӯзгорону хонандагон дар ҷараёни таълим, аз ҷиҳати педагогию пихологӣ гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мушоҳидаҳои психологию педагогӣ, мубоҳисаҳо бо омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумӣ ташкил медиҳад.

Ҳалли вазифаҳо бо истифода аз усулҳои зерини таҳқиқот роҳандозӣ шуданд:

– омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ, лингводидактикӣ, методӣ ва психолингвистикӣ оид ба масъалаи таҳқиқ;

– омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кории омӯзгорони курси амалии забони англисӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ;

– тестҳои санҷишӣ бо мақсади муайян кардани ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ;

– омӯзиши озмоишӣ ҷиҳати таъйини самаранокии технологияи

таҳияшуда барои ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён.

**Сарчашмаи маълумот:**

1. Осори олимони хориҷию ватанӣ дар ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар самти омӯзиши забони англисӣ;

2. Асарҳо, рисолаҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ марбут ба соҳаи лингводидактика;

3. Феҳристи адабиёти илмӣ-методӣ, сарчашмаҳои филологӣ, педагогию психологӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо;

4. Таҳлили таърихии афкори педагогию психологии лингвистикҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада;

5. Дар рафти таҳқиқот ташкил ва гузаронидани суҳбату мубоҳисаҳо бо омӯзгорону донишҷӯён.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи воқеии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар раванди таҳқиқот фаъолияти таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ, инчунин фаъолияти касбии омӯзгорони фанни забони англисӣ мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифт.

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ гузаронида шуда, дар он донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ, иқтисодӣ, табиатшиносӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ иштирок намуданд. Барои муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ ва коммуникативӣ аз усулҳои мушоҳида, суҳбат, пурсишнома, тестҳои педагогӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ, мониторинги фаъолияти таълимӣ ва таҷрибаҳои ташхисиву ташаккулдиҳанда истифода бурда шуд.

Дар ҷараёни таҳқиқот сатҳи омодагии забонӣ, қобилияти истифодаи донишҳои забонӣ дар ҳолатҳои касбӣ, дараҷаи фаъолнокии

иртиботӣ ва имкониятҳои маърифатии донишҷӯён муайян карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки дар амалияи мавҷудаи таълими забони англисӣ масъалаҳои рушди салоҳиятҳои коммуникативию маърифатӣ ҳанӯз ба таври низомманд ва илмӣ татбиқ нагардидаанд. Ин ҳолат зарурати таҳияи асосҳои лингводидактикии навро барои такмили раванди таълим ба миён меорад.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ аз се марҳила иборат буд: ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ. Дар марҳилаи аввал сатҳи ибтидоии дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён муайян карда шуд. Дар марҳилаи дуюм модели пешниҳодшудаи лингводидактикӣ дар раванди таълим татбиқ гардида, самаранокии технологияҳои интерактивӣ, усулҳои иртиботӣ ва шаклҳои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён санҷида шуд. Дар марҳилаи ҷамъбастӣ натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва муқоиса гардида, динамикаи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ ва иртиботӣ муайян карда шуд.

Маълумоти эмпирикии бадастомада собит намуданд, ки истифодаи усулҳои муосири лингводидактикӣ, муҳити иртиботии таълим ва технологияҳои интерактивӣ ба рушди қобилияти маърифатӣ, мустақилияти фикрронӣ ва фаъолияти муоширатии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ мусоидат менамояд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Дар доираи таҳқиқот санаду меъёрҳои танзимкунии раванди таълими донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров омӯхта, ҳамзамон хулосабарорӣ шудаанд. Ҷиҳати санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот ва татбиқи модели озмоишии технологияи таълими забони англисӣ 172 нафар донишҷӯёни донишгоҳҳои мазкур иштирок намуданд. Дар озмоиш 172 нафар донишҷӯ ва 35 нафар омӯзгор иширок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– асосҳои лингводидактикии ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар раванди интихоби тахассус таҳия шудааст;

– самаранокии ҷорӣ намудани муносибати салоҳиятнокӣ барои ташкили раванди ташаккул ва рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ аз фанни забони англисӣ собит шуд;

– типологияи мушкилоти таълими забони англисӣ бо назардошти вижагиҳои забони модарии донишҷӯён ҷиҳати инкишофи салоҳияти коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ пешниҳод карда шуд;

– мақсад ва мазмуни мушаххаси таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ, аз ҷумла «дорусозӣ», "муносибатҳои байналмилалӣ", "иқтисодиёти ҷаҳон" ва дигар ихтисосҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд;

– омӯзиши ҳамешагии сарчашмаҳои гуногуни забониву нутқӣ ва заминаҳои ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ғайритахассусӣ аз нуқтаи назари методикаи таълим асоснок карда шудааст;

– технологияи ташаккул ва рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ бо назардошти фаъолияти касбииояндаи онҳо дар соҳаи алоқа ва муносибатҳои байналхалқӣ таҳия карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Татбиқи барномаҳои таълимии забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли мушкилот дар шароити муносибати фардии донишҷӯ ҷиҳати дуруст роҳандозӣ намудани ташкил ва мустаҳкамкунии маводи забони таълимӣ мусоидат намуда, барои азхуд намудани ҳаҷми маълумоти зарурӣ, инкишофи тарзи худидоракунӣ ва корбурди самараноки принсипҳои дидактикии таълим мусоидат мекунад.

2. Муносибати босалоҳият ва маърифатию коммуникативӣ ҳангоми таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ мувофиқи талаботи педагогикаи бахши таълими забони хориҷӣ таҳия карда шавад. Дар он вижагиҳо ва асолати фанни забони англисӣ дар машғулияти тоҷикӣ ва таҳияи маводи дарсӣ дар асоси таҷрибаи муосири педагогӣ, яъне бо истифода аз технологияи муосири таълими педагогӣ пешбинӣ шудааст.

3. Дар қисмати истифода намудани технологияи замонавӣ, таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ихтсосҳои зерин: «муносибатҳои байналмилалӣ», "иқтисодиёти ҷаҳонӣ", "дорусозӣ"(фармасевтӣ) – ташаккули муносибати босалоҳият ва маърифатию коммуникативӣ хело аҳаммиятнок ҳисобида мешавад.

4. Шартҳои татбиқи технологияҳои муосири методикаи таълими забони англисӣ дар муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳад, ки муносибати эҷодкорӣ ва ҳадафноки донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ нисбат ба таҳсил ташаккул дода шавад. Ҳамчунин, фаъолияти омӯзгор ба самти рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ва дарки созандагиву эҷодкории онҳо равона карда шавад. Нуктаи охир имкон медиҳад, ки самтҳои асосии раванди таълим мусаллам гашта, мундариҷаи таълим, ҳаҷм ва сифати маводи забони омӯзишӣ ягона ва такмил ёфта, паҳлӯҳои муҳимму устувори интегративӣ ва робитаҳои байнисоҳавӣ муайян карда шаванд. Бар замми ин муҳити мусоиди касбиву забондонии фаъолияти донишҷӯён дар пояи технологияҳои муосир ташкил карда шавад.

**Аҳаммияти назарияви ва амалии таҳқиқот:**

– маълумоти навини илмӣ роҷеъ ба самаранокии татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ дар ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ мутобиқи фаъолияти касбӣ дар

соҳаҳои муносибаҳои байналмилалӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ, тиб ва дорусозӣ ҳосил шудаанд;

– собит гардид, ки бақайдгирии вижагиҳои забони модарӣ ва неруи маърифати забондонии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ имкон медиҳад, ки раванди таълими забони англисӣ дар раванди интихоби тахассус оқилона ташкил карда шавад;

– самаранокии технологияи ироашудаи таълими донишҷӯён аз фанни забони англисӣ мувофиқи интихоби тахассус бар асоси муносибати салоҳиятнокӣ-коммуникативӣ муайян карда шуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷа ва тавсияҳои методӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ метавонанд, ки дар таҷрибаи доштаи хеш ва системаи пешниҳодшудаи илмӣ асосноки таълими забони англисӣ, ки мувофиқи муносибати салоҳиятнокӣ-коммуникативӣ сохта шудааст, истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои дисертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ зарурият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, восита ва усулҳои таҳқиқот,

аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва навгониҳои илмии таҳқиқотро асоснок карда, фарзия, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқотии масъалаи таҳқиқшавандаро муайян намудааст. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, дар раванди корҳои озмоишӣ, таҳлил ва хулосабарории корҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳою конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар рафти баргузории ҷаласаю семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаи таълиму тарбияи худшиносии миллии хонандагон, дар конфронсҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар ҷаласа ва семинарҳои кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар курсҳои такмили ихтисосҳои омӯзгорон ва баромаду конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот бар асосҳои методологии муносибати бонизом, консепсияи илмии озмоиши педагогӣ, усулҳои назарӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои ҳосилшуда асоснок мебошад. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи нуктаҳои зерин муайян мегарданд:

– консепсияи илмие, ки дар таҳқиқот пешниҳод мегардад, аз рӯйи муносибати методологӣ ба ҳалли масоили баррасишуда, қобили қабул будани муносибати он ба вазифаҳои гузошташуда, корбасти усулҳои мухталифи таҳқиқ, кори озмоишӣ тибқи коркарди асосҳои лингводидактикии ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар раванди интихоби тахассус мушаххас мегардад;

– ғоя бар пояи таҳлили таҳқиқоти муосири илмӣ, назарӣ ва амалӣ оид ба масъалаҳои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ аз фанни

забони англисӣ дар асоси таҷрибаи бойи омӯзгорӣ асоснок шудааст;

– маълумоти озмоишӣ дорои вижагии тафсири миқдорӣ ва сифатӣ мебошад;

– муаллиф далелҳои мантиқии раднопазирро дар асоси омӯзиши маводи таҳқиқ бо истифода аз усулҳои таҳлили сифатии вазъи муосири стратегияҳои ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ бо назардошти интихоби ихтисоси ғайризабонӣ истифода мебарад.

Диссертасия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №6/1 аз 28-уми январи соли 2026) муҳокима ва барои дифоъ тавсия дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссератасия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ 1. ВИЖАГИҲОИ НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МАЪРИФАТИЮ КОММУНИКАТВӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

## 1.1 Асосҳои назариявии омӯзиши имконияти зеҳнӣ ва тамоюли шахсии донишҷӯён дар рушди салоҳияти маърифатию коммуникативӣ дар таҳқиқоти педагогӣ-психологӣ

Таҳлили таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки аз солҳои 70 - уми асри гузашта методикаи таълим дар таҳкими асосҳои назарии худ тавассути татбиқи муносибати интегративӣ ва муайян намудани қонунҳои асосии раванди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ бо мақсади ташкили заминаи объективии илмӣ, ҳамчунин ҷиҳати баҳодиҳии самаранокии усулҳои таълим ва инкишофи минбаъдаи онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Истилоҳи «лингводидактика» аз ҷониби Н. М. Шанский соли 1969 ба муомилоти илмӣ ворид шуда, «ташкилоти "Ҳамкории байналмилалии омӯзгорони забон ва адабиёти рус" истилоҳи номбурдаро ба сифати мафҳуми илмӣ эътироф намуд.

Лингводидактика қонун ва қоидаҳои умумии таълими забон, вижагиҳои сохтору мундариҷа, усул ва воситаҳои таълими забонро вобаста ба ҳадафҳои дидактикӣ, вазифа ва хусусияти маводи омӯзишӣ, шароити якзабонӣ ё дузабонӣ, ҳамчунин марҳалаи омӯзиш ва рушди нутқи зеҳнии донишҷӯёнро ба таври густурда меомӯзад» [98, с. 224].

Дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ истифодаи истилоҳи «лингводидактика» ба таври васеъ истифода мешавад. Н.Д. Галскова чунин меҳисобад, ки «лингводидактика қонуниятҳои умумиеро ташаккул медиҳад, ки ба қобилияти омӯзиши забони хориҷӣ, муошират ва роҳҳои эҷоди нутқӣ марбутанд» [26, с. 192]. Аз ин ҷост, ки олимон лингводидактикаро назарияи умумии азхудкунӣ ва маҳорати ҳарфзанӣ

мешуморанд.

Феълан ҳадафи таълими забонҳои хориҷиро бояд ба ҳайси ташаккули шахсияти донишҷӯ фаҳмид. Зеро муоширати забонӣ сатҳи байнифарҳангӣ дошта, маҳорат ва қобилияти хосаро тақозо менамояд.

Барои таълими фанҳои забонӣ муҳим аст, ки ба ташаккули салоҳияти фаннӣ ва забонӣ диққат дода шавад. Маҳз салоҳияти таълимӣ шавқу ҳавас ва маромҳои забондонии донишҷӯёнро баланд мебардорад. Аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки оид ба салоҳияти таълимӣ ва моҳияти он дар рисола то андозае маълумот дода шавад.

Салоҳият дар таълими забон бештар бо мафҳуми «салоҳияти коммуникативӣ» алоқаманд аст, ки моҳияти онро қисман ошкор мекунад. Умуман гирем, истилоҳи «салоҳият» маънои риояи талабот, меъёрҳо ва стандартҳои муқаррари соҳаҳои дахлдори фаъолиятро дорад.

Мафҳуми «салоҳият» бори нахуст дар Америко дар контексти таҳсилоти иҷроишӣ (perform – based education) истифода шудааст, ки ҳадаф аз он омода кардани мутахассисоне буд, ки дар бозори меҳнат рақобатпазиранд. Дар ибтидо «салоҳияти донишҷӯён» аз малакаҳои одии таҷрибавӣ иборат буд, ки дар натиҷаи «автоматикунонии дониш» дар анъанаи тарзи рафтор (бихевиоризм) ташаккул ёфтаанд. Ин муносибат мавриди интиқод қарор гирифт, зеро салоҳият дар шакли донишҳои амалӣ ҷиҳати рушди эҷодкорӣ ва фардии хонандагон нокифоя буд.

Ду навъи мафҳум пешниҳод шуда буд: Босалоҳият ва салоҳият (competence and competencies). Босалоҳият ба ҳайси категорияи шахсӣ пазируфта шуда, аммо салоҳият ба сифати воҳидҳои барномаи таълимӣ қабул гардид ва дар натиҷа «анатомия»-и салоҳиятнокӣ рӯйи кор омад.

Дар методика ҳангоми тавсифи сатҳи забондонӣ мафҳуми салоҳият (лот. compentis – қодир, қобилиятнок) васеъ истифода мешавад.

**Салоҳияти маърифатию коммуникативӣ** ин қобилияти амалӣ

кардани фаъолияти нутқӣ бо восита ва унсурҳои забони хориҷӣ мувофиқи ҳадафҳо ва ҳолати муошират дар доираи муайяни фаъолият мебошад. Бар асоси он маҷмуи малакаҳое асос ёфтааст, ки имкон дорад, дар муошировати нутқ дар шаклҳои самаранокӣ ва қобили қабул ширкат варзад.

Салоҳияти маърифатию коммуникативӣ дар баробари дигар салоҳият асос ёфтааст. Салоҳияти забонӣ, ин дониш дар бораи системаи забон, қоидаҳои фаъолияти воҳидҳои забонӣ ва нутқ, қобилияти дарки андешаи дигарон ва ифодаи шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Ҳамзамон, салоҳияти забонӣ дар он зоҳир мегардад, ки кас аз вижагиҳои сохторӣ ва қонунҳои лексикология, фонетика, грамматика, услубиёт ва ғайра воқиф аст. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки барои нафари синну солаш муайян ва дорои касбу кор ҷиҳати ибрози андешаи озод дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ кадом калима ва сохторҳои грамматикӣ зарур аст.

Бидуни тардид, калимаҳо, сохтори грамматикӣ, интонемаҳоро бо мақсади ба ибораи пурмазмун табдил додан меомӯзанд, яъне ба хотири равшан сохтани андеша. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳадафи таълим на ба системаи забон, балки ба нутқ равона мегардад. Аммо нутқ ҳамеша дар ҳолатҳои гуногуни зерматн омада, ҳолат аз рӯйи макон ва замон, вижагиҳои аудитория ва мақсади муошират муайян мегардад. Барои ҳалли мушкилоти муошират дар ҳолати мушаххас ба ҷуз салоҳияти забонӣ салоҳияти иҷтимоию забоншиносӣ низ басо ҳам муҳим аст.

Забон вижагиҳои ҳаёти башариятро инъикос мекунад. Омӯзиши ифодаву мафҳумҳои мухталиф имкон медиҳад, ки фарҳанги кишварҳои мухталифи забони омӯзиширо омӯхта дарк намоем. Ҳамаи ин моро водор месозанд, ки раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангиро роҳандозӣ намоем.

Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ воситаи тарбияи шахсияти байналмилал ва боҳадаф мебошад, ки вобастагӣ ва мукаммалии олам,

зарурати ҳамкории байнифарҳангӣ дар ҳалли мушкилоти глобалии башариятро дарк мекунад. Ин барои пешгирии нофаҳмиҳои сатҳи муоширати байнишахсӣ, бештар аз сабаби надонистани хусусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ маърифати донишҷӯёнро роҷеъ ба хусусияти миллӣ-фарҳангии рафтори иҷтимоӣ ва нутқии соҳибони забон ифода мекунад: расму ойин, одоби муошират, анъанаҳои иҷтимоӣ, таъриху фарҳанг, инчунин роҳҳои истифодаи ин донишҳоро дар раванди муошират фаро мегирад.

Ташаккули ин салоҳият ҳангоми дарсҳои забономӯзӣ дар заминаи муколамаи фарҳангӣ бо назардошти тафовути дарки иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон сурат гирифта, ҷиҳати расидан ба ҳамгироии байнифарҳангӣ ва ташаккули “шахсияти дуюми забонӣ” роҳандозӣ мешавад.

Салоҳияти иҷтимоӣ «дар хоҳиш ва маҳорати муошират, қобилияти фаҳмишу дарк ҳангоми муошират ва изҳори андешаҳо мувофиқи ҳадафи коммуникативии гӯянда ва вазъият зоҳир мегардад. Ин навъи салоҳиятро салоҳияти прагматикӣ низ меноманд, зеро интихоби тарзи таъсирбахши баёни фикр, ки аз гӯянда вобаста буда, дар шароити фаъолияти коммуникативӣ ва ҳадафи мушаххас таъкид мегардад.

Барои мутахассиси оянда салоҳияти касбие, ки дар ҷараёни таҳлдил ва омӯзиш ба даст оаврда шудаас, хело  зарур аст. Ин раванд, фаъолияти ташаккули касбиро таъмин намуда,  аз чунин қисматҳои зарурӣ иборат аст: малакаю маҳорати дипломатӣ, таърих ва фарҳанги кишварҳои хориҷӣ, ки барои фаъолияти касбии дипломат ё тарҷумон аҳаммияти калон доранд.

Асосгузорони педагогикаи илмӣ Я.А. Каменский «зарурати омӯзиши қобилияти фардии донишҷӯён ва роҳҳои дарёфти усулҳои таълимро, ки ба қобилият ва донишҳои зарурӣ ҳамаҷониба мусоидат

менамоянд, таъкид намудааст» [49, с. 43]. Жан Жак Руссо бошад Консепсияи таълимро дар асоси эҳтиёҷоти шахс ва талаботи бевоситаи ӯ ба муомилоти илмӣ кашидааст [33, с. 389]. Песталотси бо усули дидактикӣ омӯхтани психикаи инсонро низ зарур шуморидааст. Вижагии асосии андешаву таълимоти бахши педагогикаи Шуравӣ эҳтиром ба шахсияти кӯдак ва боварӣ ба имконияту истеъдоди ӯ ба ҳисоб мерафт.

Педагог ва олими бузурги рус Василий Александрович Сухомлинский бошад омӯхтани қобилияти зеҳнӣ ва сифатҳои фардии инсонро омили басо самарабахши бомуваффақияти таълим ҳисобидааст [90, с. 213].

Бақайдгирии сифатҳои фардӣ ва рушди неруи зеҳнии донишҷӯ дар корҳои илмии равоншиносон ва дастурдеҳҳо (методистҳо) роҷеъ ба масъалаҳои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ муфассал таҳқиқ шудааст. И.А. Зимняя бошад қайд мекунад, ки «нутқ моли фардӣ буда, тарзи ташаккул ва ифодаи он аз қобилияти фардии ҳар як шахс вобастагӣ дорад.

Муаллифи монографияи «Новая концепция иноязычного образования» профессор Е.И. Пассов «принсипи мушаххас ё фардӣ намудани таълимро пайваста бо таълими забони хориҷӣ баррасӣ кардааст.

Номбурда қайд мекунад, ки ҳангоми таълими забони хориҷӣ ин принсип аҳаммияти бештар касб мекунад, зеро нутқ ҳамчун воситаи ифодаи ташвишҳои фардӣ, эҳсосот, кайфият ва кӯшишу ҳадафҳои ахлоқӣ маҳсуб мешавад. Муҳаққиқ фардияти донишҷӯро аз рӯйи се омил ва се навъи фардикунонӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Омили якум ба маҷмуи хислатҳои табиии инсон дахл дорад, ки дар шакли мизоҷ, қобилият ва эҳтиёҷоти органикӣ зоҳир мешавад. Илми равоншиносӣ таъкид мекунад, ки ҳар як қобилияти инсонӣ натиҷаи модарзодӣ ва ҳосили инкишофи фардии инсон мебошад.

С.Л. Рубинштейн қайд мекунад, ки дар асоси қобилият заминаҳои қавии ирсӣ нақш баста, дар инкишофи истеъдоди шахс мусоидат мекунанд Барои омӯзгор тафовути хислатҳои инфиродӣ ба шакли воқеият ё иттилои объективӣ инъикос гашта, бояд дар раванди таълим тамоми вижагӣ ва хусусияти онҳо ба инобат гирифта шавад. Аз рӯйи аҳаммият ва хусусияти онҳо хислатҳои инфиродии ҳар нафар дар ҷараёни таълим ба назар гирифта шуда, ба пиндори мо бояд дар доираи як намуди мушаххаси фардикунонии шахсият роҳандозӣ гардад. Фардикунонии шахс, қабл аз ҳама, барои бақайдгирӣ ва рушди қобилиятҳои фаъолияти нутқии забони хориҷӣ бояд хидмат намояд[81, с. 704].

**Хислатҳои субъективии хонандагон ва фардикунонии субъективӣ**. Барои таълими забони хориҷӣ бақайдгирии хислатҳои субъективии донишҷӯён муҳим аст, зеро ҳар як донишҷӯ усулҳои вижаи азхудкунии дониш, стратегияи таълимии худро дорад. Дар адабиёти дидактикӣ собит шудааст, ки муваффақияти азхуд намудани забони хориҷӣ на танҳо аз қобилиятҳои табиии инсон, балки аз услуби инфиродии фаъолияти ҳар яки онҳо вобастагии беҳтари худро дорад.

Андешаҳои олимон В. С. Мерлин, Е. А. Климов «дар мавриди самаранокии бақайдгирии усулҳои инфиродии фаъолияти таълим маҷмуи техникаи фардӣ ва усулҳои фаъолият иҷрои бомуваффақияти амалро таъмин мекунад дорои аҳаммияти хосса мебошанд.

Вобаста ба таълими забони хориҷӣ тибқи методи коммуникативӣ инкишофи хислатҳои субъективӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Мутаассифона, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ нисбат ба фардикунонии субъективӣ на он қадар таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Барои амалӣ намудани фардикунонии субъективӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ зарур аст, ки сохтори мукаммали қайдҳои мухталифи хислатҳо таҳия гардида, дар боби дуюми ин таҳқиқот

роҳандозӣ мегардад ва самаранокии он ба василаи озмоиш ҳаллу баррасӣ хоҳад шуд» [47, с. 349].

**Хислатҳои шахсии донишҷӯён ва фардикунонии шахсӣ.** Аксар вақт донишҷӯён дар вақти иҷрои вазифаҳое, ки дар доираи салоҳияташон ҳастанд ва ҳатто ҳангоми донистани усулҳои иҷрои он, ғайрифаъолии хешро низ нишон медиҳанд. Дар ин маврид Е. И. Пассов чунин қайд намудааст, ки «сабаб дар он аст, ки хислат ва шахсияти донишҷӯён аз эътибор соқит мегардад.

Мавсуф таъкид мекунад, ки фардикунонии шахсӣ бояд аз нуктаҳои зерин иборат бошад:

а) доираи фаъолияти донишҷӯ;

б) таҷрибаи ҳаётии донишҷӯ;

в) доираи манфиатҳо, хоҳишҳо, майлу ниёзҳои равонӣ;

г) ҷаҳонбинӣ;

д) қисмати эҳсосотӣ - кайфияти донишҷӯ;

е) обрӯву манзалати шахс дар ҷамъият.

Ҷузъиёти фавқуззикри зерсохтори шахсии фардият, ҳамчун манбаи истифодаи усулҳои фардикунонии шахсӣ хидмат мекунанд» [122, с. 56].

Фардикунонӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ сарчашма ва воситаи асосии баланд бардоштани тамоюли донишҷӯ мебошад. Мувофики андешаҳои И. А. Зимняя ва А. А. Леонтев «таълими беҳадафи фаъолияти нутқӣ ин омӯзиши психологиро коста мекунад, зеро он шакли таҳсил ва тарбия аст.

Мусаллам аст, ки тамоюл аз шароити ташкили фаъолият вобаста буда, ба шакли ҳавасмандгардонӣ зоҳир мегардад ва онро умуман фаъол мегардонад. Аз ин лиҳоз, ин навъи ҳавасмандгардонӣ дар ҳоле ба назар мерасад, ки агар омӯзиш раванди азхудкунии дониш, малака ва маҳоратро бедор созад.

Дар мисоли таҳқиқи мо машқҳо ва ташкили онҳо роҳандозӣ

хоҳанд шуд. Дар мавриди таълими забони хориҷӣ системаи машқҳои инкишофи нутқ бояд рағбати донишҷӯёнро бедор намояд. Агар машқҳо бомуваффақият анҷом ёбанд, ибрози андеша ва нақли ҳодиса барои донишҷӯ шавқовар мегардад, аз ин рӯ, таълим додан низ ҷолиб мешавад, яъне дар ин ҷода тамоюли ҷадид пайдо мешаванд.

Аммо талабот ва завқи ҳар нафар гуногун аст. Аз ин рӯ, фаъолияти нутқӣ ва тафаккурро танҳо дар сурате фаъол кардан мумкин аст, ки агар ҳар як донишҷӯ ба амали нутқ дар ҳар як ҳолати мушаххас завқманд бошад. Ба таъбири дигар, фардикунонии ҳолатҳо зарур аст, зеро он имкон медиҳад, ки ба омӯзиш гӯё аз нуқтаи назари тоза муносибат кунем, аз ҷониби дигар стратегияи онро тағйир медиҳад. Ҳама чизе, ки донишҷӯ меомӯзад, мувофиқи хоҳишаш аст ва он аз талаботи объекти омӯхтааш бармеояд, на аз рӯйи иҷборӣ ё уҳдадорӣ мебошад» [37, с. 213].

Ҳамин тариқ, аз мулоҳизаҳо бармеояд, ки ҳар андешаи донишҷӯ бояд ба қадри имкон мувофиқи тамоюли ӯ бошад. Барои бунёди тамоюли коммуникативӣ аз фардикунонии шахсӣ истифода бурдан лозим аст, ки он ба инобат гирифтани мундариҷаи фаъолияти донишҷӯ, таҷрибаи ҳаётии ӯ, соҳаи дӯстдоштаи ӯ, хоҳишу ниёзҳои равонӣ, ҷаҳонбинӣ ва мақоми шахсии ӯ дар ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқоти илмии бахшида ба омӯзиши таърихи таҳсилот таъкид мешавад, ки дар мактабу мадрасаҳо забони арабӣ омӯхта мешуд. Аз нуқтаи назари педагогӣ омӯзиши забони арабиро метавон ба сифати аз худ намудани забони хориҷӣ ихтисос дод. Ҳадафи асосии таълими забони арабӣ дар сатҳи ибтидоӣ омӯзонидани хондан ва навиштан буд. Вазифаи таълими забони арабӣ ба сифати воситаи муошират роҳандозӣ нашуда буд.

Давраи дуюми таърихи Шуравӣ расмӣ ба мубориза алайҳи бесаводӣ оғоз гардид, аммо то солҳои 30-юми садаи XX перомуни таълими забони хориҷӣ дар маъхазҳои таърихӣ иттилои пурра вуҷуд

надорад. Феълан давраи дуюми таърихи таълими забони хориҷиро вобаста ба мақсад ва мазмуни омӯзиш ба марҳалаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст. а) 1930-1961; б) 1961-1991.

Нақша ва барномаҳои таълимии давраи Шуравӣ ҷиҳати рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон, ба инобат гирифтани неруи зеҳнии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ мусоидат мекард. Соли 1931 дар шаҳри Душанбе Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) кушода шуд, ки дар он омӯзгорони мактабҳои миёна аз рӯйи фанҳои мухталиф омода карда мешуданд, ки фанни забони хориҷӣ ҳамчун фанни умумӣ омӯхта мешуд.

Соли 1940 факултети забонҳои хориҷӣ таъсис ёфт, ки дар он муаллимони забони англисӣ ва баъдтар олмонӣ ва фаронсавӣ омода карда мешуд. Дар факултетҳои дигари Институти мазкур забони хориҷӣ ҳамчун фанни умумӣ омӯхта мешуд.

Нақшаҳои таълимии донишкадаҳои омӯзгории он солҳоро мутахассисони озмоишгоҳи таълими забонҳои хориҷии Институти илмӣ-таҳқиқотии фанҳои ҷомеашиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Академияи илмҳои педагогии Иттиҳоди Шуравӣ ташкил медоданд, ки аз кишварҳои дигар барои адои вазифа ба кишвари мо меомаданд. Мувофиқи нақшаи таълимӣ, донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ забони хориҷиро дар давоми ҳафт нимсола дар таҳсилоти чорсола меомӯхтанд.

Соли 1932 дар шимоли Тоҷикистон (вилояти Суғд) Институти дуюми омӯзгорӣ, яъне Институти давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Киров (холо Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) таъсис ёфт. Дар ҳамаи «факултетҳои институти номбурда забони хориҷӣ, хусусан, забони англисӣ омӯхта мешуд. М. Б. Морозовская солҳои 30-юм дар факултетҳои физика ва математика,

химия ва биология аз фанни забонҳои олмонӣ ва русӣ дарс медод.

Феълан, забони хориҷӣ дар давоми чор сол омӯхта мешуд ва мақсади асосии ин фан аз рӯйи ихтисос хондани адабиёти ихтисосӣ ва фаҳмидани мундариҷаи он буд. Факултети забонҳои хориҷӣ соли 1952 ташкил шуда, мутахассисони забони англисӣ омода мекард. Аз соли хониши 1956-1957 факултети номбурда ба омода намудани омӯзгорони забони англисӣ ва забони немисӣ шуруъ намуд.

Нақшаҳои таълимии ихтисоси «Муаллими забони англисӣ (ё немисӣ)» аз фанҳои таърихи Ҳокимияти Шуравӣ, фалсафаи марксистӣ-ленинӣ, иқтисоди сиёсӣ, асосҳои коммунизми илмӣ, инчунин атеизм, психология, педагогика, таърихи педагогика, беҳдошт (гигиена)-и мактаб, методикаи таълими забони хориҷӣ, тарбияи ҷисмонӣ, муқаддимаи забоншиносӣ, машғулиятҳои амалии забони хориҷӣ бо курсҳои фонетикаи коррективӣ, таърихи забон, грамматикаи назарӣ ва меъёрӣ, лексикология, фонетикаи назарӣ, ҷуғрофия, таърихи фарҳанги кишвари англис ё немис, забони русӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои миллӣ, семинару курсҳои махсус гузаронида мешуд, техникаи оҳангдор ва филмҳои таълимӣ гузаронида мешуд. Солҳои 70-80 донишҷӯён курсҳои типологияи муқоисавии забонҳои хориҷӣ ва модарӣ, услубшиносӣ, тафсири матн, минтақашиносӣ ва адабиёти англисиро меомӯхтанд.

Дар таҳқиқоти мазкур нақшаҳои таълимии ду донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «Муаллими мактаби миёна аз рӯйи ин ё он ихтисос» барои солҳои 1950-1990 шинос шуда, хулоса карда шуд, ки нисбат ба омӯзиши забони хориҷӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст. Масалан, барои омодаи намудани мутахассисони баландпоя дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ тақрибан 350 соат ҷудо шудааст. Дар мавриди барномаи таълимии ихтисоси “Муаллими забони англисӣ ё олмонӣ” бошад, он аз фанҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, табиатшиносӣ, сикли

педагогӣ - психологӣ ва фанҳои тахассусӣ иборат буд. Ҳар як фан дар омода намудани омӯзгори баландихтисос саҳми арзанда мегузошт.

Фанҳои "Машғулияти амалии забони англисӣ" ё ИНШХ (инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ), фонетикаи амалӣ ва грамматикаи амалӣ ба донишҷӯён салоҳияти забонӣ ва коммуникативиро ташаккул медиҳанд. Аз андешаҳои боло бармеояд, ки донишҷӯёне, ки ин фанҳоро меомӯзанд, дониши амиқи забонӣ аз лиҳози фонетика ва грамматикаи забони англисӣ ва малакаҳои қавии муоширатӣ тибқи чаҳор навъи фаъолияти нутқ мегиранд.

Фанҳои сикли педагогию психологӣ, инчунин, фанни «Методикаи таълими забони хориҷӣ», семинари махсус оид ба методика, гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курсҳои 3 ва 4 ҷиҳати тайёрии методии омӯзгорони баландихтисос мусоидат карданд. Фанҳои назарӣ, аз қабили грамматикаи назарӣ, фонетикаи назарӣ, лексикология, услубшиносӣ, типологияи муқоисавӣ ва тафсири матн барои таъмини донишҳои назарӣ дар бораи омилҳои мухталифи забонӣ пешбинӣ шудаанд.

Фанҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба тарбияи ғоявию назарии кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат карданд, аммо, мундариҷаи таълими тамоми фанҳое, ки дар барномаҳои таълимии он солҳо пешбинӣ шуда буданд, таҷрибаи забондонии донишҷӯёни тоҷик ва қобилияти фардии онҳо ба назар гирифта намешуд. Таълими забони хориҷӣ тавассути забони русӣ сурат мегирифт. Ҳамаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар шаҳри Москва ба табъ расида, барои донишҷӯёни русзабон пешбинӣ шуда буданд. Аммо фанҳои иҷтимоӣ ба забони модарӣ хонда мешуд.

Солҳои 1935-90 дар факултетҳои ғайризабонӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ соатҳои зиёд ҷудо шуда буданд. Ҳадафи ниҳоии таълими забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ аз он иборат буд, ки ба донишҷӯён малакаи фаҳмиши адабиёти тахассусиро бо забони хориҷӣ таълим медод. Бинобар ин, мундариҷаи таълими забони хориҷӣ аз се

қисм иборат буд:

а) курси муқаддимавии забони англисӣ;

б) курси асосии забони англисӣ;

в) курси махсуси забони англисӣ аз рӯйи ихтисос.

Мувофиқи ин «сохтор ва мундариҷа китобҳои дарсии забони англисӣ зери таҳрири А. Бонд, В. Бонк ва М. Шаҳобова барои донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ таҳия шуданд. Албатта, дар нақша ва барномаҳои таълимии замони Шуравӣ вижагиҳои забони модарии донишҷӯён, неруи зеҳнии онҳо дар омӯзиши забони англисӣ ба инобат гирифта нашудааст» [17, с. 480].

Дар ибтидои солҳои Истиқлоли ҷумҳурӣ дар нақшаҳои таълимӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Дар соли хониши 1991-1992 қабули донишҷӯён ба курси якуми факултети забонҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисоси “Муаллими забонҳои англисӣ (немисӣ) ва модарӣ” роҳандозӣ гардид. Аз соли 1993-94 ва 1995 қабули донишҷӯён ба факултети забонҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисоси «Омӯзгори забонҳои англисӣ ва немисӣ ва немисӣ-англисӣ» сурат гирифта, то соли 2000 идома ёфт.

Соли 1993 дар факултети иқтисодӣ ихтисоси нави «Муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ» кушода шуд ва аз рӯйи ин ихтисос ду гурӯҳ донишҷӯён қабул карда шуданд. Дар факултетҳои фавқуззикр забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм панҷ сол таълим дода мешуд ва донишҷӯён аз ин фан имтиҳони давлатӣ месупориданд. Ихтисоси мазкур то соли 2001 давом карда, баъдан баста шуд.

Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои хориҷи дуру наздик ҳамкориҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, дар натиҷа дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ихтисоси нав кушода шуд. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ихтисосҳои

«Иқтисодиёти ҷаҳон» ва «Муносибатҳои байналхалқӣ», ки дар он 4 сол забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм омӯхта мешавад, кушода шуд.

Бо мақсади муайян намудани ҳадафу мундариҷаи таълими забони англисӣ чунин қарор карда шуд, ки нақша ва барномаҳои таълимии ин фанро омӯхта, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод карда шавад.

Мусаллам аст, ки дар солҳои истиқлолият аз ҷониби ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳаи маориф қабул карда шуд. Яке аз онҳо «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо, сохтор ва мундариҷаи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои рушд ва ҷаҳонишавии маориф мушаххас шудаанд.

Солҳои 1992-2007 дар тамоми факултетҳои донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон забони хориҷӣ, бештар забони англисӣ ҳамчун фанни ҳатмӣ омӯхта мешуд. Дар нақшаи таълимӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ 240 соат ҷудо шудааст. Донишҷӯён дар давоми 6 нимсола забони хориҷиро омӯхта, имтиҳони ниҳоӣ месупориданд. Барномаи таълимии забони хориҷӣ барои донишгоҳ ва факултетҳои ғайризабонӣ курси муқаддимавӣ ва асосиро дарбар гирифта, талабот ба дониш, маҳорати нутқ ва малакаи забондонии донишҷӯён низ зимнан муайян карда мешуд.

Китобҳои дарсии «забони англисӣ (муаллифон Н. А. Бонк, Е. А. Бонди, В. Д. Аракин, З. И. Бурова, М. Шаҳобова) дар асоси усули муқоисавии Шуравӣ мураттаб шуда, иттифоқан омӯзгорон кӯшиш мекарданд, ки дониши шогирдон устувор бошад, аммо ташаккули малакаҳои нутқӣ андак аз эътибор дур монда буд. Табиист, ки дар рафти таълими забони хориҷӣ вижагиҳои забони модарии донишҷӯён ва қобилияти зеҳнии онҳо ба эътибор гирифта намешуд» [17, с. 480; 173].

Аз соли 2015 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисоси нави

«Фарматсия (илми дорусозӣ)» кушода шуд, ки он аз рӯйи фанни забони англисӣ роҳандозӣ шудааст. Дар поён мазмун ва мундариҷаи нақшаву барномаҳои таълимӣ аз фанни «Забони англисӣ»-и ихтисоси мазкур таҳлилу баррасӣ шуда, самаранокии он мушаххас мегардад.

Барномаи таълимии ихтисоси 1-23.01.01 – Фарматсия. Муддати таҳсил 5 сол. Барнома дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олӣ ва талаботи Низомнома дар бораи низоми кредитии таҳсилот (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) мураттаб шудааст.

Дар баробари қайдҳои боло, дар барномаи таълимӣ омӯзиши фанни «Назария ва амалияи тарҷумаи матнҳои дорусозӣ» пешбинӣ шудааст. Ба андешаи мо, миқдори соатҳои ҷудошуда ҷиҳати азхуд кардани забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират кофӣ аст. Баъдан бо мундариҷаи барномаи таълимӣ ва силлабуси забони англисӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои забонҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади таъйини аҳаммият ва самаранокии онҳо (аз нигоҳи лингво-дидактикӣ) тартиб дода шудааст, ошно созем.

Барномаи забони англисӣ аз рӯйи ихтисоси фарматсия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби кафедраи забонҳои хориҷӣ дар соли 2022 тасдиқ шудааст. Дар соли аввал барои омӯзиши забони англисӣ дар барномаи таълимӣ 3 кредит (72 соат), 2 кредит аудиторӣ (48 соат) ва 1 кредит КМД (24 соат) ҷудо шудааст. Кредитҳо - аудиторӣ (32 соат), 1 кредит (16 соат) барои худомӯзӣ. Барнома аз чаҳор бахш иборат аст. Дар қисми аввал ҳадафи омӯзиши забони англисӣ дар соли аввал муайян гаштааст.

Ҳадафи асосии таълими забони англисӣ ташаккули малакаҳои нутқӣ ва қобилияти хондани адабиёти тахассусӣ ва муошират дар мавзуъҳои касбӣ мебошад.

Дар қисми дуюм ҳадафҳои таълими забони англисӣ муайян шудаанд. Дар ин бахш донишҷӯён овозҳо, ҳарфҳо, хондани садонокҳо

дар чаҳор намуд, зада ва интонатсияи забони англисиро меомӯзанд. Ба доираи вазифаҳои таълимӣ омӯзиши навъи ҷумлаҳо, ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ, инкорӣ ва ҳама шаклҳои замонҳои феълӣ низ ворид мешаванд.

Дар қисми сеюм мундариҷаи дарси амалӣ нишон дода шудааст, ки барои 2 соати амалӣ-аудиторӣ ва 1 соат КМД (Кори мустақилонаи донишҷӯ) пешбинӣ гаштааст.

Таҳлили барнома нишон медиҳад, ки барои таълими фонетикаи забони англисӣ, яъне алифбо, овозҳо, садонокҳо, чаҳор намуди талаффузи садонокҳои англисӣ ҳамагӣ ду соат ҷудо шудааст. Ба назари мо, ки чунин тақсимоти мавзуъҳои фонетикӣ аз нигоҳи методӣ нодуруст аст. Аз ин лиҳоз, курси муқаддимавии фонетикаи забони англисӣ лозим аст, ки ҳадафаш инкишоф додани малакаҳои талаффуз ва техникаи хониш бо садои баланд мебошад.

Хусусияти дигари барнома дар он инъикос мегардад, ки дар мундариҷаи таълим интихоби ҳадди ақали грамматика риоя нашудааст. Масалан, дар мундариҷаи машғулият мавзуъҳои зерин ворид нашудаанд: *to have, modal verbs, there is/are, indefinite pronouns, degrees of comparison, possessive case of the noun, much, many, few, little, prepositions of time, place and direction* ва ғ. Ба андешаи мо, барномаи фавқуззикр нодуруст таҳия шудааст, ки онро ҳатман таҷдиди назар кардан зарурият дорад.

Нақшаи таълимӣ бояд ҳадафи дақиқ, вазифа ва тавсифи мухтасари мундариҷаи таълимро бо адабиёти тавсиявӣ инъикос намояд. Дар барномаи курсҳо бояд талаботи ниҳоӣ нисбат ба дониш, малакаҳои нутқӣ ва малакаҳои забондонӣ низ дохил карда шаванд.

Тибқи муқаррарот ҳар як барномаи таълимӣ бояд бо муқаддима оғоз шавад, мутаассифона, ин нуқтаи муҳим дар барномаҳои баррасишуда ҳангоми таҳқиқот тамоман ба чашм нарасид.

Ба назари инҷониб, дар барномаҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта, мақсад ва вазифаҳои таълими забони англисӣ барои

донишҷӯёни ихтисоси «Муносибатҳои байналхалқӣ», "Дорусозӣ", "Иқтисодиёти ҷаҳон" дар муқоиса ба вижагиҳои ихтисоси аввал чандон дуруст муайян нашудаанд ва асосҳои лингводидактикии таълими забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюм аз мадди назар дур мондаанд. Ҳамзамон дар раванди шиносоӣ бо мундариҷаи барномаи таълимии забони англисӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ хулосаҳои зерин бароварда шуд:

– мақсади таълими забони англисӣ новобаста аз миқдори соатҳои ҷудошуда ва хусусияти ихтисоси якум нодуруст муайян карда шудааст;

– интихоби маводи забонӣ ва нутқӣ барои расидан ба ҳадаф бе назардошти вижагиҳои забони модарии донишҷӯён сурат гирифтааст;

– дар тақсимоти маводи забонӣ ва нутқӣ принсипи зарурати ҳодисаҳои забонӣ барои нутқ ва принсипи назардошти дараҷаи душвории маводи луғавӣ - грамматикӣ ба инобат гирифта намешавад;

– принсипи ҷудо сохтани маводи грамматикии маъмулӣ ва ретсептивӣ дар забони англисӣ риоя карда намешавад;

– принсипи интихоби лексикаи фаъол ва ғайрифаъоли донишҷӯ риоя карда намешавад;

Ҳамин тариқ, дар асоси қайдҳои мутазаккир метавон ба хулосае омад, ки нақша ва барномаҳои таълимии забони англисӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ ва кафедраи робитаҳои байналмилалӣ ба ислоҳоти ҷиддии илмӣ ниёз доранд.

Барои ташкили самараноки раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаи таълимӣ дараҷаи асоснокии илмӣ ва методии таҳияи китоби дарсӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар таҳқиқот китобҳои дарсии забони англисӣ барои факултетҳои забонӣ ва ғайризабонӣмавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шуд.

Барои таълими забони англисӣ «дар факултетҳои ғайризабонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Китоби дарсии забони англисӣ», қисми

1 зери назари Н. А. Бонк истифода мешавад. Таълим аз рӯйи ин фан барои донишҷӯёни факултетҳои химия, физика, биология, математика, дорушиносӣ ва тиббӣ дар асоси барномаи таълимӣ сурат мегирад.

Тибқи нақшаи таълимии намунаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) дар ду нимсолаи соли аввали хониш ҳамагӣ 8 кредит (128) соат ҷудо шудааст. Аз он 64 соат барои машғулияти аудиторӣ, 64 соат кори мустақилонаи донишҷӯён таҳти роҳбарӣ ва бидуни омӯзгори забони англисӣ ҷудо карда шудааст.

Ин китоби дарсии забони англисӣ барои донишҷӯёне, ки бо забони русӣ таҳсил мекунанд, аз рӯйи ихтисоси «дорушиносӣ»-и донишгоҳҳои Россия пешбинӣ шуда, аз панҷ қисм иборат аст. Аммо корбурди он дар раванди таълими донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо сабабҳои зерин бесамар дониста мешавад:

«– мундариҷаи маводи забонӣ ва нутқии китоби дарсӣ (қисми якум) аз ҷиҳати азхудкунӣ душвор аст;

– мавзуи қисми асосии китоби дарсӣ ба самти касбии донишҷӯён аз рӯйи ихтисоси якум мувофиқ нест;

– дар китоби дарсӣ вижагиҳои забони модарии донишҷӯён ба назар гирифта нашудааст;

– омодагии донишҷӯёни курсҳои аввал ба омӯзиши забони англисӣ ба инобат гирифта нашудааст;

– имкониятҳои фардии донишҷӯён ба ҳисоб гирифта нашудааст ва қобилиятҳои маърифатию тафаккури онҳо дар сатҳи зарурӣ инкишоф намеёбанд;

– китоби дарсӣ барои рушди салоҳияти коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ мусоидат намекунад, зеро он дар асоси усули таълими грамматикӣ таҳия шудааст;

– принсипи дидактикии таълими забони англисӣ ба дараҷаи зарурӣ

дар асоси маводи аслӣ ба назар гирифта нашудааст;

– дар китоби дарсӣ инчунин принсипи пайвастагии омӯзиши ҳамаи намудҳо ва ҷузъҳои фаъолияти нутқӣ дида намешавад» [17, с. 480].

Дар факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон забони англисӣ дар муддати 6 нимсола омӯхта мешавад. Барои омӯзиши ин фан 28 кредит (448) соат, аз ҷумла 14 кредит барои дарсҳои аудиторӣ ва 14 кредит барои кори мустақилонаи донишҷӯён ҷудо шудааст.

Курси забони англисӣ дар асоси китоби дарсии «English for businessmen» қисми якум (муаллифон Е.А. Дудкина, М.В. Павлова, З.Г. Рей, А.Т. Хвалнова)  гузаронида мешавад.

Дар муқаддимаи китоби дарсӣ навишта шудааст, ки он аз шаш қисм иборат буда, барои мутахассисони соҳаи робитаҳои берунӣ - иқтисодӣ ва барои шаш нимсолаи таҳсил пешбинӣ шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки китоби дарсӣ аз курси муқаддимавии фонетикӣ оғоз шуда, ҳадафаш омӯзонидани малакаҳои талаффуз ва хондани ҳарфҳо ва ҳиҷоҳои англисӣ мебошад. Дар баробари ин, ташаккули малакаҳои фонетикӣ дар асоси маводи луғавию грамматикӣ сурат мегирад.

Курси муқаддимавии фонетикӣ аз шаш ва курси асосӣ аз ҳафт дарс иборат буда, ҳар як дарс дорои 4-5 мавзуъ (Units) мебошад. Бартарии методӣ дар он зоҳир мегардад, ки аз ибтидо маводи забонӣ ва нутқӣ сирф хусусияти касбӣ дорад. Грамматика дар мисоли моделҳои нутқӣ ва дар дохили матнҳои хониш таълим дода мешавад. Миқдори зиёди машқҳо ба ташаккул ва инкишофи нутқи гуфтугӯй-шифоҳӣ бахшида шудаанд. Бо «тамоми самаранокии системаи ин китоби дарсӣ, барои гурӯҳҳои тоҷикии ихтисосҳои ғайризабонӣ таълими фанни забони англисӣ бо сабабҳои зерин ба пуррагӣ мувофиқ нест:

– китоби дарсӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои русӣ пешбинӣ шудааст;

– мундариҷаи муқаддимавӣ-фонетикӣ ва курси асосии таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни курси аввал вобаста ба барномаҳои таҳсилот ба таври зарурӣ дастрас ва фаҳмо нест;

– дар тақсимоти мавзуъҳо вижагиҳои забони модарии донишҷӯён ба назар гирифта нашудааст;

– машқҳо барои азхуд намудани сохторҳои забонӣ хусусияти коммуникативӣ надоранд;

– китоби дарсӣ дорои амалия, арзишҳо ва урфу одатҳои донишҷӯёни ғайримиллӣ мебошад (масалан, An evening at home, p.80, exercise 35, p.84);

– дар китоби дарсӣ принсипи алоқамандӣ ва ҳамбастагии асоснокии таълими забони англисӣ ба инобат гирифта нашудааст;

– дар китоби дарсӣ омилҳои ташаккул ва рушди малакаи шунавоӣ пешбинӣ нашудаанд»[32, с. 748].

Аз ин ҷо бармеояд, ки зарурати таҳияи китоби дарсии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ бо назардошти вижагиҳои забони модарӣ, дараҷаи омодагӣ, инчунин хусусияти инфиродӣ ва зеҳнии донишҷӯён дар доираи муносибати коммуникативӣ амри саривақтӣ мебошад.

Бо мақсади муқоиса тасмим гирифта шуд, ки дар рисолаи мазкур бо китобҳои дарсии забони англисии факултетҳои ғайризабонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров шиносоӣ пайдо карда шавад. Дар натиҷа маълум гардид, ки «дар факултетҳои ғайризабонии ДДХ ба номи Б. Ғафуров фанни забони англисӣ дар асоси китоби дарсии забони англисӣ (А. Н. Бонк) ва донишҷӯёни курси якуми шуъбаи дорусозӣ фанни забони англисиро бар асоси китоби дарсии «Headway, Beginner 4th edition, University of Oxford» меомӯзанд. Китоби номбурда аз се қисм иборат аст:

“Дастурамали омӯзгор”, “Китоби донишҷӯ” ва “Китоби вазифаҳои хонагӣ”. Барои таълими грамматикаи забони англисӣ «English Grammar in use»-и Р. Мерфи истифода мешавад.

Таҳлили китобҳои дарсии забони англисӣ собит сохтанд, ки силсилаи китобҳои англисии "Headway" Beginner, Elementary, Pre-intermediate, Pre-intermediate, Intermediate, Upper - intermediate барои донишҷӯёни маърифати забондониашон ибтидоӣ ва барои шахсоне, ки забони англисиро бо методи таълими коммуникативӣ азхуд мекунанд, пешбинӣ шудааст.

Ба ҷуз ин, дар китобҳои дарсӣ курси муқаддимаи фонетикаи забони англисӣ пешбинӣ нашудааст, зеро бидуни донишҳои фонетикӣ хондан, навиштан, шунидан ва ҳарф задан басо кори сангин аст.

Ҳамчунин, «дар китобҳои фавқуззикр вижагиҳои забони модарии донишҷӯён, донишҳои мактабии онҳо барои аз худ намудани забони англисӣ ба назар гирифта нашудааст. Миқдори машқҳои луғавӣ-грамматикӣ ва нутқӣ дар ин китобҳои дарсӣ барои автоматикунонии маҳорати нутқии донишҷӯён кифоя нест» [17, с.480].

Қайд кардан зарур аст, ки «донишҷӯёни курси дуюми ихтисосҳои ғайризабонӣ ҳанӯз омӯзиши забони англисиро бо истифода аз китоби дарсии забони англисии Н. А. Бонк (қисмҳои 1-2) [17, с.480], китоби «Грамматикаи амалии забони англисӣ»-и В. Рутской ва «Фонетикаи амалии забони англисӣ»-и Л. Н. Трофимова таҳсил мекунанд» [75, с. 94].

Таҳлили китоби дарсии забони англисии фавқуззикр қаблан анҷом ёфт, бинобар ин таҷдиди таҳлилро лозим нашуморидем.

Дар хусуси китобҳои дарсии грамматика ва фонетикаи забони англисии В. Ф. Трофимова ва В. Рутский, ки дар курси дувум истифода мешаванд, барои ихтисос донишҷӯёни ин бахш бо сабабҳои зерин мувофиқат намекунад: курси забони англисӣ барои донишҷӯёни курсҳои боло дар асоси усули комплексӣ таълим дода мешавад, яъне фонетика,

грамматика ва лексика дар раванди такмили малакаҳои нутқии гуфтор, шунидан, хондан ва навиштан омӯхта мешавад.

Дар факултетҳои ғайризабонии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таълими забони англисӣ дар асоси КТМ (Комплекси таълимӣ-методӣ), ки аз ҷониби омӯзгорони кафедраи забонҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисос мураттаб шудааст, гузаронида мешавад.

Дар раванди шиносоӣ бо барномаи таълимии забони англисии факултетҳои ғайризабонӣ хулосаҳое ба даст омаданд, ки барномаи таълимӣ ва силлабус аз нигоҳи методӣ дурустанд. Дар онҳо асосҳои забонии таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ инъикос гашта, мундариҷаи маводи забониро бо назардошти талаботи системаи кредитии таълим дуруст муайян мекунанд.

Омӯзиши забони англисӣ дар ду нимсола сурат гирифта, дар нимсолаи аввал донишҷӯён бо мақсади гирифтани таълими умумӣ аз фонетика, грамматика ва лексика, инчунин асосҳои нутқи гуфтугӯйӣ ва навиштани забони англисиро меомӯзанд.

Дар нимсолаи дуюм донишҷӯён аз рӯйи ихтисос забони англисӣ меомӯзанд. Омӯзгорони кафедраи забонҳои хориҷӣ мувофиқи ҳар як ихтисоси факултетҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дастуру воситаҳои таълимӣ тартиб додаанд, ки мундариҷаи таълими ин васоит ба талаботи ихтисоси асосӣ ҷавобгӯ аст.

### 1.2 Вазъи таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар шароити таълими низоми кредитии таҳсилот дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон

Системаи таҳсилоти кредитӣ-рейтингӣ, ки имрӯз тақрибан ҳамаи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи он фаъолият мебаранд, паҳлӯҳои мусбат ва манфӣ дорад. Он аҳли таҳқиқро водор месозад, ки масъалаи бартараф намудани камбудиҳои ин система дар

раванди таълимро мӯшикофона ҳаллу фасл намоянд.

Бо мақсади муайян кардани вазъи муосири таълими забони англисӣ дар курси аввали факултети дорусозии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мо дар соли таҳсили 2018-2019 дар дарсҳои амалии забони англисӣ ширкат варзидем.

Нахуст, ҳолати кори мустақилонаи донишҷӯён дар омӯзиши забони англисӣ баррасӣ карда шуд. Тибқи қоидаҳои таълими кредитӣ-рейтингӣ қисми зиёди вақти академии донишҷӯ ба кори мустақилона бахшида шудааст. «Низомнома дар бораи ташкили таълими кредитӣ-рейтингӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаи меъёриву ҳуқуқии кори мустақилонаро ба таври возеҳ танзим мекунад:

– кори мустақилонаи донишҷӯ воситаи асосии аз худ намудани маводи таълимӣ дар вақтҳои холӣ аз таҳсил мебошад;

– соатҳое, ки барои кори мустақилонаи донишҷӯ ҷудо шудаанд, бо нақшаи таълимӣ мувофиқа шуда, бояд на камтар аз 1/3 ва на бештар аз 2/3 вақти умумии таҳсилро фаро гиранд;

– мазмуни кори мустақилонаи донишҷӯ аз фанни мушаххасе, ки барои омӯзиши фанҳои муайян таъин шудааст, бо нақшаи таълим, маводи методӣ, супориш ва дастурҳои омӯзгор муайян карда мешавад.

Барои иҷрои корҳои мустақилона донишҷӯён аз омӯзгорон супоришу дастурҳои мушаххас мегиранд, ки омӯзгорон бояд аз болои ин навъи кори донишҷӯён мунтазам назорат кунанд. Ҳар як омӯзгор бояд дар сарбории таълимӣ соатҳои таълимӣ барои назорати кори мустақилона ва соатҳои кори инфиродӣ бо донишҷӯён дошта бошад, ки он ҳам мисли дигар намудҳои фаъолияти таълимии хонандагон ба нақша гирифта шудааст. Дар таълими забони англисӣ кори мустақилона аз рӯйи намудҳои тафтиши қайдҳои донишҷӯён, навиштаҳои машғулияти лексионӣ ва амалӣ, реферат, хондан, тарҷума ва нақл кардани адабиёти бадеии англисӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта мешавад.

Бо мақсади ошноӣ бо усулҳои таълими забони англисӣ дар соли аввали ихтисоси «Дорусозӣ», «Муносибатҳои байналхалқӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳон»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чанд машғулияти амалиро аз фанни забони англисӣ дидан намудем.

Дар асоси таҳлили дарсҳои забони англисӣ хулосаҳои зерин ҳосил шуданд: а) мавзуъҳои дарс ба нақша ва барномаи таълимӣ мувофиқат мекунанд; б) дарсҳо бештар хусусияти назоратӣ доштанд; в) омӯзгор бештар ба тафтиши супориши фонетикӣ, қиёсу муқобалаи матн бо тарҷумаи он машғул буд; г) дарсҳо асосан дар пояи усули грамматикӣ-тарҷумавӣ, муқоисавӣ-муқобилавӣ роҳандозӣ мешуданд; д) барои шарҳи муфассали ҳодисаҳои забонӣ вақти зиёд сарф мешуд.

Ҳангоми машғулият машқи фаъоли омӯзиши ҳодисаҳои забонӣ ҷой надошт. На ҳамаи донишҷӯён ба рушди фаъолияти нутқӣ ҷалб карда шуданд. Салоҳияти маърифатию коммуникативии омӯзгорон беҳбудӣ мехоҳад.

Тести санҷишӣ барои муайян кардани сатҳи салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни курси аввали ихтисоси «Фарматсия» ва сатҳи омодагӣ ба омӯзиши забони англисӣ:

Объектҳои назорат:

**1. Хониш** (reading comprehension skills):

а) хондани матни кӯтоҳ (тарзи хониш);

б) хондани сужаи кӯтоҳ бо мақсади бидуни луғат фаҳмидани мундариҷаи он.

2. **Ҳарфзанӣ** (speaking comprehension skills):

а) нутқи монологӣ;

б) нутқи диалогӣ.

3. **Шунавоӣ** (listening comprehension skills):

**4. Навиштан:**

а) тарзи навишт;

б) нутқи хаттӣ.

**5. Маводи луғавӣ-имлоӣ.**

1. Хониш. а) хондани матни хурд бо овози баланд.

Мақсади назорат. Сатҳи ташаккули малакаҳои фонетикиро муайян сохтан.

**6. Меъёрҳои баҳодиҳӣ:**

1. Дуруст талаффуз кардани овозҳои забони англисӣ;

2. Хониши дурусти калимаҳо бо риояи қоидаҳои фонетикӣ;

3. Истифодаи дурусти зада, оҳанг ва интонатсияи забони англисӣ;

4. Зудхонӣ

б) бе овоз хондани матни кӯтоҳ барои фаҳмидани мазмуни он.

**Мақсади назорат.** Санҷидани сатҳи фаҳмиши мундариҷаи матни хондашуда. Ҳаҷми матн: 120-150 калима. Вижагии матн. Сужа. Меъёрҳои баҳодиҳӣ: 85-100% фаҳмиши мазмуни матн – аъло, 70-84% – хуб, 50-69% – қаноатбахш, 1-49% – ғайриқаноатбахш.

1. Ҳарфзанӣ. а) Нутқи монологӣ. Нақли шифоҳӣ дар мавзуи пешниҳодшуда. Меъёрҳои баҳодиҳӣ. 1. Суръат ва сифати ҳарфзанӣ; 2. Риояи қоидаҳои фонетикӣ; 3. Риояи қоидаҳои грамматикӣ; 4. Корбурди дурусти луғат. 5. Мантиқ ва мунтазамии баён. 6. Ҳаҷми баён.

2. Шунавоӣ. Тарзи назорат. Шунидани матни хурд. Мақсад. Муайян сохтани сатҳи фаҳмиши мундариҷаи матн. Меъёрҳои баҳодиҳӣ мисли ҳамон меъёрҳои хониш аст.

3. Навиштан.

а) Тарзи навиштан;

Усули санҷиш – диктант.

Ҳаҷми диктант барои донишҷӯёни курси аввал 120 калима; меъёрҳои баҳодиҳӣ: зиёда аз 15 хато – ғайриқаноатбахш; 10-15 хато – қаноатбахш; 3-9 хато – хуб; 1-2 хато – аъло.

б) нутқи хаттӣ; Усули назорат – навиштани эссе (иншо). Ҳаҷми эссе:

барои курси аввал – 200 калима; меъёри баҳодиҳӣ: одатан 2 баҳо гузошта мешавад: баҳои аввал барои риояи қоидаҳои имло; баҳои дувум барои 1. ҳаҷми эссе; 2. мазмуну мундариҷаи он; 3. мантиқи эссе; 4. пайдарпайии ғояву андешаҳо; 5. ҳусни баён.

Барои донишҷӯёни курси аввали ихтисоси "Дорусозӣ" дар ду гурӯҳ аз рӯйи вижагӣ ва талаботи фавқуззикр тести санҷишӣ гузаронида шуд. Санҷиши аввал барои муайян кардани дараҷаи ташаккули малакаҳои фонетикӣ нигаронида шуда буд. Ба донишҷӯ порчаи матн дода шуд, то ки бо овози баланд хонда шавад.

Намунаи матн:

IN A TRAIN CAR

Tom and his father want to go to the country. They take a train. In the train Tom puts his head out of the window every minute. His father says, “Tom, keep quiet! Don’t put your head out of the window!” But Tom doesn’t listen to him. Then Tom’s father takes his son’s cap, puts it behind his back and says, “Your cap is far away now.” Tom begins to cry. His father says, “Well, whistle! Your cap may come back.” Tom comes up to the window and whistle. His father quickly puts the cap on Tom’s head. Tom likes it. He quickly takes his father’s cap and throws it out of the window. “Now it is your turn to whistle,”… he says.

Дар санҷиши навбатӣ 34 нафар донишҷӯ иштирок намуд. Натиҷаҳои санҷиш дар ҷадвали 1 низ оварда шуд.

**Ҷадвали 1.**

| **Ҳамагӣ** | **Аъло** | **Хуб** | **Қаноатбахш** | **Ғайриқаноатбахш** |
|---|---|---|---|---|
| 34 | 4 | 6 | 8 | 16 |

Чунончи, аз маълумоти ҷадвал маълум гардид, зиёда аз 50%-и донишҷӯён баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд. Ғалатҳои маъмулӣ: талаффузи нодурусти садоҳои байнидандонӣ, риоя накардани дарозии садонокҳо, иваз кардани садои лаболабии |w| бо садои лабу дандонии |v|.

Хониши нодурусти калимаҳои ***country, train, out, minute, listen, behind, away, head, quiet, whistle, turn***. Яклухт ва якҷоя хондани иборахо, бозистодан ва қоидаи интонатсия одатан риоя карда намешавад.

1. Бе овоз хондани матн. Ҳадаф. Муайян кардани сатҳи фаҳмиши мазмуни матни додашуда бидуни вожанома.

Матни боло барои хониш пешниҳод гардид.

**Ҷадвали 2.**

| **Ҳамагӣ** | **Аъло** | **Хуб** | **Қаноатбахш** | **Ғайриқаноатбахш** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 34 | - | 7 | 8 | 19 | |

Дар ҷадвал нишон дода шудааст, ки аз 34 нафар донишҷӯ танҳо 15 нафараш аз ухдаи иҷрои супориш ба таври мусбат баромаданд. 19 нафар донишҷӯ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд, ки он зиёда аз 50 фоизи шумораи умумии иштирокчиёнро ташкил дод. Донишҷӯён бе луғат маънои калимаҳои зеринро нафаҳмиданд: ***Country, train, put out, head, keep quiet, behind, back, cry, whistle, may, quickly, throw, turn.***

2. Ҳарфзанӣ. Нутқи монологӣ. Усули назорат. Нақли шифоҳӣ дар мавзуи додашуда. Мавзуи “My day” пешниҳод гардид. Донишҷӯён дар алоҳидагӣ даъват ва пурсида мешуданд, то ки аз ҳамдигар кумак нагиранд.

Ҷавобҳои донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ шуд: 1. Ҳаҷми баён: 20 ва болотар – аъло, 15-19 – хуб; 8-14 – қаноатбахш, 1-7 – ғайриқаноатбахш. 2. Риояи қоидаҳои фонетикӣ; 3. Риояи қоидаҳои лексикӣ; 4. Риояи қоидаҳои грамматикӣ; 5. Равонии нутқ.

**Ҷадвали 3.**

| **Мавзуъ** | **Равонии нутқ** | **Риояи қоидаҳои фонетикӣ** | **Риояи қоидаҳои грамматикӣ** | **Риояи қоидаҳои лексикӣ** | **Мундариҷа 34** |
|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзи ман | 34/5 | 34/25 | 34/11 | 34/5 | 34/5 |
| Хонаи ман | 34/4 | 34/12 | 34/8 | 34/6 | 34/4 |
| Дӯсти ман | 34/4 | 34/8 | 34/6 | 34/10 | 34/8 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзи истироҳати ман | 34/5 | 34/5 | 34/4 | 34/7 | 34/6 |
| Фаслҳои сол | 34/2 | 34/4 | 34/ 5 | 34/ 6 | 34/7 |
| Кишвари ман | - | - | - | - | - |
| Мактаби ман | - | - | - | - | - |
| Шаҳри ман (деҳа) | - | - | - | - | - |
| Душанбе | - | -- | - | - | - |
| Шуғли ман | 34/0 | 34/0 | 34/0 | 34/0 | 34/0 |

Таҳлили натиҷаҳо нишон медихад, ки нутқи шифоҳии донишҷӯёни курси якум аз камбудиҳои зерин иборат аст: равонии нутқи ҳар як донишҷӯ ба талаботи барнома комилан мувофиқ аст, ба нутқи онҳо фосила ё сактаҳои беасос хос аст; ҳаҷми пешниҳодоти ягон донишҷӯ ба меъёри муқарраршуда ҷавобгӯ нест; захираи хурди луғавии донишҷӯёни курси якум имкон намедиҳад, ки онҳо фикру андешаҳои худро баён кунанд; бинобар ин дар нутқи донишҷӯён хатоҳои зерин бештар ба мушоҳида расиданд: партофтани артиклҳо, истифодаи нодурусти пешояндҳои макон ва замон, ҳазфи шаклҳои феълҳои ёвар ва модалии “to be”, “to have”, to do”, “can, may, must” ва омехта кардани шаклҳои замони феълӣ.

Нутқи диалогӣ бо далели ташаккул наёфтани малакаҳои муоширати донишҷӯён санҷида нашуд.

**3. Шунавоӣ**

Барои санҷиши сатҳи ташаккули маҳорати шунавоӣ ба донишҷӯён матни зерин барои фаҳмидан пешниҳод карда шуд: My unforgetable teacher.

In 1977, we were sent to school and enrolled in the Devashtich district. In front of the school building, a kind-hearted man greeted us with a smile. This man also gave us a piece of candy.

The teacher kindly showed us into the classroom and said, "My dear children! You have now become students. Come to school every day, I will be

waiting for you."

Every day during the lessons, the teacher told us stories and fairy tales. And they influenced our moral development. Our teacher was very kind and caring. Every student who answered the lesson, the teacher would play and praise him, saying sweet words about him.

Our teacher was a good teacher, and his good deeds will never be forgotten.

Аз чаҳор ҷавобҳои додашуда дурусташро интихоб намоед:

1. When did you begin the first class?

a) In the morning; b) at night; c) in the evening; d) 10 years ago.

2. Why did he always bring candy?

a) Because of the earthquake; b) because of the fire; c) for the children; d) because of the strong thunderstorm.

3. What did they do during the class?

a) Putting off the fire; b) fighting with each other; c) standing and watching the fire; d) talked about the class.

4. Who joined the people standing and watching the fire?

a) a guest; b) a police: c) a fireman; d) the monitor of the village.

5. When did the teacher come?

a) When he heard the alarm; b) when he felt the earthquake; c) when he heard somebody call him; d) in the morning.

6. What did he the children go home?

a) He washed his face; b) he put on the light; c) he lighted a cigarette; d) after classes.

7. What kind of man was the teacher?

a) The tie; b) the belt; c) the hat; c) very kind.

8. Where was the school itself?

He didn’t put on his tie; b) Devashtich district; c) he didn’t put on his trousers; d) he didn’t put on his cap.

Натиҷаҳо дар ҷадвал оварда шуданд:

**Ҷадвали 4.**

| Ҳамагӣ | Аъло | Хуб | Қаноатбахш | Ғайриқаноатбахш |
|---|---|---|---|---|
| 34 | - | 4 | 5 | 25 |

Чунончи, аз натиҷаҳо бармеояд, на ҳамаи донишҷӯён мазмуни матнро ба пуррагӣ фаҳмиданд. Танҳо чаҳор нафар донишҷӯ тавонистанд, ки ба пуррагӣ ҷавоби дуруст ёбанд. Панҷ нафар донишҷӯ танҳо чаҳор ҷавоби дуруст доданд. 25 нафари боқимонда бештар аз се ҷавоби дуруст пешниҳод карданд. Пас, метавон хулоса намуд, ки аксари донишҷӯён аз уҳдаи иҷрои вазифаи пешниҳодшуда набаромадаанд, зеро дарки маънои калимаҳои зеринро натавонистанд: ***fire, alarm, blankets, overcoats, join, excited, light, wear, take off, lose, trousers.***

Вазифаи навбатӣ муайян кардани дараҷаи ташаккули маҳорати нутқи хаттӣ буд. Усули назорат: диктант барои санҷидани дониши имлоӣ.

**About school library**

There is a library in our school. It is a very good and calm place to study an enhance knowledge. As I like reading books I go there every day with my classmate usually we take some literature books. My friends name is Halim. He is a very clever boy and knows three languages: English, Russian and Tajik. His hobby is studying forieng literature. It helps him to strengthen his language skills.

At the same time, Halim and me go to some clubs as English club, Math club, Art club as we want to know more about the world. Also, we go to the same library of English Litrature at school. We usually get good marks. We hope to be good specialists in future.

Хулосаи санҷиш ва арзёбӣ дар ҷадвали 5 оварда шудааст:

**Ҷадвали 5.**

| Ҳамагӣ | Аъло | Хуб | Қаноатбахш | Ғайриқаноатбахш |
|---|---|---|---|---|
| 34 | - | 4 | 5 | 25 |

Тавре ки аз ҷадвали 5 бармеояд, танҳо 9 нафар донишҷӯ

супоришро иҷро карданд. 25 нафари боқимонда бошанд супоришро иҷро карда натавонистанд. Иштибоҳҳои маъмул аз калимаҳои зерин иборат буданд: everywhere, light, chemistry, geography, newest, biology.

Ҷиҳати муайян кардани дараҷаи ташаккули малакаи нутқи хаттӣ ба донишҷӯён супориш дода шуд, то ки ба яке аз мавзуъҳои зерин иншо нависанд: My hobby, my favorite writer (poet, singer, actor, hero).

Аз натиҷаҳо бармеояд, ки ягон нафар донишҷӯ ҳатто ба баҳои қаноатбахш иншо навишта наметавонад.

Баъдан тасмим гирифта шуд, ки сатҳи ташаккули маҳорати лексикӣ ва грамматикии донишҷӯён муқаррар карда шавад. Бинобар ин ба донишҷӯён тести лексикию грамматикӣ аз рӯйи маводи барномаи таълимии мактаби миёна аз фанни забони англисӣ пешниҳод карда шуд. Ҳаҷми тест 50 ҷумларо ташкил медод. Мундариҷаи тест аз калимаҳои маъмули грамматикӣ иборат буд.

Choose the correct form (Шакли дурустро интихоб кунед).

1. John and I ……good friends.

a) are; b) is; c) am; d) have.

2. What's …..mother? She is a teacher.

a) Her; b) his; c) your; d) their.

3. My father …. a car.

a) is; b) have; c) has; d) is having.

4. …… much water in the river in summer.

a) it is; b) there is; c) there are; d) it has.

5. My father has two …… .

a) a sister; b) sister; c) sisters; d) sister's.

6. Do you love your mother? Sure. I love ….. very much.

a) she; b) her;c) hers; d) him.

7. Do you have …brothers or sisters?

a) a; b) some; c)any; d) little.

8. I have …. time. I can go with you.

a) many; b) little; c) much; d) few.

9. It often ….. in spring in our country.

a) rains; b) rain; c) is raining; d) rained.

10. What …. your father do? He is a driver.

a) does; b) do; c) is; d) did.

11. Whose book is it? It is ….book.

a)his; b) he; c) he's; d) him.

12. Where ….. you spend your last summer holidays?

a) was; b) do; c) have; d) did.

13. Where … you spend your coming summer holidays?

a) do; b) are; c) will; d) have.

14. When the light is red we … stop walking.

a) can; b) may; c) must; d) are.

15. Don't speak loud. The child … ….. in the room.

a) are sleep; b) is sleeping: c) sleeps; d) asleep.

16. It is 12 o'clock. Let's have … .

a) dinner; b) breakfast; c) supper; d) lunch.

17. How many rooms ….. in your flat?

a) there are; b) are there: c) is there; d) have.

18. What do children like to do in winter?

a) to swim; b) to run; c) to make snowballs; d) to play cards.

19. Where does the sun rise?

a) in the east; b) in the west; c) in the east; d) in the south.

20. My sister usually ….excellent marks.

a) gets; b) get; c) is getting; d) is get.

21. English pronunciation is ……….than German.

a) difficult; b) very difficult; c) more difficult; d) the most difficult.

22. What language ….you……at school?

a) did/you; b) do/ you. c) are/ you; d) will/ you.

23. What ……. your mother……at six o'clock yesterday?

a) was/doing; b) were/doing; c) is/doing; d) has been doing.

24. Why aren't you writing the exercise? I …..already…..it.

a)am written; b) has wrote; c) have write; d) have written.

25. What are you doing? I ……...

a) am thinking; b) think; c) have thought; d) am think.

26. My brother studies at the university. He is a ………… .

a) a teacher; b) a student; c) a pupil; d) a waiter.

27. We eat the meal with a ……

a) spoon; b) a knife; c) a pan; d) spade.

28. We cook meals ….. .

a) in the sitting-room; b) in the kitchen; c) in the dining-room; d) in the bedroom.

29. What do you clean your flat with?

a) a conditioner; b) a heater; c) a dish washer; d) a vacuum cleaner.

30. What do you clean your teeth with?

a) a soup; b) a tooth-brush; c) a shampoo; d) powder.

31. What do you call your brother's wife?

a) sister-in law; b) aunt; c) sister; d) a cousin.

32.What animal gives milk for people?

a) a cat; b) a dog; c) a camel; d) a cow.

33. What do we call a man who sells meat?

a) a barman; b) a farmer; c) a butcher; c) a baker.

34.What do we call people who grow fruit, vegetables and grain?

a) builders; b) farmers; c) agronomists; d) landlords.

35. What do we add to tea to make it sweet?

a) salt: b) pepper; c) milk; d) sugar.

36. What happens with water at -0 degrees below zero?

a) it boils; b) it freezes; c) it melts; d) evaporates.

37. Why do people go to the theatre?

a) to watch football match; b) to watch plays and performances; c) to dance;

d) to sing.

38. Where do you usually buy bread?

a) at the bakery; b) at the grocery; c) at the confectionary; d) at the jewelers.

39. Which game is played by six players in each team?

a) tennis; b) hockey; c) football; d) volleyball.

40.What meat do not the Muslims eat?

a) beef; b) pork; c) mutton; c) chicken.

41. What cannot people do?

a) swim; b) hunt; c) speak; d) fly.

42. What is bread made of?

a) wheat; b) milk; c) water; d) salt.

43. Where do people buy air tickets?

a) at the box-office; b) at the booking office: c) at the supermarket;

d) at the chemists’.

44. Where do children under seven go every day except Saturday and Sunday?

a) to school; b) to the kindergartens; c) to clubs: d) mountains.

45. What is the main crop of our country?

a) wood; b) tea; c) cotton; d) bananas.

46. When do the leaves fall on to the ground?

a) summer; b) spring; c) winter; d) autumn.

47. One who designs buildings and constructions?

a) an architect; b) an engineer; c) an accountant; c) an economist.

48. Loik Sherali was a great Tajik …..

a) an artist; b) a producer; c) a painter; d) a poet.

49. One who serves in the bar is ----.

a) a waiter; b) a clown; c) a barman; d) a conductor.

50. Who is your uncle’s son to you?

a) a nephew; b) a cousin; c) a niece; d) an uncle.  [83, c. 90]

Натиҷаҳои таҳлили иҷрои тест дар ҷадвали зер оварда шуданд:

**Ҷадвали 6**

| Навъи тест | Миқдори донишҷӯ | Аъло | Хуб | Қаноатбахш | Ғайриқаноатбахш |
|---|---|---|---|---|---|
| **Лексикӣ** | 34 | - | 4 | 8 | 22 |
| **Грамматикӣ** | 34 | - | 2 | 7 | 25 |

Чунончи, дар ҷадвали 6 аз қатори тести лексикӣ бармеояд, танҳо 12 нафар супоришро иҷро намуда, 22 нафар супоришро умуман иҷро карда натавонистанд, дар тести грамматикӣ 9 нафар донишҷӯ онро иҷро намуда, аммо 25 нафар аз уҳдаи иҷрои супориш тамоман набаромаданд.

Дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо мақсади беҳтар намудани сифатнокии он чораҳои мухталиф андешида мешавад. Аз он ҷумла, таъмин бо маводи таълимии муосир, таҷҳизоти гуногуни муосири таълимӣ, ки барои мустаҳкам намудани заминаҳои асосии таълим мусоидат менамоянд, пайваста чораҷӯйӣ мешаванд. Ин амал бар он мусоидат менамояд, ки сифати таълим дар муассисаҳои мо ҳам ба сатҳи баланд баромада, мувофиқ ба меъёрҳои муайяншуда гардад ва ба талаботи бозори меҳнат ва таъмини сифати таълим комилан мувофиқат намояд.

Аз ин рӯ, ҷиҳати иҷрои нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик кардани сифати таҳсилоти касбӣ, ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо субъектҳои бозори меҳнат, беҳтар гардонидани дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар онҳо, ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир зарурати сифатан рушд намудани низоми омода намудани онҳо пеш омадааст, ки он дар навбати худ аз ҷаҳонишавии низоми таҳсилот вобастагӣ дорад.

Бояд хотирнишон созем, ки барои ба ҳадафҳои гуногуни сифатнокӣ расидан як қатор чорабиниҳои таълимӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар ин раванд таҷдиди назар кардани маводи таълимӣ, самтҳои пешбарандаи сифати таълим, ташкили озмоишгоҳҳо ва паркҳои таълимӣ, мувофиқ намудани сатҳи дониши устодон бо усулҳои таълими муосир тавассути курсҳои такмили ихтисос, рушду такомули ҳамкории устодон бо донишгоҳҳои дигар дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар чораҳои зарурии таълимӣ ба сомон расонида мешаванд.

Новобаста аз ин, ҳанӯз ҳам омилҳое мавҷуданд, ки боиси паст гардидани сифати таълим дар ин зинаи таҳсилот мегарданд.

Бояд ба инобат гирифт, ки дар шароити омезиши ҳамкориҳои гуногун дар соҳаи таълим ва ҳамкориҳои самаранок бо мақсади вуруд ба муносибатҳои байналмилалӣ дар самти таҳсилот самаранокии сифати таҳсилот аҳаммияти махсус дорад, зеро ин амал барои расидан ба ҳадафҳои гуногуни давлатӣ ва рақобатпазирӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мусоидат карда метавонад.

Мувофиқи талаботи “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” «такомул ва рушди маориф ва самтҳои мухталифи он, ки ба меъёрҳои ҷаҳонии сифати таълим ва таҳсилот мувофиқат мекунад, яке аз унсурҳои муҳимми сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад» [1].

Бояд қайд намуд, ки дар баробари андешаҳо ва масъалаҳои зикршуда, Ҳукумати ҷумҳурӣ низ дар ин самт бетараф нест. Аз ин рӯ, мунтазам супоришҳои гуногуни давлатӣ оид ба омӯхтани забон ва ҳатмӣ будани он дода мешавад ва дар ин раванд тағйиру иловаҳо низ дароварда мешаванд. Дар ҳамин замина, Протоколи маҷлиси машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз санаи 21.05.2018, таҳти №16/10-124 зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба буҷаи

вақт бо дарназардошти зиёд шудани ҳафтаҳои таълимӣ ва то 15 кредит зиёд гардидани ҳаҷми кредитҳо дар бахши фанҳои тахассусии нақшаҳои таълимӣ ба миён омад.

Дар ин замина, нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардид, ки шуруъ аз 1 сентябри соли 2018 дар муассисаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор дорад.

Тибқи зерқисмати банди 2. 2-и Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” – Ислоҳоти умумисистемавии барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ 18 ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ барои таҷдиди назар намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисос интихоб гардид, ки пас ба чор гурӯҳ тақсим шуданд:

Гурӯҳи 1-ум: Илмҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ (таърих, забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ);

Гурӯҳи 2-юм: Илмҳои табиӣ-риёзӣ ва дақиқ (математика, биология, география, физика, химия, технологияи информатсионӣ, технология аз рйи ихтисос).

Гурӯҳи 3-юм: Педагогика (таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, тарбияи ҷисмонӣ, санъати мусиқӣ);

Гурӯҳи 4-ум: Таҳсилоти фарогир (равоншиноси амалӣ, олигофренопегогика, сурдопедагогика).

Барои татбиқи ин масъала гурӯҳи корӣ аз 30-юми сентябри соли 2019 бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 107/2 таъсис дода шуда буд. Инчунин, барои мутобиқат бо стандартҳои ҷаҳонии таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ ва раванди Болония бо шарикони хориҷӣ даҳҳо шартномаҳои ҳамкории муштарак низ баста шуд.

Аз ҷониби гурӯҳи корӣ намунаи стандарти давлатии таҳсилоти

олии касбӣ аз рӯйи ихтисоси “Математика” дар шаклҳои мухталиф таҳия карда шуд, ки аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ намунаи имрӯз пешниҳодшаванда интихоб гардид. Инчунин, бо пешниҳоди мутахассисони ҳирфавии ватаниву хориҷӣ пешниҳод карда шуд, ки мафҳуми “Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисос” ба “Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисос номгузорӣ карда шавад”.

Барои таҳия Барномаи таҳсилотии типпи нав як чанд чорабиниҳо амалӣ гардиданд:

1. Бахши фанҳои заминавӣ (компоненти давлатӣ) аз 72 кредит ба 60 кредит (бо назардошти 6 кредити фанни тарбияи ҷисмонӣ) минбаъд дар нақшаҳои таълимӣ кам карда шуд. Қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон № 6/18 аз 28.04.2020;

2. Фанҳои таълимӣ дар доираи бахшҳо ва модулҳо таҳия гардида, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид, ки заминаи асосии нақшаҳои таълимиро таъмин месозад;

3. Дар баробари ин тағйирот дар самти асоснокии номгӯй, мазмуну мундариҷаи блок ва модулҳо ворид шуданд, мафҳумҳои таҷдидшуда ва муосир, бо мақсади таҳияи лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровaрда шуданд;

4. Бо дастгирии мушовири хориҷӣ ва дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ дастури “Роҳнамо оид ба таҳия ва баррасии барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ омода карда шуд. Роҳнамои мазкур бо мақсади расонидани кумаки техникӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ), Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ (МҶТМ) ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) дар рафти таҳия ва баррасии барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳои намунавӣ ва кории таълимӣ, силлабусҳо дар асоси раванди Боллония таҳия шуд.

Намунаи барномаи таҳсилотӣ ва нақшаи таълимӣ бо Маркази

ҷумҳуриявии таълимӣ-методии ВМИ ҶТ мувофиқ карда шудааст.

Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” барои баррасӣ ва тасдиқи таснифоти фанҳои таълимӣ аз рӯйи бахшҳо ва модулҳо, барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисос ва нақшаи намунавии таълимиро пешниҳод намудааст. Ҳуҷҷатҳои мазкур барои таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ дар соли таҳсили 2021 - 2022-и ҳамаи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шудаанд.

## 1.3 Меъёрҳои интихоби маводи забонӣ аз фанни забони англисӣ дар ташаккули салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии донишҷӯён

Салоҳияти коммуникативӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ нақши муҳим дорад. Бо назардошти аҳаммияти коммуникативии забони англисӣ дар ҳаёти донишҷӯён, таваҷҷуҳи онҳоро ба омӯзиши забони хориҷӣ дар асоси таълими қонунҳои фонетика, лексика, грамматика бояд ҷалб намуд, зеро он ба бунёди дурусти ҳарф задани забони англисӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Бо мақсади дарки функсияи коммуникативии забони англисӣ, аҳаммияти омӯзиш ва пажуҳиши самтҳои таълими он дарк ва фаҳмиши донишҷӯёнро фарохтар намуд. Ин амал бар он мусоидат мекунад, ки донишҷӯ дар шинохт ва омӯзиши вожаву мафҳумҳоиноравшан зиракӣ нишон диҳад, зеро он дар оянда барои ташаккули шахсии ӯ замина гузошта, бо мақсади соҳибихтисос шуданаш кӯмаки амалӣ мерасонад. Дар ин раванд, муошират ва муносибаҳо бо қишрҳои мухталифи ҷомеа пайомадҳои мусбиро ба бор меоваранд.

Дар баробари ин, дар омӯзиш ва таълими забони англисӣ шавқу рағбати донишҷӯ нақши муҳим дорад. Маълум аст, ки дар раванди рушду такомули забонҳо забони англисӣ низ дур намондааст, аз ин рӯ, тавассути ҳамкориҳо ва равобитҳои гуногун, пешрафти илму техника ба забон мафҳумҳои мухталиф ворид гардиданд, ки боиси такмил ёфтани

қувваҳои зеҳнии инсоният гардиданд.

Дар раванди рушду такомул вожаву калимаҳои нав ба хазинаи луғавӣ дохил шуда, ҳамчун калимаҳои аслии забон мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин амал дар такомули захираи луғавии забон мусоидат намуд.

Бояд таъкид созем, ки дар ин замина воситаҳои калимасозии забонҳои дигар ба забони англисӣ бетаъсир намемонанд. Онҳо ки ба хазинаи луғавӣ ворид шуданд ё дар шакли аслӣ ё бо тағйирот мавриди истифода қарор мегиранд, яъне нақши калима ва калимасозӣ аҳамиятнок мегардад. Ин амал бар он боис мешавад, ки категорияҳои гуногуни калимасозӣ ё илова мешавад ва ё ба асли забон ҳамроҳ мегарданд.

Мусаллам аст, ки таҷриба барои баланд бардоштани қобилиятҳои гуногун мавқеи муҳим дорад. Махсусан, дар дарсҳои забони англисӣ, ки таҷрибаи таълим асоси муваффақият ба ҳисоб меравад, ниҳоят зарур аст. Дар доираи ҳамин андеша бояд ба инобат гирифт, ки барои аз худ намудани таҷрибаи мусоид ба омӯзандагон эҷоди шароити мусоити таълим ва коромӯзӣ зарур аст.

Дар таълими забони англисӣ на танҳо донишҳои забонӣ муҳим аст, балки ошно будан бо таърих, фарҳанг ва хулқу атвори соҳибзабонон низ таҷриба маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти андешаҳои мазкур такомул ва рушди донишҳои забонии донишҷӯёнро ба бахшҳои мухталиф тақсим намудан имконпазир аст:

• Бахши таҳлил ва таҷдид – қобилияти гуногуни зудҳаракатӣ, тафаккури фарох, маҳорати интихоб, маҳорати дарки тафовут ва ғайраҳо;

• Бахши маҳорати эҳсос – маҳорати арзёбии эҳсосҳои гуногун, воқеаву ҳодисаҳо, қобилияти дарки далелу зуҳурот, тафаккури

рушдёфтаи тасвирӣ ва ғайраҳо.

• Бахши маҳорати эҷодӣ – қобилияти пайдо намудани ҳалли масъалаҳо дар асоси донишҳои азхуднамуда, маҳорати дарки натиҷаҳо, маҳорати пайдо намудани малакаи беҳтарин, қобилияти масъалагузорӣ ва асоснокии он, маҳорати ҳалли масъалаҳои гузошташуда, интихоби саҳеҳ ва дақиқ.

Вазифаи омӯзгор, пеш аз ҳама, «таълими самаранок маҳсуб меёбад, ки тавонад ба донишҷӯ донишҳои забониро омӯзонад. Дар ин асос, маълум мешавад, ки бисёр паҳлӯҳои таълимро ӯ дар раванди фаъолияти касбӣ аз худ карда метавонад. Такомули маҳорати таълим ва эҷод дар раванди фаъолият имкон медиҳад, ки қобилиятҳои гуногуни азхуднамудаашро рушд дода, сифатан ба таълими самаранок сару кор гирад. Ин амал боис мегардад, ки шавқу рағбати омӯзгор низ нисбат ба касбияташ бештар гардад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки барои расидан ба сифати баланди касбият ба донишҷӯён зарурати вусъат додани малакаву маҳорати эҷодӣ зарур аст. Дар ин асос ба роҳ мондани фаъолияти мустақили эҷодӣ дар заминаи касби интихобнамуда, ки тавонад маҳорати гуногуни гуфтугӯйӣ, нутқи шифоҳӣ ва инчунин нутқи хаттиро вусъат диҳад, самараи хуб ба бор оварда метавонад. Ин амал дар тақвияти суханронии омӯзгор ҳамаҷониба мусоидат намуда баҳри тақвияти маҳорати суханварӣ, иштирок дар баҳс, изҳори ақидаву андешаҳо кумак менамояд. Яъне ҳар чи қадаре кор дар самти иҷрои супоришҳои гуногун печ дар печ ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар натиҷаҳо хубтар аён мешаванд.

Дар ин асос барои ба ҳадафҳои зикршуда ноил шудани омӯзгори оянда иҷрои шартҳои зерин зарур маҳсуб меёбад, зеро онҳо самаранокии дарсҳоро беҳтар карда метавонанд:

• ба инобат гирифтани маҳорат ва малакаи омӯзгорӣ, ки касбияти ӯро нишон медиҳад;

• таъмини мактаб ва дар умум муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, ҳамкориҳои методӣ, ки ба раванди таълим таъсир расонанд;

• таъмини шароити кории омӯзгор, ки ба ҳолати равонии ӯ таъсири мусбат расонида тавонад;

• имконияти ташаккули эҷодии омӯзгор, ки ба фаъолияти таълимии ӯ монеа эҷод насозад, зеро таълим бо эҷод алоқаи ногусастанӣ дорад;

• ба инобат гирифтани низоми таълим, ки дар сатҳҳои гуногун ба донишҷӯ монеа насозад, баръакс барои омодагии ӯ ба оянда имконият, майл, шавқ рағбатро дар замираш ҷой карда тавонад;

• таълими хислатҳои мусбии инсонӣ, ташаккули ҳисси ватандориву ватандӯстӣ, эҳтиром нисбат ба забони модарӣ ва аз ҷумла забонҳои дигар, ташаккул шахсият ҳамчун омӯзгори асил ва дилсӯз нисбат ба шогирдаш, эҳтироми ҳамкорон ва ҳамкасбони дигар;

• ба роҳ мондани таълими озод (беруназсинфӣ).

Бояд таъкид намуд, ки дар самти муоширатии таълими забони англисӣ омодагии донишҷӯро барои иҷрои вазифаҳои забонӣ ва нутқӣ, инчунин машқҳои дорои хусусияти иттилоотию коммуникативиро дар назар дорад. Мақсади ин тарзи таълим омӯзонидани забони хориҷӣ бо истифода аз тамоми усулу методҳои зарурӣ ҷиҳати инкишофи фаъолияти нутқ мебошад.

Дар раванди азхуд кардани забони ангисӣ паҳлӯҳои мухталифи шахсият такмил меёбад. Дар ин замина донишҳои забонӣ, маҳорати касбӣ, маҳорати суханварӣ низ пайваста мавриди рушд қарор мегиранд. Барои такмил додани донишҳои забонӣ донистани заминаҳои граматикии таълим нақши созанда дорад, зеро дар заминаи он ташкили дониши мустаҳкам ва самаранок имконпазир арзёбӣ мешавад.

Омӯзиши коммуникативӣ аз ташаккули сифатҳои муносибати эҷодии донишҷӯён ба фаъолияти нутқиву зеҳнӣ ва истифодаи забон

ҳамчун воситаи муошират иборат аст.

Омӯзиши забони англисӣ, қабл аз ҳама, азхуд кардани сатҳу зинаҳои пайванди забониро дар бар мегирад, масалан, фонетика, лексика, калимасозӣ, грамматика ва ғайраҳо. Ҷиҳати бо забони англисӣ озод ва равон ҳарф задан, донишҷӯён бояд бо зинаҳои номбурда пурра ошно шуда, муносибатҳои байни онҳоро омӯзад ва нақши онҳоро дар раванди муошират ҳамаҷониба дарк намояд. Маҳз татбиқи робитаҳои системавии сатҳи забонӣ дар ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ мусоидат мекунад.

Донишҳои забонӣ на танҳо донистани зинаҳои аввалро дар бар мегирад, балки аз худ намудани сарчашмаҳои гуногуни сохтории забон дар ҳама самтҳои омӯзиш муҳим арзёбӣ мешаванд.

Бояд гуфт, ки забони англисӣ аз забони модарии донишҷӯён вобаста ба сохтори забонӣ ва вижагиҳои ҳиссаҳои нутқ куллан фарқ мекунад. Принсипи асосии таълими он якҷоя омӯхтани сохти луғавӣ, категорияҳои грамматикӣ, қонунҳои фонетикӣ мебошад, ки нисбат ба забони модарии донишҷӯён хусусияти хос доранд.

Бо назардошти мақсадҳои таълими забони англисӣ принсипи асосии методиро метавон қонуни самти коммуникативии таълим номид, яъне таълим бояд донишҷӯро ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ даъват ҷалб намояд ва рушди қобилияту малакаҳои нутқӣ ба мисли муошрати табиӣ ба қадри зарурӣ сурат гирад.

Бархе аз олимони соҳа бар он андешаанд, ки ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ба раванди таҳсилот ва сифатнокии он бетаъсир намемонад. Дар ҷомеа муносибат ба меъёрҳои муқарраргардида аҳаммиятноканд, зеро онҳо ба самтҳои асосӣ ишора менамоянд, ки барои ба низом даромадани ҳадафҳо мусоидат менамоянд ва дар такмили шахсият нақши худро мегузоранд. Гузоштани ҳадаф ва расидан бар он дар асоси меъёрҳои ҷорӣ сабаби самаранок гардидани таҳсил ва натиҷаи он гашта

метавонад. Ин амал ба инкишофи шахсии ҳар як фард ва такомули салоҳияти касбиаш заминагузор мегардад, яъне ҳамчун ихтисосманди соҳаи худ қобилияти афзалиятдоштаро ба худ касб менамояд.

Бояд зикр намоем, ки дар омӯзиш ва таълими забони англисӣ дар баробари забонҳои хориҷӣ такмил додани маҳорати нутқ мавқеи муҳим дорад. Барои ба ин гуна ҳадафҳо расидан ба омӯзандагон зарур аст, ки аз маводи аслӣ истифода баранд ва пеш аз ҳама, дар доираи он маҳорати шунавоии худро такмил диҳанд. Кор дар самти азхудкунии маводи дигар ба монанди истифодаи рӯзномаю маҷаллаҳо, истифодаи филмҳои ҳунарӣ ва намоишномаҳои мухталиф, ки ҳадафи таълимӣ доранд, зарур мебошад, зеро дар ин сурат хонанда метавонад, ки хазинаи луғавиашро аз як тараф ғанӣ гардонад ва аз тарафи дигар маҳорати шунавоӣ ва нутқашро рушд диҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар заминаи иҷрои амалҳои зикршуда донишҷӯ маҳорати кори мустақилонаро аз худ мекунад, ки дар омӯзиши забон мавқеи асосӣ дорад, зеро дар раванди мустақилона кор кардан бо маводи гуногуни таълимӣ, такмили донишҳои забонӣ ба вуҷуд меояд, ки дар замири донишҷӯ ҳисси шавқ, рағбат ва иродаро бедор мекунад. Ин гуна амалҳо барои мутахассиси оянда амри зарурӣ маҳсуб меёбанд. Мустақилона кор кардан, ки ба ҳама хос нест, метавонад, ки дар баробари хусусусияту хислатҳои зикршуда, эҳтироми донишҷӯро нисбат ба касбаш, ба Ватан, модар ва дигар арзишҳои миллӣ боз ҳам бештар гардонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ба вуҷуд омадани андешаҳои таҷдидшудаи муосир аз худ намудани забони англисӣ, махсусан, аз нигоҳи касбӣ ба рушду такомули хислат ва сифатҳои гуногуни шахс мусоидат карда метавонад.

Бар замми аз худ намудани донишҳои забонӣ ва касбият ба донишҷӯ муяссар мешавад, ки дар такомули хислатҳои дигари хеш, ба

мисли пайдо намудани маҳорати муошират бо дигарон, таҳаммул дар ҳалли масъалаҳои касбӣ, майл ба корҳои тадқиқотиро пайдо кунад.

Барои ба ҳадафҳои ниҳоӣ расидан дар самтҳои зикршуда дар давраи таълим ҳадафмандона ҷой кардани андешаҳои зикршуда дар замири донишҷӯ ва насли наврас зарурат дорад, зеро ин амал ба ӯ дар иҷрои вазифаҳои касбиаш мусоидати амалӣ карда метавонанд.

Бояд ба инобат гирифт, ки дар «замони муосир, ки ҳоло мову шумо қарор дорем, андеша ва масъалаҳои мухталифи педагогӣ, ки ба раванди таълим таъсиргузоранд, ниҳоят зиёд ба назар мерасанд ва онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар заминаи низоми муайяни таълими муосир усулҳои таълим ва корҳои таълимӣ мукаммал ва такмил дода мешаванд.

Ҳамин мукаммалӣ фарогири тамоми паҳлӯҳои педагогӣ буда, истифодаи онҳо дар давраи фаъолияти амалии донишҷӯ ҳамчун омӯзгор ниёз пайдо мешавад. Донишу малакаи фаннӣ ба касби ояндаи донишҷӯ ҳамбастагӣ дорад, аз ин рӯ, наметавон якеро бидуни рушду такомули дигар самт тасаввур намуд.

Мусаллам аст, ки ҳама муассисаҳое, ки бо таҳсилоти олии касбӣ сару кор доранд, дар доираи талаботи ҷомеаи имрӯза мутахассис омода менамоянд. Ин амал албатта бо самтҳои рушди гуногуни пешгирифтаи сиёсати имрӯзаи давлату кишвар алоқамандӣ дорад ва метавонад, ки дар интихоби касб донишҷӯёнро роҳнамоӣ намояд»[18, с. 56].

Бояд зикр намоем, ки дар самти “роҳнамоӣ ба касби оянда корҳои гуногуни илмиро дучор шудан мумкин аст. Дар ин ҷода асарҳои донишмандни соҳа ба монанди  А. Вербитский, А. Б. Каганов” [158, с. 209], Н. В. Кузмина, Ю. А. Кустов [125, с. 336-337], А. К. Марков ва дигар педагогони машҳур беназир аст.

Донишмандони соҳа дар ин ҷода зимнан мафҳумҳои мухталифро пешниҳод намудаанд, ки ҳадафҳои роҳнамоиро амиқ месозад. Масалан, мафҳуми «тамоюли касбӣ» ба вожаи истифодашудаи боло “роҳнамоӣ”

муродифият дорад. Зери ин мафҳум шавқу рағбат, ҳадафу манзури донишҷӯ, дилбохтагии ӯ ба касби оянда, инчунин майлу хоҳиш дар назар дошта шудааст.

Донишманди соҳа Ю. А. Кустов дар ҳамина замина ишора мекунад, ки «Муносибати ҷавонон ба интихоби касб дар ҳалли масъалаи мавқеи шахс дар ҷамъият аҳаммияти фавқулода дорад, зеро ҷавонон танҳо бо меҳнати худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз рӯйи ин ё он ихтисос саҳм мегузоранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари интихоби касб дар замири донишҷӯ ифтихор ва эҳтиром нисбат ба интихобаш пайдо шуда, иродаи ӯро нисбат ба ояндааш боз ҳам пурқувват месозад. Ин амал, албатта, орзуи ҳар як ҷавон мебошад, зеро ин гуна амалҳо қадамҳои аввалин ва мустаҳкам дар самти муайян сохтани ояндаашон мебошад.

Ҷавонон огоҳ ҳастанд, ки дар сурати мутахассиси соҳа шудан ва пайдо кардани донишу малакаи касбӣояндаи худро месозанд ва таъмин карда метавонанд. Ин амал барои онҳо дастоварди калон ва амиқ маҳсуб меёбад. Оид ба интихоб андешаҳои гуногун вуҷуд дорад ва албатта онҳо ба касби интихобшуда алоқаманданд, яъне агар донишҷӯ дар касби интихобкардаи худаш қобилияту маҳорати ибтидоиро дошта бошад, он дар раванди таълим асоси муваффақияти ӯ шуда метавонад. Натиҷаҳои самаранок дар самти азхудкунии забон барои ӯ аллакай таъмин буда метавонанд» [125, с. 76].

Бояд зикр намуд, ки интихоби дуруст ва саҳеҳ асоси муваффақият ва пешрафти омӯзиш маҳсуб меёбад. Пас метавон интихоби худро самаранок татбиқ намуд, ҳамчунин ба бо усули нав тиҷорат оғоз кард ва оқибат дар такмили касб ба натиҷаҳои дилхоҳ метавон расид. Шахс аз худтакмилдиҳии бомуваффақият ва ҷавобгӯ ба талаботи бозор будани хеш ҳаловат мегирад. Аммо агар насли наврас бешуурона касби хештанро интихоб намояд, маъмулан ноумед мегардад ва дар ин росто

ба рушди ҷомеа саҳм намегузорад. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби касб ба мутахассисони оянда мувофиқи салоҳият бояд рохнамой кард.

Бояд таъкид созем, ки рушду такомули касбият дар раванди фаъолияти амалии омӯзгорӣ зарурат дорад, зеро дар амалия кор шаклу равиши дигар дорад. Ин амал, махсусан, дар омӯзиши забони англисӣ хусусияти фарққунанда дорад, зеро усулҳои гуногуни таълим, ки ҳамарӯза ба миён меоянд, ба омӯзиш ниёз доранд, зеро онҳо касбияти донишҷӯро мустаҳкам сохта, ба интихоби ӯ таъсиррасон буда метавонанд.

Самти касбӣ дар мундариҷаи таълими касбӣ тавассути роҳандозӣ намудани робитаи он бо ихтисоси оянда татбиқ мешавад. Самти касбӣ робитаи дохилии фанҳои таълимии умумӣ ва махсусро амалӣ хоҳад кард.

Таҳлилҳо бар он меоваранд, ки барои азхуд намудани забони англисӣ интихоби мавод, ки ҳадафи асосии дарсро ташкил медиҳад, муҳим аст. Ҳангоми таълими забони англисӣ барои азхуд намудуни забон ва озод муоширাт кардан ин амал ва низоми дуруст ба роҳ мондани он асосӣ маҳсуб меёбад. Мушаххас ба роҳ мондани зинаҳои омӯзиши он, ки сабаби асосии самаранокии таълим шуда метавонанд, зарур аст.

Дар раванди таълим дуруст омӯзонидани калимаву вожаҳо ибораву воҳидҳои дигари забонӣ, ки боиси ғанӣ гардидани захираи луғавии донишҷӯ мегардад, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар баробари ин, мушаххас тақсим намудани самтҳои таълим, яъне аз рӯйи ихтисосҳо ҷамъ ва пешниҳод намудани маводи омӯзишӣ низ зарур аст, зеро донишҷӯ ба ҳамаи он ниёз дорад. Пешниҳод ва таълими забони англисии умумӣ ҳадафмандона нест, зеро он наметавонад самараи хуб диҳад ва ба натиҷаҳои баланд оварда расонад. Аз ин рӯ, маводи таълимии пешакӣ омодашуда метавонад, ки дархӯри масъала бошад. Интихоби матн, грамматикаи дарс ва таълими дигар ҳодисаҳои забонӣ, албатта хуб аст,

вале яктарафа таълим додани он масалан, танҳо грамматикаи забон барои озодона ҳарф задан ҳеҷ гоҳ кумак расонида наметавонад.

Дар раванди таълим ва омӯзиши забон низоми муайяни таълим, ки фарогири тамоми самтҳо бошад, зарур аст. Низоми муайян ва омодакардашуда бо таълим ва омӯзиш робитаи ногусастанӣ дорад. Барои ба мақсад наздик шудан ба инобат гирифтани ҳамин низом зарурати воқеист, зеро навъҳои мухталифи гуфтор, ки муошират ва зинаҳои онро дар бар мегиранд, бояд дар зери ин низом, зина ба зина аз худ карда шаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ маводи таълимӣ дар тамоми соҳаҳо таҷдиди назар карда шуданд. Аз он ҷумла, дар самти омӯзиши забони англисӣ китобҳои дарсӣ бо забони модарӣ, нашр шудани луғату фарҳангҳои мухталиф барои такмил ва таълими забони англисӣ ҳамаҷониба мусоидат намуданд. Ин амал бар он боис мегардад, ки хонандаи мо хазинаи луғавиашро дар заминаи арзишҳои миллӣ, дар муқоиса бо забони модариаш аз худ намояд, ки дар таълим ва омӯзиш натиҷаҳои дилхоҳро ба даст меоварад.

Омӯзиши адабиёти хориҷӣ дар асоси тарҷумаи асарҳои гуногуни нависандагони ватаниву хориҷӣ, такомули таҷриба миёни муассисаҳои мухталиф як самти дигари баланд бардоштани сифати забондонии донишҷӯён гардид.

Такомули таҷрибаи забондонӣ ин амалест, ки дар амалия ба хонанда имкони баланд намудани сифати нутқ ва дар умум донишҳои забониашро фароҳам меоварад. Дар баробари ин, ҳамин гуна таҷрибаҳо имкон фароҳам меоварад, ки хонандагон ва донишҷӯёни забони англисӣ қобилият ва маҳорати гуногуни худро дар самти забондонӣ такмил диҳанд, аз он ҷумла, маҳорати муошират, дарку фаҳмиш, навишт ва дигар маҳорате, ки барои забондон зарурӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои он ки донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонии кишвар

имкони ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ дошта бошанд, омӯзгорон кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки камбудиҳои раванди таҳсили донишҷӯёнро такмил диҳанд ва ба онҳо тарзи кор бо луғатро омӯзонанд, зеро он барои ташаккули нутқи забони хориҷӣ маводи муҳимми созанда мебошад. Дар ин раванд якчанд луғату фарҳангҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки барои пешрафти соҳа мусоидат намудаанд, аз он ҷумла, “Фарҳанги донишгоҳии англисӣ – тоҷикӣ” [63, с. 1016] зери таҳрири А. Мамадназаров, “Луғати мухтасари синонимҳои англисӣ-тоҷикӣ” зери таҳрири Н. Туйғунов” [92], “Грамматикаи забони англисӣ” зери таҳрири Н. Туйғунов ва Ф. Сангинов” [93] ва дигар асарҳои даврони муосир дар ин раванд кумаки амалӣ хоҳанд расонд.

Бояд қайд намоем, ки истифодаи луғату фарҳангҳои зикршуда барои донишҷӯи имрӯзаи мо муҳим арзёбӣ мешавад, зеро дар заминаи арзишҳои миллӣ ва бо забони модарӣ фаҳмидану дарк кардании маъноҳои гуногуни калимаву вожаҳои забони бегона барои пешрафти омӯзиш мусоидати беназир менамояд.

Аслан, дар солҳои охир якчанд асарҳои нависандагони тоҷик дар баробари китобҳои дар боло зикршуда ба тарҷумаи бевосита фарогир шуданд, ки нақши онҳо низ дар омӯзиши забон баланд аст. Омӯхтану аз худ намудани асарҳои бадеӣ барои тақвияти нутқи хонанда муҳим мебошад, зеро тавассути онҳо имкони ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ дучанд мегардад. Дар баробари ин, донишҷӯ аз имконоти дурусти тарҷума намудан бохабар шуданаш мумкин аст, ки маҳорати тарҷумонии ӯро сифатан баланд месозад.

Дар аввалҳои даврони соҳибистиқлолӣ камбудии асосӣ дар самти таълими забон норасоии китобҳои дарсӣ, адабиёти бадеӣ маҳсуб меёфт. Оҳиста-оҳиста ҳамин камбудиҳо ва норасоиҳои таълимӣ бартараф шуда истодаанд, ки барои донишҷӯи имрӯзаи мо имконоти дигареро фароҳам сохта истодааст. Ин амал барои дар оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан

дар самти омӯзиши забон амали ниҳоят арзишманд мебошад.

Чизи дигаре, ки дар самти таълим мушкилот эҷод мекунад, дуруст «ба роҳ мондани таълими имло, корбасти калимаву вожаҳо, ибораҳои фразеологии забони бегона, аз ҷумла, забони англисӣ мебошад, зеро забони англисӣ мушкилоти мухталифи истифодаи онҳоро дорад, ки на ҳамеша ба ҳама фаҳмо ва возеҳ аст. Дар баробари ин, грамматикаи забони англисӣ нисбат ба грамматикаи забони тоҷикӣ хусусиятҳои гуногуни фарққунанда дорад, ки онҳоро бидуни мушаххассоти илмӣ аз худ намудан имконнопазир аст. Бо назардошти ҳамин мушкилот асарҳои дар боло зикршуда ва андешаҳои иброзгардида метавонанд, ки барои ҳалли ҳамин гуна масъалаҳо кӯмак расонанд.

Нуктаи дигаре, ки мушкилоти аз худ намудани донишҳои забонӣ ба ҳисоб меравад, истилоҳот мебошад. Маълум аст, ки дар баробари инкишофи техникаву технологияи муосир забонҳо рушд мекунанд ва калимаву вожаҳои гуногун, махсусан соҳавӣ ба миён меоянд. Дар таълими забон бояд ҳамин паҳлӯҳои забономӯзӣ низ ба инобат гирифта шавад, зеро таълими яктарафа наметавонад, ки ба натиҷаи дилхоҳ оварад»[61, с. 90].

Бояд зикр намоем, ки дар аксар макоиби олӣ имрӯзҳо таълим аллакай дар заминаи ихтисос ба роҳ монда шудааст, аммо кор дар ин самт ҳанӯз қонеъкунанда нест. Дар муассисаҳое, ки махсусан забономӯзӣ ба роҳ монда шудааст, донишҷӯён наметавонанд фарогири таълими ҳама соҳаҳо гарданд. Дар ин раванд бояд андешаҳои ҷадид, усулҳои муосири таълими ҷандҷониба ба роҳ монда шуда, таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти ин намуди омӯзиш омӯхта шавад.

Дар таълими забон аслан, нақши омӯзгор хеле муҳим аст, зеро тарҳрезии дарс аз ӯ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дуруст ба нақша гирифтани он асоси самаранокии дарсро ташкил медиҳад. Масалан, барои ба амал баровардани ҳамин ҳадафҳо роҳҳои зеринро истифода

намудан мумкин аст:

1) Истифодаи ифодаву калимаҳои нави забон дар раванди таълими мавзуъҳои гуногун, ки ин вожа ва истилоҳҳо тавонанд, ки ба фаҳмиши хонанда наздик шаванд ва оҳиста-оҳиста дар зеҳни ӯ ҷой гиранд.

2) Истифодаи доираи васеи матнҳои соҳавӣ ва кор бо истилоҳоти соҳавӣ, ки тавонанд шавқи хонандаро дар омӯхтани истилоҳот бештар созанд

3) Шарҳи имконоти васеи истифодаи истилоҳои соҳавӣ дар доираи фарогирии маъноии онҳо ва ғайраҳо.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқот таҳияи методологияи таълимест, ки ба ташаккули салоҳияти касбӣ ва коммуникативии мутахассисони оянда нигаронида шудааст.

Технологияи таълими забони англисӣ, ки аз ҷониби мо таҳия ва пешниҳод шудааст, дорои хусусияти хос мебошад. Маълум аст, ки ҳадаф аз истифодаи технологияи муосир такмил додани маҳорати касбӣ ва муоширатии хонандагон ва донишҷӯён буда, назарияро бо амалия пайванд месозад.

Бо ин мақсад дар шароити муосир тамоми муассисаҳои таълимӣ рӯ ба таҳизонидани синфхонаҳои таълими забономӯзӣ овардаанд, ки ин амал бесабаб нест. Дар раванди истифодаи технологияи навтарин донишҷӯ аз маҳоратҳои мухталифи касбӣ огоҳ шуда, равнақ меёбад ва минбаъд онро дар амалия, дар раванди фаъолияти омӯзгориаш истифода мебарад.

Бояд дар назар дошт, ки дар раванди таълим ва пешрафти илми омӯзгорӣ усулҳои навтарини таълим рӯз ба рӯз кашф шуда, ҳолатҳои беҳтарини он дар барномаҳои таълимӣ ворид карда мешаванд ва соҳибкасбон аз онҳо самаранок истифода мебаранд. Ҳолатҳои тағйирёбии усули таълим албатта ба манфиати кор мебошад, аммо ҳамеша бояд ҳолати донишандузии худи донишҷӯёнро низ ба инобат

гирифт, зеро омӯзгори ботаҷриба дар заминаи сатҳи дониши донишҷӯ усули таълими минбаъдаашонро интихоб намуда, дар ҳамон зина кору фаъолият менамояд. Ин гуна интихоб боиси натиҷа додани кори омӯзгор мегардад.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияи муосир дар таълим самарабахшанд. Ин амал, аз як тараф, агар завқи хонандаро бедор созад, аз ҷониби дигар, ба хонанда таъсири мусбат мебахшад, зеро кору омӯзиш бо истифодаи технологияи нав ба дили хонандаи имрӯз наздиктар аст. Ворид намудани тағйирот дар ин самт ҳамеша боиси дастгирии ҷомеа мебошад.

Бояд зикр намоем, ки раванди тараққиёти технологияи муосир ба забономӯзон имконоти бештареро додааст. Дар ин раванд такмили маҳорату дониши онҳо тавассути филмҳои мухталифи адабиёти бадеии электронӣ, омода будани фитаҳои гуногуни забономӯзӣ, сабтҳои аудоиву видеоиро ворид намудан мумкин аст, ки ба сифати таълим таъсиргузоранд. Албатта, воситаҳои муосир имрӯзҳо хеле зиёд ба назар мерасанд, аммо масъала дар он аст, ки самаранокии истифодаи онҳо дуруст ба роҳ монда шуда бошад, ки тавонад ба маърифати донишҷӯ мусоидат кунад. Дар баробари ин, хондану аз бар намудани забон тавассути воситаҳои техникии зикршуда ҳам хуб ҳастанд, аммо бояд аз адабиёти дигар низ даст накашид, зеро дар аксар маврид бартариҳоро дар таълим бояд ба инобат гирифт. Истифодаи маводи миллӣ ва хориҷӣ дар раванди таълим ба маърифати хонандагон таъсиррасон аст. Аз ин рӯ, афзалиятҳо ё камбудиҳоро дар самти интихоби маводи таълимӣ баркашидан лозим меояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар макотиби миёна нисбат ба макотиби олӣ таълими забон назаррас нест. Ин амал дар раванди солҳо бояд мукаммал гардонида шавад, зеро донистани забон барои мутахассиси оянда ҳатмӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ,

махсусан, донистани забони англисӣ афзалият дорад. Мутахассиси ояндаро зарур аст, ки забонро дар сатҳи зарурӣ донад, муоширати озод карда тавонад, зеро ин амал барои пешрафти кораш ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Дар раванди омӯзиш ва таълими забон ҳамин гуфтаҳоро ба донишҷӯён расонидан имконияти бедор намудани рағбати онҳоро нисбат ба забономӯзӣ фароҳам меоварад. Масъалаи дигаре, ки барои озодона гуфтор намудан кумак расонида метавонад, хазинаи луғавӣ ва грамматикаи забон мебошад. Дар ин самт низ корҳо бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, то ин ки қобилияти донишҷӯ сайқал ёбад.

Таълими забони англисӣ усулҳои худро дорад. Дар таълими забони англисии касбӣ усули хос зарур аст, ки тавонад донишҷӯро қонеъ созад, дар акси ҳол ҳаваси ӯ аз байн рафтанаш мумкин аст. Таълими забонро дар доираи низоми муайян, ки самаранокии худро нишон додааст, ба роҳ мондан имкони бештари ба даст овардани натиҷаҳои мусбиро дорад.

Усулҳои касбии «таълими забони англисӣ дар заминаи муносибати таълими бонизоми забони англисӣ, ягонагии барнома ва мундариҷаи мукаммал дар самти касбият, доираи истифодаи мунтазами технологияи муосир дар омӯзиши забони англисӣ таркиб ёфтааст. Дар ин замина, дар раванди таълим имконияти тағйирот ворид шудан ба низоми таълим дар доираи ихтисоси донишҷӯ ба инобат гирифта мешавад.

Низоми мунтазами омӯзиш ва таълими забони англисӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ барои самаранок ба роҳ мондани таълим ҳамеша мусоидатнок буданаш мумкин аст. Дар раванди пажуҳиш ҳамин паҳлӯҳо ва самтҳои таълим аз нигоҳи педагогӣ мавриди баррасии пурра қарор дода шуданд ва дар асоси натиҷаҳо андешаҳои мусоид барои пешрафт ва такомули низом пешниҳод гардиданд.

Бояд ба назар гирифт, ки дар асоси низоми таълим муносибат нисбат ба омӯзиши он тафовут дорад. Дар ин асос, якчанд омилҳоро зикр кардан мумкин аст, ки барои ҳамин тағйиротҳо мусоидат карда

метавонанд, ба монанди: мукаммалгуфторӣ, мундариҷаи таълим, муносибати дутарафаи устоду шогирд, истифодаи усулҳои мухталиф дар шарҳу пешниҳоди маводи зарурии таълимӣ»[27, с. 97].

Бояд зикр намуд, ки дар пажӯҳиши мазкур усулҳои муоширатии таълими касбии забон ба инобат гирифта шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ин амал дар таъмини мутахассисони забондони соҳа, ки касбияти баланд доранд, барои дар оянда ҳиссагузор шудан ба самтҳои гуногуни тараққиёти ҷомеа мусиоидат карда метавонад.

Яке аз масъалаҳое, ки «дар раванди таълими забон барои ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан мусоидат менамояд, аз бар намудан ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии донишҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар макотиби олии кишвар ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, зеро аз рӯйи ихтисос таълими забон гирифтан тақозои захираи луғавиро дорад. Аз тарафи дигар, маҳорати аз худ намудани луғат ва истилоҳоти самтҳои гуногун барои такмили нутқи донишҷӯ дар ҳама гуна соҳа мусоидат карда метавонад.

Дар раванди таълими забони англисӣ, аслан, ба ҳамин самт таваҷҷуҳ хеле калон аст. Аз худ намудани қоидаҳои мухталифи забон, баланд бардоштани маҳоратҳо, ба монанди: навиштан, хониши дуруст, шунидани нутқи асл, корбасти воҳидҳои гуногуни забон, аз ҷумла, синонимҳо, воҳидҳои фразеологӣ, истилоҳот ва дигар воситаҳои нутқ аз самтҳое мебошанд, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ истифода мешаванд ва аҳаммияти хос доранд. Ин амал дар оянда ҳангоми фаъолияти касбӣ имкони такмил додани донишҳои забониро вусъат дода метавонад.

Мусаллам аст, ки хислатҳои равонии синну солии донишҷӯён шартҳои махсусро нисбат ба сохтор ва мундариҷаи маводи таълимии забони хориҷӣ ҳангоми кор бо калима ё матн мегузорад.

Дар дарсҳои забони англисӣ барои беҳтар намудани сифати таҳсил

кор бо луғатро босамар бояд истифода намуд. Истифодаи луғат донишҷӯро водор месозад, ки онро дар раванди фаъолияти нутқ бо майлу завқ истифода барад. Захираи луғавии забони англисиро донишҷӯён тавассути муносибати бошуурона нисбат ба маънои он, имконияти пайвандгирии он дар сохтори ибора ва ҷумла меомӯзанд»[26, с. 86].

Бояд ба инобат гирифт, ки усулҳои аз худ намудани калимаву вожаҳо низ вуҷуд доранд. Дар шароити таълими муосири забон воситаҳои истифодаи сабтҳои гуногун, фарҳангу луғатномаҳои электронӣ, ки метавонанд ҳамеша ҳамроҳи донишҷӯ бошанд, мавқеи хос доранд. Ин тарзи аз худ намудан ва ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ дар таълими муосир мавқеи хоса дорад ва тадриҷан такомул ёфта истодааст.

Дар баробари такмил ва рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа, раванди таълими забон низ мукаммал гардида, усулҳои мухталиф мавриди корбурд гардида истодаанд. Дар ин раванд нақши омӯзгори асил, ки нисбат ба кори худаш рағбат ва ҳаваси беандоза дошта бошад, зарур ба ҳисоб меравад, зеро ба амал баровардан ва мавриди истифода қарор додани ин тағйирот аз онҳо вобастагӣ дорад.

Мушоҳида мешавад, ки дар таълими забон ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки нуктаҳои дар боло зикргардида камтар ба инобат гирифта мешаванд, ки ин амал самаранокии таълимро мувофиқи мақсад гардонида наметавонад. Дар ин самт корҳо бояд ҷоннок гардонида шуда, натиҷаҳои амалӣ ба даст оянд, зеро таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони англисӣ махсусан, дар шароити имрӯзаи ҷаҳон бениҳоят зарурӣ мебошад.

Бояд зикр намоем, ки дар баробари истифодаи маводу воситаҳои таълим, ки дар раванди таҳлил зикр намудем, барои таълими забон ҳанӯз чораҳои дигар низ андешидан мумкин аст, ки дар ин роҳ мусоидат

намояд. Аз ҷумла, ба роҳ мондани суҳбатҳои озод миёни донишҷӯёни гурӯҳҳои гуногун бо мақсади аз байн бурдани тарсу ҳолатҳои дигари равонӣ, ташкили чорабиниҳои мухталиф ба монанди дарси мустақил, дарс дар табиат, дарси озод ва дигар чорабиниҳои ба ин монанд, ки дар касбияти забондонии донишҷӯ мусоидат карда метавонад.

Забони англисӣ хусусиятҳои хос дорад. Ҳам дар навишт ва ҳам дар гуфтор тафовутҳо ба назар мерасанд. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми гуфтор нуқсонҳои гуногун, ки донишҷуён роҳ медиҳанд аён мегарданд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кор дар ин самт барои аз байн бурдани камбудиҳои монанд бояд самаранок бошад. Бо ҳамин андеша ба роҳ мондани усулҳои такомули нутқ тавассути навиштани иншо, корҳои мустақилона, ки ба навишти донишҷӯ мусоидат карда тавонад, зарур аст. Дар баробари ин, ба хотири равнақ додани нутқи шифоҳии забономӯзон иштироки онҳо дар чорабиниҳои гуногун, ки суҳбатро фаро гиранд ба манфиати кор мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни мо агарчанде захираи луғавии зиёд дошта бошанд ҳам, маҳорати истифодаи онро ҳангоми суҳбат надоранд, аз тарафи дигар, барои озодона суҳбат намудан бо забони бегона одат накардаанд, ки боиси коста баромадани нутқи онҳо мегардад. Аз ин рӯ, усулҳои дар боло зикркардаамон барои кушодани гиреҳи масъала ҳамаҷониба кумак расонида метавонад.

Яке аз масъалаҳое, ки ҳамасола ба омӯзгорони мо монеа эҷод карда метавонад, таҷдиди пурра нашудани маводи таълимӣ мебошад, яъне ба назар мерасад, ки ҳамасола баъзе тағйироте ворид мешаванд, ки барои омӯзгор баъзе мушкилиҳоро ба миён меоварад. Дар ин самт омӯзгорон ниёз ба такмили маҳорати педагогӣ доранд, ки бояд таъмин карда шаванд.

Ба назар мерасад, ки «усулҳои самарабахши забон бидуни интихоби дурусти маводи таълимӣ самаранок буда наметавонад. Ин

амал боис бар он мегардад, ки омӯзгор аз он усулҳо ба таври зарурӣ истифода намуда наметавонад. Зарур аст, ки дар соҳаҳои гуногун луғату фарҳангҳои соҳавиро бештар омода ва пешниҳод намуд, ки дар заминаи забони модарӣ ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси забони модарӣ нашр гарданд, зеро ҳар як забон хусусиятҳои хоси истифодаи вожаву таркибҳои худро дорад. Дар ин раванд таваҷҷуҳ ба фарҳангҳои истилоҳотӣ низ ҳадафнок маҳсуб меёбад»[19, с. 33].

Дар раванди омода намудани мавод, аз ҷумла андешаҳои дар боло зикргардида, ба инобат гирифтани корҳои илмиву тадқиқотии солҳои охир, ки дар самти типологияи муқоисавӣ рӯйи кор омаданд, зарур аст, зеро дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба омӯзиши муқоисавии забонҳо афзуд ва корҳои назаррасе ба сомон расонида шудаанд, ки матавонанд барои ҳалли масъалаҳои зикршуда созгор бошанд.

Масалан, дар самти омӯзиши муқоисавии истилоҳот корҳои ба сомонрасонидаи профессорон П. Ҷамшедов, Ҳ. Саидзода, З. Мухторов, С. Ҷоматов, А. Мамадназаров ва забоншиносони дигар Н. Туйғунов, М. Саидова ва дигарон, ки барои омода намудани маводи таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ созгор буда метавонанд. Ин амал, дар баробари мукаммал намудани маводи таълимии забон, барои дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ, ки ба омӯзиши забон нигаронида шудаанд, мусоидат намуда метавонад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои мухталифи забонҳои гуногунро ба донишҷӯ пешниҳод месозад, ки он барои васеъ намудани савияи донишҳои забонии ӯ замина мустаҳкам мегузорад.

Мусаллам аст, ки барномаҳои омӯзишии забон бо дарназардошти ҳадди муайяни калимаву вожаҳо ба роҳ монда мешаванд. Масалан, барномаҳои кӯтоҳмуддати семоҳа, чормоҳа ва зиёда аз он, ки дар марказҳои забономӯзӣ таълим дода мешаванд дар доираи захираи луғавии муайян ба роҳ монда мешавад, яъне донишҷӯ баъд аз хатми ин

барномаҳо дар доираи ҳамон ҳадди муайяни луғати пешниҳоднамудаи барнома гап зада метавонад. Берун аз барномаи пешниҳодшуда қобилияту маҳораташ камтар ба назар мерасад. Аммо барои мутахассиси соҳибкасб будан донишҳои забонии фарох зарур аст, яъне барнома маҳдудкардашуда набошад.

Бояд зикр намуд, ки ба дарназардошти андешаи боло истифода ва омода намудани фарҳангҳои соҳавӣ барои мутахассис касбӣ бениҳоят зарур аст. Таълими забон марҳалаҳои гуногун дорад ва бояд донист, ки ин гуна мавод дар кадом марҳалаи забономӯзӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Дар баробари омода намудани фарҳангҳои соҳавӣ бояд воситаҳои дигари забон ба монанди воҳидҳои фразеологӣ,ибораҳои гуногуни феълӣ, лаҳҷаҳо, вожаҳои омиёна ва дигар воситаҳои лексикӣ мавриди таваҷҷуҳ бошанд.

Дар солҳои охир дар самти навиштани китобҳои дарсӣ, луғатҳо як қатор корҳо ба сомон расонида шудаанд. Ин амал албатта, то дараҷае метавонад барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат намояд, аммо онҳо аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, макони истифода, хусусиятҳои ба инобат гирифтани марҳалаҳои омӯзиши забон тафовут доранд.

Серистеъмолии ин гуна луғатҳо дар асоси махзани бузурги ҳаҷми маводи таълимӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми тартиб додани луғатҳои серистеъмол ва истилоҳот низ истифода мешаванд.

Дар аксар маврид бархе аз омӯзгорон бар он назаранд, ки барои ба дараҷаи зарурӣ омӯхтани забони англисӣ донистани тақрибан 3-4 ҳазор калима ва ибора зарур аст. Албатта, тавре ки болотар қайд намудем, ин андеша то дараҷае дуруст аст, аммо мутахассисе, ки касбияти баландро бояд доро бошад, дар ин доира маҳдуд намешавад.

Маводи таълимии мутахассис бояд дар доираи имконоти васеъ омода гардад. Аз он ҷумла, интихоби матнҳо низ нақши муҳим доранд. Кор бо матн ҳамеша як ҷузъи асосии таълими пурраи забон мебошад.

Дар ин раванд интихоби матнҳои гуногун барои ба мақсад омадан созгор шуда метавонад. Масалан, матнҳои мухталифи соҳавӣ, матнҳои тарҷумашудаи бавосита, матнҳои тарҷумашудаи бевосита, ки метавонанд хусусиятҳои тафовутнокии забонҳоро зоҳир созанд. Ин гуна мавод дар баробари мукаммал кардани захираи луғавӣ донишҷӯро бо самтҳои гуногун ошно менамояд, хусусиятҳои миллии забонҳоро ошкор месозад.

Дар тадқиқот аз рӯйи принсипи мувофиқати мантиқии калимаву ибораҳо вожаҳое интихоб карда шудааст, ки ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд. Ба ҷуз ин, омилҳои қиёсиву муқобилавии таркибҳо ва ибораҳои луғавӣ-грамматикиро бо сохторҳои дигар ба раванди таҳқиқ кашида шудааст, зеро метавон тавассути таркибҳои синтаксисиву морфологӣ маънои калимаҳоро ошкор сохт ва дар сурати набудани онҳо омӯхтани забони англисӣ мушкил хоҳад буд.

Бояд зикр намоем, ки дар мушаххас намудани ифодаҳои маъноиву семантикии вожаҳо ва дигар воситаҳои забони бегона ҳолатҳои зерин мусоидат намуда метавонад. Аз ҷумла:

– таваҷҷуҳ ба мавқеи сохтории вожаҳо;

– истифодаи бомавқеи калимаву вожаҳо, ки пайвастагии андешаҳоро таъмин карда тавонад;

– шарҳу тафсири воситаҳои гуногуни нутқ, ба монанди муродифот, антонимҳо, ибораҳо ва дигар ҳодисаҳои лексикиву маъноӣ:

– омӯзиш ва таълими вожаҳои ба забон воридшуда, ки дар натиҷаи рушди технология ва дигар сабабҳо ба миён омадаанд.

Бояд ба инобат гирифт, ки дар баробари пешниҳодҳои мазкур ҳолатҳои мушаххаси дигари таълими забон бисёранд. Аз як тараф, агар такмилу ба нашр расонидани китобҳои дарсиву маводи зарурӣ бошад, аз тарафи дигар, бо шаклҳои гуногун ба тартиб даровардани луғатномаҳо мебошад. Масалан, луғатномаҳое, ки калимаҳои серистеъмолро дар бар

мегиранд ва барои омӯзиш дар марҳалаҳои аввал мусоидат мекунанд; луғатномаҳое, ки вожаҳоеро дар бар гирифта, танҳо хоси нутқи гуфтугӯйӣ аст; луғатномаҳое, ки хоси ягон соҳаи мушаххасанд; луғатномаҳое, ки дар доираи ҳиссаҳои нутқ ба тартиб даровარда шудаанд ва ғайраҳо.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди дарс интихоби луғати мувофиқ муҳим аст. Аз ин рӯ, якчанд андешаҳоямонро оид ба интихоби он пешниҳод месозем:

– матни мувофиқ дар доираи ҳадафи мавзуъ;

– пешакӣ омода намудани тафсири луғатҳо, тобишҳои маъноии калимаву ибораҳо;

– интихоби калимаву вожаҳои серистеъмол дар доираи дарс;

– интихоби луғати мувофиқ бо мақсади ташкили суҳбати озод миёни гурӯҳҳо;

– ташкили луғати фаъол вобаста ба барномаи тарҳрезишуда.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мақсади такомул додани маҳорати гуногуни забондонӣ супоришҳои беруназсинфӣ низ муҳиманд. Ба ин гуна супоришҳо иҷрои машқҳои грамматикӣ дар доираи мавзуъ, хондани адабиёти гуногуни бадеӣ, кор бо рӯзномаҳо, ки бо забони асл пешниҳод мешаванд, ташкили бозиҳои гурӯҳӣ, ташкили суҳбатҳо, аз он ҷумла, телефонӣ, иштирок дар вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои забонро дохил намудан мумкин аст, ки ба манфиати коранд.

Пажуҳиши усулҳои муҳимми таълими забон нишон медиҳад, ки усулҳои ғайрианъанавӣ низ ба ҳадаф наздиканд. Дар ин намуди кор бештар донишҷӯёнро дар чорабиниҳои гуногун ҷалб менамоянд, ки ӯ пеш аз ҳама, аз нигоҳи равонӣ омода гардад.

Аз худ намудани муҳит, одат бар он, сухангӯйи миёни шахсони бегона маҳорати хосаро талаб менамояд. Ҳамин хусусиятҳоро агар дар замири донишҷӯ мустаҳкам намоем, ӯ метавонад, ки донишҳои

азхуднамудаашро пурра мавриди истифода қарор диҳад, дар акси ҳол ҳамин ҳолатҳои равонӣ ҳарчанд ки донишҷӯ дониши хуб ҳам дошта бошад, боиси сухан гуфта натавонистани ӯ мегардад.

Дар замони муосир истифодаи шабакаҳои мухталифи интернетӣ маводи омӯзишӣ пешниҳод месозанд. Албатта, истифодаи маводи омӯзиши дар интернет бар зарари кор нест, зеро донишҷӯ пеш аз ҳама мустақилона кор мекунад ва аз самтҳои гуногуни забон, ки дар дарс гуфта намешавад, тавассути маводи интернетӣ бештар ошно мегардад.

Умуман, раванди омӯзиши забон дар шароити имрӯза хуб ба роҳ монда шудааст. Мушкилоти забономӯзӣ оҳиста-оҳиста роҳи ҳалли худро пайдо карда истодаанд. Дар омӯзиши ҳар як забон майлу хоҳиш, рағбат ба омӯзиши он нақши ҳалкунанда дорад. Донишҷӯйи фаъол новобаста аз ҳама гуна ҳолат метавонад, ки забондон шавад, зеро барои ин амал монеае дида намешавад, ҳарчанд мушкилот ҳанӯз ҷой доранд.

Забони англисӣ забони ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Дар давоми солҳои зиёд барои осон ва зуд омӯхтани он ҳам соҳибзабонон ва ҳам дигарон кӯшишҳои беандоза намудаанд. Ин раванд ҳанӯз аз тарафи забоншиносони гуногун идома ёфта истодааст ва усулҳои мухталиф ва муосир ба вуҷуд омада истодаанд, ки фаъолияташонро дар ин самт ҷолибтар менамояд.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Дар боби аввал «Вижагиҳои нутқии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ҳамчун асоси ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативӣ аз фанни забони англисӣ» асосҳои назариявии омӯзиши қобилияти зеҳнӣ ва тамоюлоти шахсии рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯёнро дар таҳқиқоти психологию педагогӣ ошкор намудем. Ҳамзамон, салоҳияти асосии таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар асоси ҷанбаҳои муоширатии таълим, маҳорат

ва қобилияти азхуднамоии забони бегона, ҳолати воқеии таълим дар шароити низоми кредитии таълим мавриди омӯзиш ва пажуҳиши амиқ сурат гирифтанд. Дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ истилоҳи «лингводидактика» бештар истифода мешавад. Ин амал ба усулҳои таълим, ҳадафҳо, вазифа ва маводи мушаххаси таълимиву омӯзиши робитаи устувор дорад.

Вақтҳои охир дар осори муҳаққиқони хориҷӣ роҷеъ ба иваз кардани истилоҳи «методика» ба «дидактикаи забон» андешаҳои ҷолиб баён шудааст. Дар таълимоти муҳаққиқ методикаи ин системаи амалиёти таълим, бахусус, технологияи таълимро таҳия мекунад. Технологияи таълим ба он нигаронида шудааст, ки донишҷӯён бо мундариҷаи фан дар ягон шароити мушаххаси таълим шинос шаванд. Дидактикаи забони хориҷӣ соҳаи илмест, ки масъалаҳои асосноккунии ҳадафҳо, интихоб ва ташкилу созмони мундариҷаи таълим, таҳияи воситаҳои таълимро баррасӣ мекунад.

Дар боби мазкур, инчунин, салоҳияти маърифатию коммуникативӣ, иҷтимоӣ-забонӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва нақши онҳо дар таълими забонҳо баррасӣ мешавад. Дар парадигмаи муосири таълимӣ муносибати босалоҳият пояи афзалиятноки методологии таҳияи ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи омодагии касбии мутахассисони оянда ба шумор меравад.

Мулоҳизаҳо собит месозанд, ки ҳангоми таълими нутқи забони хориҷӣ барои донишҷӯён соҳиб шудан ба салоҳияти маърифатию коммуникативӣ амри муҳим аст. Ё худ қобилияти сухангӯйӣ мувофиқи ҳолатҳои нутқӣ низ аҳаммияти хосса дорад. Касби салоҳияти маърифатию коммуникативӣ, яъне дониш ва қобилият барои шарҳу баёни ангезаҳои фикриву хаёлӣ ба намуди нутқ барои ҳар донишҷӯ мисли ҳаво зарур аст, чунончи имрӯз донистан ва ҳарф задан ба забонҳои хориҷӣ шарти басо муҳим мебошад.

Низоми кредитӣ-рейтингӣ, ки имрӯз дар асоси он муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, натиҷаҳои мусбат ва манфӣ медиҳад, ки олимону муҳаққиқони соҳаро водор мекунад, ки дар мавриди рафъи мушкилиҳои ин низом дар раванди таълим чораҳои зарурӣ андешанд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи муосири таълими забони англисӣ дар курси аввали ихтисоси “дорусозӣ” (Фарматсия)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018 - 2019 як қатор дарсҳои амалӣ (забони англисӣ) мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд. Дар бахши «Вазъи кунунии татбиқи таълими забони англисӣ дар шароити таълими кредитӣ - рейтингӣ дар мактабҳои олӣ» ҳолати кори мустақилонаи донишҷӯён вобаста ба омӯзиши забони англисӣ ҳаллу баррасӣ карда шуд, зеро дар асоси принсипи низоми таълими кредитӣ-рейтингӣ бахши калони соатҳои академии донишҷӯ барои иҷрои кори мустақилона равона гардад.

Барои иҷрои корҳои мустақилона донишҷӯён аз омӯзгорон супоришу дастурҳои мушаххас мегиранд ва омӯзгорон бояд иҷрои корро мунтазам назорат кунанд. Ҳар як омӯзгор бояд дар сарбории таълимӣ соатҳои таълимӣ барои назорати кори мустақилона ва соатҳои кори инфиродӣ бо донишҷӯён дошта бошад, ки он ҳам мисли дигар намудҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ба нақша гирифта шудааст. Дар таълими забони англисӣ кори мустақилона аз рӯйи намудҳои тафтиши қайдҳои донишҷӯён, навиштаҳои машғулияти лексионӣ ва амалӣ, реферат, хондан, тарҷума ва нақл кардани адабиёти бадеии англисӣ ва ғайра ба нақша гирифта мешавад.

Тавре ки аз таҳлил фавқ бармеояд, тести лексикиро ҳамагӣ 12 нафар иҷро карда, 22 нафар аз уҳдаи иҷрои он набаромаданд, тести грамматикиро бошад, ҳамагӣ 9 нафар иҷро намуда, аммо 25 нафар супоришро тамоман иҷро накарданд.

**Тавсияҳо:**

– ба омӯзгорон лозим аст, ки бо донишҷӯён аз адабиёти гуногуни бадеӣ бо забони англисӣ бо мақсади рушди нутқи забонии онҳо бештар истифода намоянд;

– донишҷӯён ба иҷрои корҳои мустақилона, хонишҳои бадеӣ, тарҷумаи матнҳои гуногунмазмун бештар ҷалб карда шаванд;

– қобилияти сухангӯйӣ, нутқӣ ва аз худ намудани истилоҳоти тахассусӣ аз ҷониби омӯзгорон бештар корбарӣ карда шавад;

– интихоби маводи таълимӣ, махсусан, кор бо матнҳо дар заминаи барномаи мушаххаси пешакӣ тарҳрезишуда сурат гирад;

– матнҳоеро, ки омӯзгорон интихоб менамоянд бояд дар доираи мавзуъ бошад, аммо ҳадафҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ низ ба инобат гирифта шаванд;

– дар тарҷумаи матнҳо интихоби матнҳои бевосита тарҷумашуда афзалият дорад, аз ин рӯ, бояд кӯшиш намуд, ки дар ин самт кор дуруст ба роҳ монда шавад;

– тарҷумаи матни аслии забони англисӣ имкон дорад, ки ба донишҷӯ дар бораи ҳолати воқеии истифодаи вожаву таркибҳо шароит фароҳам оварад. Аз ин хотир, интихоби он бояд ба ҳадаф наздик бошад.

# БОБИ 2. САМАРАНОКИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МАЪРИФАТИЮ КОММУНИКАТИВӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО ДАРНАЗАРДОШТИ ИМКОНИЯТИ ЗЕҲНӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ МОДАРИИ ДОНИШҶӮЁН

## 2.1 Мундариҷа, раванд ва натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар доираи корҳои таҳқиқотӣ самаранокии иҷрои шартҳои талаботи педагогиро, ки оид ба инкишоф ва ташаккули муоширати касбии байни донишҷӯён ғайризабонӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи давлатии байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳангоми таълими забони англисӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, корҳои таҷрибавӣ низ дар раванди таҳқиқот гузаронида шуд. Таҷриба чор факултети забонҳои донишгоҳҳои зикршударо дар бар гирифта, дар озмоиш ҷамъ 460 нафар донишҷӯён иштирок доштанд.

Объекти кори таҷрибавӣ системаи таълими касбии донишҷӯёни ғайризабонӣ аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ, дорусозӣ буд. Мақсади озмоиш аз санҷиши таҷрибавии маҷмуи шартҳои лингводидактикӣ барои инкишоф ва ташаккули муоширати касбии мутахассисони забони англисӣ иборат буд. Дар рафти таҳқиқоти таҷрибавӣ, инчунин, мушаххас намудани хулосаҳо оид ба принсипҳои назариявӣ пешбинӣ гардида буд.

Дар доираи ҳадафи кори таҷрибавӣ як қатор вазифаҳо муайян карда шуд:

– вазъият ва дараҷаи муоширати касбии донишҷӯёни ғайризабонӣ оид ба омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯхта ва таҳлил карда шавад;

– таҳлили динамикаи инкишоф ва ташаккули муоширати касбии

донишҷӯёни ғайризабонӣ дар асоси таҷрибаи гирифташуда;

– натиҷаҳои таълимии ба даст овардашуда аз забони англисӣ бо гурӯҳҳои таълимашон ғайризабонӣ ҷамъбаст карда шаванд.

Дар рисолаи мазкур корҳои озмоишӣ се марҳаларо аз соли 2016 то соли 2023-ро дар бар гирифтааст.

Марҳалаи якум (солҳои 2016-2017) барои таҳлил ва омӯзиши қисматҳои назариявӣ бахшида шуда, асосноккунии талаботи таълими забони англисиро аз назари илмии олимони соҳа мушаххас намуда, ҷанбаҳои мундариҷаи муошırати касбии донишҷӯён мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Мазмуни кори омӯзиш иборат аст аз:

– таҳлили системаи фаъолияти ташаккули муошırати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таълимашон бо забони ғайризабонӣ;

– таҳлил намудани сатҳи муошırати касбии байни донишҷӯён дар заминаи меъёрҳо ва системаи донишҳои марбут ба сохтори забони хориҷӣ;

– ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти забонӣ бо воситаҳои лингвистӣ дар шароити гуногуни коммуникативӣ.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2018-2020) гузаронидани озмоиш дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, тавассути истифодаи методологияи умумии педагогӣ бо истифода аз методҳои мувофиқ ба мақсади таҳқиқот корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои зерҳадаф ба роҳ монда шуд.

Мақсади марҳалаи сеюм (2021-2023) – ҷамъбасткунӣ, таҳлил, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш, татбиқкунӣ (апробатсия) ва нашри маводи таҳқиқотӣ буд. Натиҷаҳои кори озмоишӣ ба интихоби гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ вобаста буд, ки мавҷудияти сатҳи умумии баробарии нишондиҳандаҳои таълимӣ (дониш, маҳорат, сатҳи забондонӣ) ва сатҳи ибтидоии муошırати касбӣ ва забониро

таъмин менамояд.

Корҳои озмоишӣ аз ҷониби се гурӯҳи таҷрибавӣ, ки дар се муассисаи таълимии олии касбӣ (ДМТ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ДДХ ба номи Б. Ғафуров) ба татбиқи шартҳои педагогии таҳиякардаи рисола нигаронида шудаанд, инчунин, гурӯҳи назоратӣ, ки бо ташаккули салоҳияти забони хориҷӣ дар таълими анъанавӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ бо донишҷӯёни таълимашон бо забони ғайрихориҷӣ нигаронида шудааст. Дар озмоиш 172 нафар донишҷӯён ва 35 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар ин қисмати рисола мазмуни таҳқиқот ва натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ дар марҳалаи амалишавӣ ва татбиқ баррасӣ карда мешавад.

Вазифаи озмоиш муайян намудани сатҳи ибтидоии ташаккули муоширати касбии дар байни донишҷӯёни таълимашон ғайризабонӣ буда, дар асоси нишондодҳо ва меъёрҳои интихобшуда амалӣ карда шуд.

Мақсади озмоиш аз ин иборат буд: аз пурсиш, санҷиш, мушоҳида, суҳбат бо иштирокчиёни он, иштирок дар дарсҳои забони англисии донишҷӯён, коркарди математикии натиҷаҳо. Дар натиҷаи озмоиш мушкилиҳо ва камбудиҳои ҷойдошта дар таълими забони хориҷӣ бо донишҷӯён ошкор гардид. Ҷиҳати бартараф намудани онҳо дар рафти таҷрибаи таълимӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯён тавсияҳои амалӣ дода шуд. Дар маҷмуъ, таваҷҷуҳи асосӣ ба се самти назорат нгаронида шуд.

Самти якуми назорат ҷиҳати муайян намудани сатҳ аз рӯйи хусусияти коммуникативӣ ва касбӣ дар таълими забони хориҷӣ бо донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ пешбинӣ шуда буд.

Дар курсҳои 3-4 факултетҳои муносибатҳои байналмилалӣ, дорусозӣ, биотехнология бо мақсади муайян намудани сатҳи муошират забондонии донишҷӯёни се донишгоҳ мушоҳида ва таҳлили зиёда аз 130 дарсро оид ба омӯзиши забони англисӣ ташкил карда шуд. Муайян карда шуд, ки аксари омӯзгорон сарфи назар аз ҷузъҳои алоҳидаи

муошират бо истифода аз усулҳои анъанавии таълимии дорои хусусияти фаҳмондадиҳӣ -иллюстративӣ ва репродуктивӣ истифода мебаранд.

Омӯзгороне, ки усулҳои фаъоли таълимро истифода мебаранд, сифати дарс ва сатҳи забондонии донишҷӯёнашон баланд аст. Машғулияте, ки бо самти касбӣ ва забондонӣ нигаронида шудаанд, сатҳи миёнаро ташкил медоданд.

Натиҷаҳои пурсиш муайян намуд, ки бархе аз омӯзгорон талаботи барномаи таълими омӯзиширо, ки барои забономӯзии донишҷӯёни таълимашон ғайриихтисос аст ташкил намуда, дар марҳалаи пешрафтаи азхудкунии забони англисӣ мебошанд.

Дар ин маврид, сатҳи забонии донишҷӯён низ муайян карда шуд, ки аҳаммияти муҳим барои аз худ намудани забони англисӣ дошт. Хусусан, донистани забон дар робита бо фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён ҷиҳати рушди босамари соҳаи касбии ояндаи онҳо маҳсуб меёбад.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи дар пеш гузошташуда омӯзиш ва таҷрибаи дигар ба роҳ монда шуд, ки дар маҷмуъ 172 нафар донишҷӯро ташкил медод, фаро гирифта шуда буд. Озмоиши навбатӣ дар семестри шашум (соли сеюми таҳсил), пас аз хатми курси методикаи таълими забони хориҷӣ ва дар арафаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ доир гардид. Барои таҳқиқот лозим буд муайян намоем, ки то чӣ андоза таълими курси методикаи забономӯзӣ сатҳи зарурии муошırати касбиро барои фаъолияти минбаъдаи донишҷӯён таъмин менамояд.

Ба донишҷӯён саволнома ҷиҳати интихоби меъёр, роҳҳои муҳим ва муосири забономӯзӣ барои донишҷӯёни ғайризабонӣ пешниҳод карда шуд, ки тавассути интихоби дуруст мумкин аст, ки омӯзиш, аз худ намудан ва роҳҳои муошırати пурсамари забонӣ аз ҷониби донишҷӯён интихоб карда шавад. Гузашта аз ин, омӯзиши забон муҳимтарин, афзалиятноктарин дар байни сифатҳои касбии мутахассисони оянда ба

ҳисоб меравад.

Донишҷӯён аз рӯйхати умумии меъёрҳои пешниҳодшуда (дар маҷмуъ 40 меъёр пешниҳод гардидааст) бояд 12-15 меъёреро интихоб мекарданд, ки ба назари онҳо барои омӯзгор мутахассисони касбии забондон заруранд ва баъдан онҳоро аз рӯйи афзалияташон ҷойгир намоянд:

1. Истифодаи усулҳои фаъол, муосир ва инноватсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ.

2. Шинос шудан бо сабти аудио ва видеоии дарсҳо бо мақсади муҳокима ва таҳлили минбаъдаи онҳо.

3. Ташкили ҳамкории эҷодӣ бо гурӯҳи донишҷӯён ва донишҷӯёни интихобӣ.

4. Дар дарс фазои мусоиди ахлоқӣ ва психологӣ фароҳам овардан.

5. Доштани нутқ, бо истифода аз мимика, имову ишора, ҳаракат, усулҳои таъсиррасонӣ ба шахси дигар, усулҳои худтанзимкунӣ.

6. Қобилияти гӯш кардан, бодиққат будан, дарки ҳолати сухангӯ.

7. Муошират.

8. Қобилияти ташвиқ ва тарғиби омӯзиши забони хориҷӣ дар байни донишҷӯён.

9. Бо ҳамдигар муқоиса намудани сатҳи забондонӣ ва моширати касбӣ бо забони хориҷӣ.

10. Аз худ намудани як қатор шаклҳо ва усулҳои таълими забони хориҷӣ.

11. Қобилияти истифода намудани дониш ва малакаи худ дар фаъолияти касбӣ.

12. Сифати амалисозии забондонӣ дар фаъолияти касбӣ.

13. Малакаи марбут ба дарк ва ҳалли фаврии мушкилоти забонӣ.

14. Татбиқи муносибати эҷодӣ дар халли масъалаҳои хусусияти забонӣ дошта дар фаъолияти касбӣ.

15. Азхудкунии усулҳои самаранок ва муосири забономӯзӣ.

16. Доштани дониш, маҳорат ва малакаи марбут ба хусусияти омӯзиши забони хориҷӣ.

17. Аз худ намудани донишҳои лингводидактикӣ бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани самаранокии забономӯзӣ.

18. Қобилияти ба инобат гирифтани хусусиятҳои хислати фардии донишҷӯён ҳангоми забономӯзӣ.

19. Риояи талаботе, ки фаъолияти забондониро муайян мекунанд.

20. Доштани қобилияти забономӯзӣ ва забоншиносӣ.

21. Доштани маҳорати забоназхуднамоӣ.

22. Нисбат ба ҳамсабақон муҳаббат ва эҳтиром нишон додан.

23. Доштани ҳисси баланди масъулият ва муошират.

24. Муносибати самимона ва эътимоднок ба ҳамсабақон ва забономӯзӣ.

25. Худтанзимкунӣ.

26. Зоҳирияти серталабӣ нисбат ба худ.

27. Соҳиби малака ва маҳорати забонӣ.

28. Самти гуманистии шахсият.

29. Мавҷудияти воситаҳои муошírати шифоҳӣ ва ғайривербалӣ.

30. Қобилияти кор кардан бо камбудиҳои худ.

31. Мунтазам баланд бардоштани дараҷаи забондонӣ.

32. Таҷдид намудани барномаю маводи таълимию омӯзишӣ.

33. Доштани малакаи баҳогузории салоҳияти забономӯзӣ.

34. Кор бо луғат ва ибораҳои номаълум.

35. Серталаб будан нисбат ба худ ва худомӯзӣ.

36. Баланд бардоштани шавқу ҳаваси худ барои аз худ кардани забон.

37. Ба фаъолияти муштараки маърифатӣ машғул шудан.

38. Таъмини инкишофи шахсӣ.

39. Ташаккули маданияти баланди дониш ва забономӯзӣ.

40. Қобилияти ба миён гузоштан ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси дорои хусусияти таълимию касбӣ доштан дар самти забономӯзӣ.

Аз таҳлил ва омӯзиши натиҷаи пурсишнома бармеояд, ки донишҷӯён ба душвориҳои зиёд дар ҷойгиркунии сифатҳое, ки барои азхудкунии забони дуюм ва сеюми омӯзиш, инчунин, дар татбиқи фаъолияти касбӣ заруранд, дучор меоянд. Барои аксарияти донишҷӯён муҳиммият ва аҳаммияти ҳар як меъёри пешниҳодшуда муҳим буда, дар интихоб ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ гаштанд.

Умуман, дар натиҷаи пурсиш нишондиҳандаҳои зерин муайян карда шуд:

– муҳиммияти «қобилияти ба таври дастрас фаҳмонда додани маводи забонӣ» - 73,5%;

– «қобилияти пурсамар истифода намудани вақт барои забономӯзӣ – 70,0%;

– «муносибати самимона ва боваринок доштан барои аз худ намудани забони дуюм ва сеюми хориҷӣ» – 68,5%.

Иштирокчиёни озмоиш дар баробари ин сифатҳо ба пешниҳоди зерин низ чунин натиҷаҳо нишон доданд:

– «муносибати бошууронаи педагогӣ ба фаъолияти забономӯзӣ» – 58,0%;

– «ташаккул додани қобилияти худ ва идора кардани фаъолияти забономӯзӣ» – 55,9%.

Сифатҳои қайдшударо донишҷӯён ҳамчун, муҳимтарин омилҳо дар ташкили муоширати забонӣ, аз ҷумла аз фанни забони англисӣ медонанд.

Дар баробари ин, қисми донишҷӯён чунин сифатҳоро аз қабили «масъулиятшиносӣ» (66,5%), «аз болои худ кор кардан» (57,7%), «дар дарс мавҷуд будани айёният ва дигар маводи таълимию методӣ» (55,5%),

«муқоисаи донишҷӯён бо ҳамдигар» (47,0%), «қобилияти ҳавасмандкунӣ ва баланд бардоштани малакаи забонии донишҷӯён» (45,5%), «такмилдиҳии мунтазами забономӯзӣ» (44,0%) ва ғайраҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Маҳз ин ҳолатҳо ба фарқ кардани хусусиятҳои муҳим ва ғайримуҳим дар мафҳумҳои баррасишавандаи забонӣ вобаста аст. Дар асоси натиҷаи таҳлил тақсимоти меъёрҳои забономӯзӣ, забондонӣ ва муҳиммияти забондонӣ дар фаъолияти касбӣ дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7.**

**Сатҳи фаҳмиши донишҷӯён дар бораи муошироти забонӣ дар фаъолияти касбӣ (маълумот бо фоиз)**

| **Дараҷаи фаҳмиш** | **ДДОТ** | **ДБЗХТ** | **ДДХ** | **Ба ҳисоби миёна** |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи баланд | 26,5 | 20,5 | 18,5 | 21,9 |
| Дараҷаи миёна | 38,0 | 35,0 | 39,5 | 37,5 |
| Дараҷаи паст | 35,5 | 44,5 | 42,0 | 40,5 |

Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки сатҳи фаҳмиши донишҷӯён дар бораи аҳаммияти сифатҳои гуногун дар ҷараёни муошироти забонӣ ва қобилияти баҳогузории онҳо дар ҳар се муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бидуни тафовути ҷиддӣ қариб як арзиш дорад.

Бо вуҷуди ин, бояд нишондиҳандаи каме беҳтарро дар байни донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қайд намуд.

Дар маҷмуъ манзараи пурсиш мавҷудияти норасоиҳои дониши донишҷӯёнро оид ба сифатҳои муҳиммтарини забондонӣ дар пешбурди фаъолияти касбии оянда ва муошироти касбии забонӣ ошкор карда шуд. Ин

далел дар бораи сатҳи нокифояи фаҳмиши донишҷӯён дар бораи хусусиятҳои муоширати забонӣ нисбат ба забони хориҷӣ шаҳодат медиҳад.

Сарфи назар аз он, ки таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо омӯзиши як қатор фанҳои махсус: «Амалияи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ», «Фонетикаи амалӣ», «Грамматикаи амалӣ» ва «Муқаддима ба ихтисоси филологӣ» ифода ёфта бошад ҳам, ҳанӯз мушкилиҳо дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ боқӣ мемонад.

Дар баробари ин фанҳо донишҷӯён як қатор фанҳои сикли психологию педагогиро низ меомӯзанд: «Муқаддима ба ихтисоси педагогӣ», «Асосҳои маҳорати педагогӣ», «Психологияи умумӣ», «Психологияи синнусолӣ», «Анатомия ва физиологияи синнусолии инсон" ва монанди инҳо. Инчунин, дар курсҳои болоӣ «Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ», ки бевосита бо ташаккули салоҳияти касбӣ ва забонии донишҷӯён алоқаманд аст, низ омӯзонида мешавад.

Фанҳои мазкур тасаввуроти умумии муоширати касбиро тавассути ташаккули тамоюли коммуникатсионӣ ва касбии донишҷӯён ташаккул дода, барои бомуваффақият аз худ намудани забони англисӣ ва дар фаъолияти касбӣ ва амалия истифода намудани он мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаҳо бармеояд, ки муоширати забондонӣ, забони англисии донишҷӯён дар давраи донишомӯзӣ замина фароҳам оварда мешавад.

Маълум аст, ки барои аз худ намудани забони хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ махсусан муоширати шифоҳӣ ё суханронии касбӣ бо забони англисӣ нақши асосиро ишғол мекунад.

Суханронӣ бо забони англисӣ ба фаъолияти амалии таълимию методии омӯзгор аз забони хориҷӣ алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, «он мутолиа ва татбиқи маводи дорои хусусияти таълимию методӣ ва илмию методӣ дар соҳаи ҳадафҳои касбӣ ва амалӣ муҳим аст. Донистани забони хориҷӣ дар сатҳи касбӣ ба пешниҳоди салоҳиятҳои забонӣ

аз ҷониби донишҷӯён дар шароити муосир муҳим ва зарур аст.

Мазмуни нутқи касбӣ бо таркибҳои устувори истилоҳоте ифода меёбад, ки дар забон дар шакли ибораҳои тайёр мавҷуд буда, мавриди истифода қарор мегирад. Сарфи назар аз он, ки мазмуни нутқ бо маънои дохилии он бевосита алоқаманд асту аз сабаби муқарраროти мушаххаси аниқ ва инкишофи минбаъдаи онҳо бояд корбарӣ карда шавад.

Дараҷаи мустақилияти нутқ меъёри асосии муоширати нутқӣ буда, аз вобастагии донишҷӯён ба гардиш ва қолабҳои забонӣ вобаста аст. Дар марҳалаи ниҳоии таҳсил дар донишгоҳ, дар давраи амалияи педагогӣ эҳтиёҷоти донишҷӯён ба дастгирӣ ва кӯмаки омӯзгорон тавассути дарсҳои инфиродӣ, иловагӣ, маҳфилҳои забонӣ, бояд таъмин карда шавад»[22, с. 67].

Дар заминаи гуфтаҳои боло меъёрҳои ташаккули нутқи забонии донишҷӯён аз забони англисӣ муайян карда шуда, муҳимтарини онҳо дар омилҳои зер ифода мешаванд:

– дурустии истилоҳоти нутқ;

– мазмун ва мустақилият.

Бояд қайд кард, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ омӯзгори забони хориҷӣ дар вақти баргузории машғулиятҳои амалӣ ва лексионӣ, бояд аз лексикаи мактаби хориҷӣ истифода барад, то ки дарс ба забони англисӣ гузаронида шавад.

Мақсади асосии таҳлил ва омӯзиш ин муайян намудани сатҳи муоширати нутқи шифоҳии донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ, ки забони англисиро дар соли аввали таҳсил мехонданд.

Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки марбут ба сатҳи инкишофи муоширати нутқи шифоҳии забони англисӣ дар байни иштирокчиёни озмоиш се намуд муайян карда шуд: баланд, миёна ва паст.

Аз ин рӯ, натиҷаи маълумоти мазкур дар тамоми муассисаҳои озмоишӣ умуман гирем, ягон гуна фарқияти ҷиддиро ошкор накардааст. Маълумот дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

**Ҷадвали 8.**

**Сатҳи муошırати касбии забони хориҷии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (бо фоиз)**

| Сатҳи фаҳмиш | Меъёрҳои ташаккули муошırати шифоҳӣ | | | Ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|
| | Дурустии истилоҳот | Мустақилияти нутқ | Мундариҷаи сухан | |
| Дараҷаи баланд | 10,4 | 8,5 | 1,1 | 6, 6 |
| Сатҳи миёна | 23,6 | 26,8 | 21,0 | 23,8 |
| Сатҳи паст | 66,0 | 64,7 | 67,9 | 66,2 |

Дар ҷадвали мазкур факту рақамҳои овардашуда, муайян намуд, ки донишҷӯёне, ки супоришҳоро дар сатҳи зарурӣ иҷро намудаанд, нисбатан камтар аст: аз 162 нафари дар озмоиш иштирок дошта, танҳо 16 нафар, ки ин ба ҳисоби фоиз ҳамагӣ 10,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дараҷаи миёнаи муошırати шифоҳӣ дар он донишҷӯёне ошкор шудааст, ки кӯшиш мекунанд бо забони англисӣ фикрашонро баён намоянд, аммо аксар вақт барои санҷиши худ ва тасдиқи дурустии сухан ба қайдҳои истинод муроҷиат мекунанд. Мазмуни баёнро мазмуни мухтасари пешакӣ омодакардашуда муайян мекунад, баъзан онҳо ба ёрии забони модарии худ муроҷиат мекунанд. Чунин посухдиҳандагон низ кам набуданд, ҳамагӣ 21,8% -ро ташкил медоданд.

Дараҷаи пасти дурустии нутқи забони хориҷӣ дар аксарияти донишҷӯён (ба ҳисоби фоиз 68,2%), ки ҳангоми муошırати нутқӣ бо забони хориҷӣ душворӣ мекашанд, пайваста ба луғат нигоҳ мекарданд. Миқдори зиёди истилоҳот ба забони модарии донишҷӯён, дар нутқҳои забони англисӣ аксар вақт ба хатогиҳо роҳ дода мешуданд, истилоҳоти асосии хориҷӣ нодуруст истифода мешуданд. Маҳорати баёни мазмуни нутқро ба таври кофӣ асоснок

ва мантиқан шарҳ дода наметавонистанд.

Мушоҳидаҳои раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён собит намуд, ки мавҷудияти шумораи зиёди мушкилотро дар татбиқи раванди коммуникативӣ - маърифатӣ дар муошироти забонӣ аз ҷониби донишҷӯён ба қайд гирифта шуд. Инчунин, дараҷаи нокифояи зуҳуроти фаъолияти донишҷӯён дар баёни нутқи худ ба қайд гирифта шуд.

Аз натиҷаи таҳлилҳо хулоса карда шуд, ки бо сабабҳои гуногуне, ки дар натиҷаи мушкилиҳо вобаста ба талаботи ташаккули малакаҳои забонӣ аз ҷиҳати касбӣ муҳим буда, дар самти омода кардани мутахассисони касбии забондон дар оянда талаботи нав ба нав ба миён омадаанд, ки ҳалли он ногузир аст. Ҳамаи ин дар муносибатҳои корӣ ва ҳангоми иҷрои фаъолияти касбииояндаи онҳо зоҳир мегардад.

Аз ин ҷо тавсия дода мешавад, ки дар фаъолияти касбииояндаи худ донишҷӯён бояд дар ташаккули унсурҳои мухталифи муошират зиёдтар машғул шаванд, зеро паст будани дараҷаи забондонӣ ба фаъолиятиояндаи касбии онҳо монеаҳо эҷод менамояд.

Инчунин, аз таҳқиқот ва омӯзишу таҳлилҳо бармеояд, ки бо сабаби хело ҳам суст будани омӯзиши забонҳои хориҷӣ (дар мисоли таҳқиқоти мазкур – забони англисӣ) ва методикаи таълими забони хориҷӣ танҳо теъдоди ками донишҷӯён малакаҳои забониро аз худ менамоянд, ки ин падида басо ҳам нокифоя аст.

Ин ҳолатҳо боиси зуҳури нокифояи забондонӣ, бархӯрди мушкилиҳо дар самти омӯзиш ва шаклгирии фаъолияти забонӣ дар касбиятиояндаи мутахассисон хоҳад гашт.

Вале мо ҳамчун муҳаққиқ чунин мешуморем, ки бо роҳҳои ташкил ва самарабахши ҳамкориҳои мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯ, инчунин ба ҳисоб гирифтани шавқу ҳавас, қобилият ва малакаҳои забономӯзӣ имконияти азхуд намудани забони хориҷӣ, дар мисоли пажуҳиши мазкур аз фанни забони англисӣ мумкин аст, ки салоҳиятҳои забонии донишҷӯён ташаккул дода

шавад.

Аз таҳлилу натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки ташаккули малакаҳои забонӣ ва истифода бурдани воҳидҳои нутқӣ дар ташкили муошират касбӣ муҳим басо ҳам арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, дар як қатор ҳолатҳои раванди муошират забонӣ бо забони англисӣ гузоштани меъёри нутқӣ муҳим аст, зеро дар ташаккули нутқи забони хориҷӣ меъёрҳои зарурӣро донистан ва бамаврид истифода намудан низ басо ҳам муҳим аст.

Барои донишҷӯён ҷиҳати дар амал истифода бурдани донишҳои назариявӣ ва амалӣ шароити зарурӣ пурра фароҳам оварда нашудааст. Аз ин рӯ ба мо зарурият пеш омад, ки дар асоси натиҷаҳои озмоиш як қатор самтҳои муҳим ва пешбарандаи методологияи такмили муошират касбии донишҷӯёни ихтисосҳои "Дорусозӣ", "Муносибатҳои байналмилалӣ", "Иқтисоди ҷаҳонӣ" ва дигар ихтисосҳои ғайризабонӣ муҳиммият ва шароити лингводидактикии ташаккули малакаҳои забониро дар асоси ташкили раванди таълим муайян карда шавад. Хусусан, «дар доираи машғулияти «Таҷрибаи нутқи даҳонӣ ва хаттӣ» ва курси "Методикаи таълими забонҳои хориҷӣ" дар мисоли забони англисӣ роҳҳои муосири забономӯзӣ ва ташаккули малакаи забономӯзӣ коркард карда шуд. Дар марҳалаи ниҳоии таҳсилот, яъне барои хатмкунандагон, ки соҳиби касби муайян мегарданд, марҳалаи муайянкунии сатҳи забондонӣ ва инкишофи салоҳияти муоширатӣ ва касбӣ муҳим буда, зарур аст, ки дараҷаи забондонӣ низ муайян карда шавад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати рушди забондонӣ ва салоҳиятҳои касбии донишҷӯён модели озмоишии технологияи таълими забони англисиро, ки дар расми 1 дарҷ гардидааст, пешниҳод менамоем.




**Расми 1.Модели озмоишии технологияи таълими забони англисӣ**

Дар чадвали овардашуда низ ду қисмати асосӣ ба инобат гирифта шудааст. Бояд зикр кард, ки ин асоси раванди таълимро ташкил дода, омӯзгор ва муассисаи таълимиро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, «донишҷӯ низ яке аз мафҳуми асосӣ мебошад, лекин агар ба маънои дигар гирем, агар муассисаи таълимӣ корхона бошад, пас омӯзгор таҷҳизот ва қолаб оид ба истеҳсоли ин ё он маҳсулот мебошад, ки донишҷӯ маҳсулоти истеҳсол карда маҳсуб меёбад. Яъне, агар шароити зарурӣ ба таври пурра таъмин набошад ва технологияи хуб низ вуҷуд надошта набошад, пас маҳсулоти хушсифат истеҳсол кардан ғайриимкон аст. Ин омилро мо ҳамчун як мисоли рӯзмарра овардем. Вале ба як нуқта бояд бештар аҳаммият диҳем, ки донишҷӯ ин ашёи хом нест, балки ӯ инсон аст. Барои онро мутахассиси соҳибкасб намудан мо бояд на танҳо салоҳияти касбии онро рушду такомул диҳем, балки салоҳияти шахсии ӯ низ бояд барои

иҷрои маҳораташ баланд бардошта шаванд. Агар корхона ба мисоли робот фармонҳои зарурироиҷро карда, маҳсулотеро омода созад, пас омӯзгор мутахассисро аз ҷиҳати психологӣ хуб омӯхта, вобаста ба фаҳмиши ӯ дарсро ба роҳ мемонад»[15, с. 176].

Аз натиҷаи омӯзиш як қатор камбудиҳои ошкоршудаи шароити лингводидактикии инкишоф ва ташаккули муоширати касбии забони хориҷӣ, дар мисоли омӯзиши забони англисӣ бо донишҷӯён ва ҳамзамон асосноккунии омилҳои мухталиф дар асоси модели таҳиякардаи мо пешбинӣ мегардад, ки аз ҷумла муҳимтаринашон инҳоянд:

– дар раванди таълим ҷорӣ намудани модели рушди муоширати касбии забони хориҷӣ дар байни донишҷӯён. Таҳияи ин модел равишҳои системавӣ-интегративӣ, шахсият – фаъолият ва салоҳият – муоширатро хело ташаккул медиҳад;

– ташкили машғулиятҳо оид ба амалияи суханронии шифоҳӣ ва хаттӣ ва фанҳои забонӣ ва ҳамгироии онҳо бо дастрасии минбаъда ба амалияи педагогӣ;

– ташкили раванди таълим дар асоси принсипҳои касбии таълим, рушди муоширати касбии ба омӯзиши забон нигаронидашуда, моделсозии фаъолияти касбӣ ва рефлексивӣ аз фанни забони англисӣ;

– боз ҳам фаъол гардонидани фаъолияти таълимии донишҷӯён тавассути истифодаи усул, восита ва шаклҳои фаъоли кори таълимӣ, ки ба мазмуни фанҳои забони омӯхташаванда мувофиқанд;

– фароҳам овардани шароит барои ташаккули малакаҳое, ки ба ташаккули муоширати забони хориҷӣ ва таҳлили муоширати забони англисӣ нигаронида шудаанд.

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ муайян карда шуд, ки муваффақияти фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён на танҳо аз сатҳи салоҳияти касбии онҳо, балки аз фарҳанги муоширати нутқ дар дарси забони англисӣ низ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, самти раванди таълим ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ-

муоширатӣ дар таҳқиқот пешбинӣ карда шуд. Ҳамаи ин ҷиҳати ба вуҷуд овардани шароити мувофиқ бо мақсади дарки аҳаммияти ташкили ҷараёни таълим нигаронида шуда буд, ки ба фаъол гардидани нутқ ва фаъолияти коммуникатсионӣ-муоширатии донишҷӯён бо такя ба маромҳои инкишофёфтаи маърифатӣ ва касбӣ мусоидат мекард.

Ташкили дарсҳои амалӣ ва раванди муошират бо донишҷӯён бо роҳҳои ҳавасмандкунӣ, рушди тамоюли маърифатӣ ва касбии онҳо, бо мақсади татбиқи донишҳои андӯхташуда ва ҳамзамон бо мақсади баланд шудани сатҳи фарҳанги забондонӣ ва дараҷаи ташаккули салоҳияти коммуникатсионии онҳо ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Чунин ташкили раванди таълим бо он муайян карда мешавад, ки донишҷӯён ба гирифтани дониш ва инчунин аз худ намудани забон фаъолона кӯшиш намуда, эҳтиёҷоти забонии худро дар рушди худшиносии миллӣ нисбатан ташаккул медиҳанд.

Дар рисолаи мазкур озмоиш асосан дар доираи ҳолатҳои воқеии марбут ба раванди таълим ва забономӯзӣ бо истифода аз воситаҳои мушаххаси забонӣ-грамматикӣ, лексикӣ, шифоҳӣ ва хаттӣ ба ташаккули нутқ дар байни донишҷӯён нигаронида шуда, ҳамзамон тавассути мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, презентатсияҳо, конфронсҳо, вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, суҳбат, ки ба баланд бардоштани муошират забонӣ дар доираи касбият нигаронида шудаанд, гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни таҳқиқ як қатор омилҳо ва шартҳое низ муайян карда шуданд, ки ба самаранокии раванд, бо мақсади ҷорӣ намудани роҳу усулҳое, ки раванди азхудкунии забони хориҷиро фаъол мегардонанд ва заминаи таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба омӯзиш ва донистани забони англисӣ бештар ҷалб менамояд, ба таври васеъ истифода шудааст.

Озмоиш бо ворид намудани шароити хусусияти лингводидактикие, ки ба раванди таълим дар донишгоҳҳо таҳия ва мавриди истифода қарор дорад, муайян карда шуд.

Самаранокии татбиқи онҳо ба таҳлили сатҳи инкишофи муоширати забономӯзии донишҷӯёне, ки дар ибтидои таҷриба интихоб шуда буданд, вобаста буд. Дар анҷоми кори озмоишӣ пайгирии натиҷаҳои бадастовардашуда таҳлил, баррасӣ ва мавриди арзёбӣ қарор дода шуданд. Барои ноил шудан ба ҳадафи модели таҳияшуда бо субъектҳои интихобӣ дар оғоз озмоиш гузаронида шуд, ки дар он дар маҷмуъ 172 нафар донишҷӯ ба таври фаъолона иштирок намуданд.

Дар қисми аввали озмоиш бо мақсади муайян кардани дараҷаи инкишофи муоширати забонии донишҷӯён нигаронида шуда буд. Озмоиш асосан бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳ ва дарки фаҳмиши донишҷӯён дар бораи муоширати забонӣ, моҳияти омодасозии касбии донишҷӯён бо забони англисӣ; нақш ва аҳаммияти таълими забони англисӣ дар доираи фаъолияти касбии ояндаи онҳо нигаронида шуда буд.

Ҳалли мушкилоти ба миён гузошташуда имкон фароҳам овард, ки дар бораи дараҷаи самаранокии корӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ оид ба ташаккули муоширати касбии донишҷӯён бо забони англисӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Бар замми ин ба донишҷӯён дар шакли матн рейтинги назоратӣ пешниҳод карда шуд. Иштирокчиёни озмоиш бояд 12-15 хислати барои рушди касбӣ ва забондонӣ (забони англисӣ) муҳимро бояд дар заминаи афзалияти худ оид ба забондонӣ гурӯҳбандӣ намоянд. Натиҷаи муқоиса дар ҷадвали 9 ва диаграммаи 1 зер оварда шудаанд.

**Ҷадвали 9. Натиҷаи муқоисавӣ аз рӯйи фаҳмиш ва донистани забон аз ҷониби донишҷӯён (ба ҳисоби фоиз)**

| Дараҷаи фаҳмиш | ДДОТ | | ДДЗТ | | ДДХ | | Ба ҳисоби% | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ГН | ГО | ГН | ГО | ГН | ГО | ГН | ГО |
| **Дараҷаи баланд** | 55,5 | 26,5 | 51,0 | 20,5 | 52,5 | 18,5 | 53,0 | 21,9 |

**Идомаи ҷадвали 9.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дараҷаи миёна** | 32,5 | 38,0 | 34,5 | 35,0 | 30,0 | 39,5 | 32,3 | 37,5 |
| **Дараҷаи паст** | 12,0 | 35,5 | 14,5 | 44,5 | 17,5 | 42,0 | 14,7 | 40,5 |




**Диаграммаи 1. Натиҷаи муқоисавӣ оид ба дараҷаи фаҳмиши забонӣ ва аҳаммияти он дар фаъолияти касбии оянда онҳо (ба ҳисоби %)**

Ҳамин тариқ, аз натоиҷи ҷадвал ва диаграмма бармеояд, ки сатҳи дарки муоширати забонии донишҷӯён дар се донишгоҳ тафовути ночизро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои забондонии донишҷӯён аз забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатиии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ нисбатан аз дигар мактабҳои олӣ каме баландтаранд. Умуман гирем, муқоисаи натиҷаҳо тибқи меъёрҳо нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ бархе аз нишондиҳандаҳо нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ назаррасанд, яъне «ба ҳисоби миёна зиёда аз нисфи донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ супоришро ба дараҷаи баланд иҷро намуда, дар маҷмуъ 53,0% иштирокчиёни озмоиш, сеяки

пурсидашудагон (32,3%) - дар сатҳи миёна ва шумораи хеле ками донишҷӯён супоришро дар сатҳи паст иҷро кардаанд, ки ҳамагӣ 14,7%-ро ташкил медиҳад. Хулоса, нишондиҳандаҳои донишҷӯён аз гурӯҳҳои назоратӣ аз ҳама ҷиҳат ақиб мондаанд, ки ин аз сатҳи нисбатан пасти дарки донишҷӯён оид ба фаҳмишу азхудкунии моҳияти муошират забони хориҷӣ (дар мисоли забони англисӣ) бармало гувоҳӣ медиҳад» [179, с. 19].

Лозим ба тазаккур аст, ки маълумоти мазкур дар ин ҷо ба таври миқдорӣ мебошад. Агар аз нуқтаи назари сифатӣ назар афканем, дар натиҷа маълум мегардад, ки аксарияти донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ аз уҳдаи иҷрои супориш ба хубӣ баромада, ҳамзамон онҳо тавонистанд, ки меъёрҳои пешниҳодшударо мутобиқи моҳият ва дараҷаи фаҳмиши худ баҳо диҳанд.

Ҳамин тариқ, маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ аз динамикаи мусбати натиҷаҳои дар шароити фаъолияти озмоишӣ бадастовардашуда шаҳодат медиҳанд. Натиҷаҳои маълумоти мобайнӣ дар ҷараёни омӯзиши таҷрибавӣ дар бораи тағйироти сифати забондонии донишҷӯён ба муошират касбии онҳо низ бештар марбут аст.

Давраи дуюми озмоиш бо мақсади муайян кардани сатҳи муошират забондонии касбии донишҷӯён нигаронида шудааст, чунки муошират забонии донишҷӯён ҳамчун муошират шифоҳӣ ё нутқи равонӣ дар ин самт нақши асосиро мебозад. Нутқи забонӣ пеш аз ҳама бо мавҷудияти таркибҳои устувори истилоҳоте хос аст, ки дар шакле барои истифода омода гардидаанд ва дар мавридҳои зарурӣ таҷдиди онҳо хеле муҳим аст.

Ҳангоми озмоиш зиёда аз 60 дарси забони англисӣ таҳлил карда шуд. Ҳадаф аз баргузории он аслан гирем дар он аст, ки муайян карда шавад, ки донишҷӯён то чӣ андоза истилоҳоти забони англисиро ба таври шаффоф ва мустақилона истифода карда метавонанд. Зеро меъёрҳои зерин ҳамчун асос ба ҳисоб рафта, аз ҷониби дигар инъикосгари дурустии баён, мазмун ва мустақилияти нутқ маҳсуб меёбанд.

**Ҷадвали 10. Муқоисаи натиҷаҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва омӯзишӣ дар сатҳи муоширати нутқии забони англисӣ (ба ҳисоби %)**

| Дараҷаи фаҳмиш | Дарки фаҳмиши муошират | | | | | | Ба ҳисоби миёна | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Истилоҳоти нутқӣ | | Мустақилияти нутқӣ | | Мазмуни нутқ | | | |
| | ГН | ГО | ГН | ГО | ГН | ГО | ГН | ГО |
| Дараҷаи баланд | 55,3 | 10,4 | 58,5 | 8,5 | 61,5 | 11,1 | 58,5 | 10,0 |
| Дараҷаи миёна | 33,5 | 23,6 | 26,8 | 26,8 | 25,0 | 21,1 | 28,2 | 21,8 |
| Дараҷи паст | П,2 | 66,0 | 14,7 | 64,7 | 13,5 | 67,9 | 13,3 | 68,2 |




**Диаграммаи 2. Натиҷаи муқоисавии гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ**

Тавре ки аз маълумоти ҷадвал ва диаграмма мушоҳида карда мешавад, дар самти инкишофи нутқи донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ (ГН) ва озмоишӣ (ГО) аксар мавридҳо тафовути зиёд ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки «дар байни он донишҷӯёне, ки бо забони англисӣ таълим мегиранд, сатҳи баланди забондонӣ бештар ба назар мерасад, ки инро зимни баёни равшан ва асосноки мулоҳизаҳо, ибрози ақидаҳо ва изҳори нуқтаи назари худ, суханронӣ бо забони англисӣ аз ҷиҳати истилоҳот дуруст, бехато, мустақилона ва ба тарзи озод ифода намудани афкори худ

бо забони англисӣ, суръати тези баёни фикр, мустақилияти мазмуни баёнро муайян кардан мумкин аст.

Зеро зимни таҳлили ҳамаҷонибаи омодагии касбии донишҷӯён дар рафти азхудкунии забони англисӣ маълум шуд, ки сифатҳо ва сатҳи забондонӣ аз ташаккули маҳорати донишҷӯён, шавқу завқ, ҳавас ва истеъдоду қобилияти идроки онҳо бештар марбут аст»[27, с. 54].

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи озмоиш, омӯзиш, санҷиш, таҳлил, баррасӣ ва хулосабарориҳо пеш аз талаботи профессиограммаи забони хориҷӣ барои факултетҳои ғайризабонӣ аз он ҷумла чунин пешниҳод менамоем:

– ташкили дарси забони англисӣ дар доираи барқарор намудани муносибатҳо ба воситаи омӯзиши забони хориҷӣ бо дарназардошти нақши омӯзгор – донишҷӯ, донишҷӯ – омӯзгор, донишҷӯ – донишҷӯ;

– ислоҳи саривақтии баёни нутқ бо истифода аз шаклҳои мухталифи нутқ (монолог, муколама, саволу ҷавоб);

– ҳавасмандгардонии фаъолияти нутқи донишҷӯён ва идоракунии он;

– ташаккул ва рушди зарурати истифодаи муоширати забони англисӣ дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ;

– ошкор намудани иштибоҳҳои маъмулӣ дар нутқи донишҷӯён бо мақсади бартараф намудани онҳо;

– ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ бо забони хориҷӣ бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани малакаи муошрати донишҷӯён ва сатҳи ҳавасмандии онҳо бо мақсади муошират ба забони англисӣ.

Аз натиҷаи озмоиш ва таҳлилу баррасиҳо чунин хулоса бармеояд, ки меъёрҳои донистани забони англисӣ асосан инҳоянд:

«донистани меъёри зарурии забони англисӣ»; «истифодаи озодонаи намудҳои мухталифи фаъолияти нутқ (гуфтор, шунидан, хондан ва мустақилона навиштан). Меъёрҳои мазкур ҳамчун воситаи табиии амалисозии муошират мутобиқи талабот ва инчунин риояи меъёрҳои забони хориҷӣ маҳсуб меёбанд.

Дар ин хусус метавон ба андешаи педагоги маъруф В. Кан-Калик розӣ шуд, ки ӯ асосан се сатҳи муошırати забониро муайян намудааст, ки барои донистан ва азхуд кардани забони хориҷӣ мусоидат хоҳад кард:

1. Омӯзгор дар ташкили раванди муошират бо донишҷӯён бештар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки донишҷӯён худро ҳамчун иштирокчиёни фаъоли раванди омӯзиш муаррифӣ намоянд;

2. Омӯзгор муоширатро бо гурӯҳи донишҷӯён тарзе ташкил намояд, ки дар раванди он бояд тамоми донишҷӯён фаъолона иштирок намоянд;

3. Омӯзгор дар раванди муошırати педагогӣ бояд таваҷҷуҳи тамоми коллективи донишҷӯёнро бештар ба худ ҷалб намояд.

Ба пиндори мо, бо мақсади боз ҳам ташаккул додани малакаҳои забонии донишҷӯён гурӯҳбандӣ, интихоб ва ба инчунин низом даровардани маводи таълимӣ барои дарс, интихоби технологияҳои иттилоотию иртиботӣ басо ҳам муҳим ва ҳатмист.

## 2.2 Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар асоси неруи зеҳнӣ ва тамоюли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ҳадафи асосӣ аз таълими забони хориҷӣ, «ин пеш аз ҳама ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотию коммуникативӣ ва маърифатӣ мебошад. Аз ин рӯ, таълими забони англисӣ бояд қабл аз ҳама ба омӯзиши амалии он равона бошад. Вазифаи омӯзгор на танҳо ташаккул ва рушди

салоҳияти забони хориҷӣ, балки фаъолгардонии қобилияти идроки донишҷӯён, татбиқи муносибати босалоҳияти шахсии омӯзгор нисбат ба таълим, таъмини фардӣ ва тафриқавии таълим бо назардошти қобилиятҳои равонии хонандагон иборат аст» [141, с. 136-146].

Ба таъбири дигар, усулҳои таълимро тарзе интихоб кардан зарур аст, ки дар рафти баргузории дарс ҳамаи донишҷӯён истеъдод, эҷодкорӣ ва маҳорати худро бештар аз пештар нишон диҳанд, чунки «дар замони муосир раванди ташаккули салоҳияти касбӣ ва коммуникативии донишҷӯёни макотиби олӣ ҳангоми таълими забони англисӣ вазифаи корбурди босалоҳияти усулҳои таълимро, ки ба истифодаи воситаҳои инноватсионии техникӣ асос ёфтаанд, тақвият бахшидан аст. Аз ин рӯ, дар баробари ин, вазифаҳое, ки аксарияташон муҳим арзёбӣ мешаванд, пас онҳо ҳалли худро ҳам бештар тақозо менамоянд:

– интихоби усулҳои самараноки омӯзиш, ки бо кӯмаки он донишҷӯён қобилияти муошират бо забони англисиро бештар пайдо мекунанд;

– ҳамаҷониба ҷорӣ намудани навовариҳо дар самти омӯзиши забони англисӣ бо мақсади нисбатан тағйир додани раванди таълиму тарбия ва боз ҳам муассиртару муваффақтар гардонидани он;

– истифодаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ бо назардошти майлу хоҳиши худи донишҷӯён;

– татбиқи муносибатҳои инфиродӣ - коммуникативӣ дар раванди таълиму тадрис;

– татбиқи корбурди захираҳои иттилоотии интернетӣ ба раванди таълим ҳангоми омӯзиши забон бо мақсади ҳалли вазифаҳои дидактикӣ.

Барои ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан, пеш аз ҳама, ташкили дастаи эҷодии муташаккил, раҳнамоии донишҷӯён бо мақсади пурра азхудкунии забон, фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ зарур аст. Дар ин росто

омӯзгорон муваззафанд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботиро дар раванди таълим беш аз пеш ҷорӣ кунанд, то ин ки донишҷӯён ба муошират ва забономӯзӣ бештар ҳавасманд гарданд»[88, с. 45].

Дар ҳалли «масоили салоҳияти коммуникативӣ олимону муҳаққиқон, аз қабили Л. А. Шерба, А. Р. Лурия, И. А. Зимняя, Г. А. Китайгородская, А. А. Леонтев, Л. С. Виготский, А. Н. Соколов, Л. А. Петровская ва дигарон саҳми басо ҳам босазои худро гузоштанд. Аммо, масъалаи ташаккули салоҳияти забони хориҷии касбӣ-коммуникативӣ дар раванди таълим то имрӯз ба таври кофӣ ҳаллу фасл нашуда мондааст. Дар натиҷа ихтилоф дар самти болоравии талаботи донишҷӯён нисбат ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти касбии эшон ва набуди коркарди методҳои касбии таълими забони англисӣ ба вуҷуд меояд» [141, с. 138].

Лозим ба тазаккур аст, ки «моҳият ва ҳадафи асосии омӯзиши технологияҳои иттилоотию иртиботӣ бештар дар он зоҳир мегардад, ки салоҳияти идроки донишҷӯён боз ҳам афзунтар шаванд ва дар раванди рушди истиқлоли тафаккури онҳо ҳамаҷониба мусоидат намояд. Бинобар ин, «донишҷӯ бояд ба раванди таҳсил ба таври боварибахш ва эҷодкорона назар андозад, то ки худаш мустақилона дониш ҳосил кунад. Дар ин раванд технологияҳои таълимие зарур аст, ки дар он машғулияти таълимӣ дорои усул ва муносибатҳое бошанд, ки фаъолияти мустақилонаи идроки донишҷӯро беш аз пеш ва ҳамаҷониба ташаккул диҳанд.

Равандҳои муосири технологии таълими забонҳои хориҷӣ аз маҷмуи методҳои анъанавӣ ва васеи таълим иборат буда, бар пояи қолаби функсионалӣ-коммуникативии лингводидактикӣ бунёд шудаанд, ки онҳо ҳамзамон системаи таълими донишҷӯро бештар ба рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ ва нутқи шифоҳиву хаттӣ дар мавзуъҳои

касбӣ равона месозад.

Феълан ҳамаи методҳои таълим афзалият ва камбудиҳои худро доранд. Бинобар ин, истифодаи якҷояи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ имконияти беҳтар фароҳам меорад, ки ҷараёни таълим ва омӯзиши забони англисӣ боз ҳам рангоранг ва инчунин ба таври натиҷабахш баргузор гардад.

Мусаллам аст, ки усулҳои таълиме, ки барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ нигаронида шудааст, дар онҳо умуман гирем, ягон гуна методҳои мушаххаси муносибат бо донишҷӯён вуҷуд надоранд. Зеро ба усулҳои инфиродии таълим айни замон бештар таваҷҷуҳи хоса медиҳанд. Барои ташаккули малакаҳои муошират дар раванди таълими якҷояи забонҳои хориҷӣ,  тавре, ки дар боло зикр гардид, шавқу рағбати беандоза, қобилияти зеҳнӣ, идрок ва имкониятҳои ҳар як донишҷӯ басо зарур аст»[141, с. 136].

Дар баробари ин, «барои фардикунии раванди таълим бояд маҷмуи усулҳои психодиагностикӣ низ ба таври васеъ истифода бурда шаванд:

– таҳқиқи қобилияти омӯзиши забони хориҷӣ (шунавоии фонематикӣ, навъҳои хотираи шунавоӣ, оперативӣ, тасвирӣ, мантиқӣ ва шифоҳӣ);

– таҳқиқи роҳҳои азёд ва ҳамзамон азхуд кардани супоришҳо (амалиёти фикрӣ ва нутқӣ, азёди механикӣ ва мантиқии луғатҳои хориҷӣ, бештар бо роҳи худомӯзӣ аз ёд кардани калимаҳои забони тоҷикӣ ё хориҷӣ);

– ҳаллу фасли равандҳои равонӣ (таваҷҷуҳ, идрок, хотираи эмотсионалӣ ва тасвирӣ, тафаккур), ки ба фаъолияти идрок бештар ва инчунин ҳамаҷониба мусоидат мекунанд;

– ташхиси қобилият ва ҳолати инфиродӣ (таҳлили ҳолати оперативии эҳсосоти шахсӣ, муайян кардани навъи шахсият (усули К. Юнг), муқаррар намудани нуктаи назорати шахсият (шкалаи Д. Роттер),

инчунин муайян кардани дараҷаи худназоратӣ дар муошират (усули Снайдер), салоҳияти иҷтимоӣ ва коммуникативӣ, тамоюли ҳадафноки шахсият, фазои равонӣ дар дохили даста);

– муайян кардани дараҷаи забондонӣ (тести луғавӣ-грамматикӣ)»[141, с. 135].

Истифодаи системаи фавқуззикри усулҳои психодиагностикӣ ба омӯзгор имконияти зиёд фароҳам меорад, ки сатҳи муосири қобилияти муошират ҳар як донишҷӯро нисбат ба омӯзиши забони хориҷӣ (бахусус, салоҳияти коммуникативӣ) ба таври дақиқ муайян намояд ва дар бораи вазъи гурӯҳ дар маҷмуъ маълумоти комил ба даст орад. Ҳамзамон, омӯзгор метавонад, ки донишҷӯёнро тибқи шавқу рағбаташ аз рӯйи сатҳи салоҳияти коммуникативии омӯзиши забони хориҷӣ оқилона ҷудо намояд.

Ба қавли Г.А. Китайгородская ифода намоем, «вусъати ҷараёни таълим ба «принсипи ҳамкории дастаҷамъона асос ёфтааст, аз рӯ ин раванд ки имкон фароҳам меорад, ки салоҳияти забони хориҷӣ пурра азхуд карда шавад. Омӯзиши пайдарпай бо ҳар роҳ нуқсони асосии методикаи классикиро бартараф созад, зеро он ҳангоми машғулият ба муносибатҳои мутақобилаи омӯзгору донишҷӯ халал мерасонад ва ҳамзамон монеа эҷод менамояд. Ҳангоми ба таври сунъӣ ташаккул ёфтани ҳолатҳои муайяни воқеие, ки салоҳияти эҷодии донишҷӯро тақозо мекунанд, дар ҷараёни таълим ба сифати шарти асосӣ, ки он ҳамчун муошировати забонӣ ба ҳисоб меравад бинобар ин дар раванди омӯзиши он донишҷӯён метавонанд маводи таълимиро боз ҳам самараноктар омӯзанд ва қобилияти зеҳнӣ ва маҳорати донишандӯзии хешро боз ҳам беш аз пеш такмил диҳанд.

Дар баробари ин яке аз пояҳои дидактикии таълим, яъне асоси таълими гурӯҳиро бояд ба инобат гирифт, чунки ба ақидаи мо муносибати самимии донишҷӯён нисбат ба ҳамдигар ҳангоми муошират

бо назардошти омилҳои фаъолияти таълим бештар ба вуқуъ мепайванданд.

Яке аз роҳҳои муассири рушди салоҳияти нутқӣ ва фаъолгардонии механизмҳои тамоюли донишҷӯён ин, пеш аз ҳама, ташкили муошират ва гуфтугӯ бо забони англисӣ мебошад: чунки иҷрои нақш ё бозӣ, ташкили конфронсу семинарҳои хурд, гузаронидани баҳсу мунозираҳо ва ҳоказои дигар онҳоро дилгарм менамояд»[46, с. 13].

Донишҷӯён аксар мавридҳо бо ҳамдигар хоҳ - нохоҳ суҳбат мекунанд, бо ҳамдигар аз наздик шинос мешаванд, бар замми ин байни хеш маълумот мубодила мекунанд, дар баробари ин малака ва маҳорати нутқи забонии худро такмил мебахшанд, қобилияти эҷодии худро ташаккул медиҳанд, ки ин падида ба раванди таълим таъсир мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки иҷрои нақш ва бозиҳо мустақиман фаъолияти нутқи шифоҳиро такмил медиҳад ва бар замми ин бо забонҳои мухталифи хориҷӣ озодона ҳарф заданро дар самти касбӣ кафолат медиҳанд.

Ташаккули «салоҳияти коммуникативӣ - касбии донишҷӯён, қабл аз ҳама, аз омӯзиши луғатҳои касбӣ оғоз мегардад. Вобаста ба ин омӯзгор технологияи нави таълимӣ таҳия менамояд, ки ҳадафи асосии он рушди қобилиятҳои махсуси педагогӣ дар роҳи фаъолгардонии амалиёти омӯзишӣ, маърифатӣ ва тафаккури донишҷӯ ба ҳисоб рафта, ҳамин тавр ба ҳар кас имкон фароҳам меорад, ки раванди азхудкунии маводи нави забонӣ ва ташаккули малака ва маҳорати худро тариқи амалӣ роҳандозӣ намояд» [141, с. 137].

Ба андешаи Е. С. Полат методи лоиҳаҳои «ба таври муайян ҷустуҷӯйи муташаккилона, ки кори таҳқиқотии донишҷӯёнро ифода мекунад, он на танҳо ин ё он натиҷаи ҳосилшударо фаро мегирад, балки он қаблан аз ҷониби нафаре тарҳрезӣ шудааст, ки ташкили раванди ба даст овардани натиҷаҳоро дар вуҷуди худ фаро мегирад.

Бояд қайд кард, ки «корҳои лоиҳавӣ инчунин метавонанд эҷоди филмҳо ва видеосабтҳо, гузаронидани пурсишу посуххо, таблиғоту ташвиқот, ташкили дастаҷамъонаи сайру саёҳат, навиштани иншову эссе, гузоришҳо, тартиб додани чайнворду кроссвордҳо; гузаронидани викторинаю шабнишиниҳо, намоишҳои филмҳои мустанад, баргузории консертҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва ғайраҳоро дар бар гиранд.

Корбурди методикаи лоиҳавӣ дар рафти баргузории дарсҳои забони англисӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯён дар омӯзиши забони хориҷӣ тавассути технологияҳои инноватсионию иттилоотӣ натиҷаҳои хуб ба даст меоранд; имконияти истифодаи донишҳои амалӣ ва малакаҳои навро пайдо мекунанд; ин лоиҳаҳо бештар аҳаммияти омӯзиши ҳамгирой доранд. Гузаронидани чунин лоиҳаҳо тибқи мавзуъҳои мубрами минтақавӣ ва иҷтимоӣ дуруст аст. Он бояд пешакӣ ба нақша гирифта шуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои ниҳоӣ дар онҳо бояд ҳатман шарҳу тавзеҳ ёбанд» [141, с. 139].

Методикаи амалиёти лоиҳавӣ ба дараҷаи муайяни коммуникативӣ шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Чунин методи таълим ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар рафти иҷрои корҳои таълимӣ ва идроки муташаккилона ширкат варзанд, масъулияти инфиродии худро дар таҳияи лоиҳаҳо бештар дарк кунанд, заминаи устувори забономӯзӣ ташкил намуда, ҷиҳати таҳкими малакаву салоҳиятҳои касбии омӯзиши забони хориҷӣ ва коммуникативӣ кӯшишу ғайрат ба харҷ диҳанд.

Таҳқиқоти олимон ба мо имкон медиҳанд, ки «он мушкилие, ки дар ин лоиҳа пинҳон аст, шароит фароҳам меорад, то ин ки таваҷҷуҳи донишҷӯ аз шакли баён ба мундариҷа гузарад ва ин самти коммуникативии таълимро муқаррар созад. Ин гуна муносибат бо истифода аз технологияи муосири педагогии мушкилоти таълим ва методҳои ҷустуҷӯйи эҷодӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ бештар

роҳандозӣ мешавад.

Дар мавриди чунин технологияҳои педагогӣ, аз қабили омӯзиши дастаҷамъона, технологияи таълими лоиҳавӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим ҳарф зада, нақш ва аҳаммияти захираҳои интернетиро, ки ҷиҳати татбиқи муносибати ҳадафноки касбӣ ва коммуникативии донишҷӯ мусоидат мекунанд, метавон арзёбӣ намуд»[141, с. 140]. Ин муносибатҳо пеш аз ҳама, таълими нутқи шифоҳӣ ва ташаккули маҳорату малакаи муоширати касбӣ ва байнифарҳангии донишҷӯёнро беҳтар ба инобат мегиранд.

Барои ташаккул додани муҳити омӯзишӣ бо ёрии шабакаҳои интернетӣ ҳам донишҷӯён ва ҳам омӯзгорон имконияти бештар пайдо мекунанд, ки ҳар гуна маълумоти муҳимро ба даст оранд, аз ҳама гуна адабиёту сарчашмаҳо баҳрабардорӣ намоянд, аз рӯйдодҳои имрӯзаи ҷаҳон огоҳ шаванд ва бо ҳамсолони хориҷӣ дар тамос бошанд. Барои расидан ба мақсадҳо бояд сарчашмаву сомонаҳои зеринро самаранок истифода бурд: Yahoo!, UltraSmart, Look Smart, Galaxy, AltaVista, Hot Bob, Open Text, WebCrawler, Excite, Chat ва монанди инҳо.

Бояд гуфт, ки маҳз дар рафти татбиқи мақсади асосии таълим – рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯ, ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ рушду нумӯ карда, ҳамзамон амалӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, «ҳангоми забономӯзӣ дар раванди таълим муттаҳид сохтани захираҳои иттилоотии интернетӣ басо ҳам бамаврид аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои муқарраршуда ва ҳалли масъалаҳои зиёди дидактикӣ мусоидат намоянд, масалан:

– рушди малака ва маҳорати хондан ва навиштан (ҳам дар марҳалаи ибтидоӣ ва ҳам пешрафта);

– такмили идрок дар асоси матнҳои умумикасбӣ ва ихтисосӣ;

– дар асоси вазифаи гузошташуда қобилияти суханронӣ (монологӣ,

диалогӣ)-ро такмил додан;

– рушди тамоюли донишҷӯён ба забономӯзӣ;

– такмили малака ва маҳорати нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ (реферат, корҳои мустақилона, маърӯза, иншо, муаррифинома ё худ презентатсия);

– ғанигардонии захираи луғавӣ;

– шиносоӣ бо фарҳангу тамаддун, анъанаҳо, расму ойини кишварҳои англисзабон.

Таҳқиқи луғат, инкишофи талаффуз, омода кардани нутқи диалогӣ ва монологӣ, таълими тарзи дурусти навишт, рушди падидаҳои грамматикӣ, яъне ин ҳамаро метавон дар рафти баргузории машғулиятҳои забони хориҷӣ ба василаи барномаҳои таълимии таҳияшудаи сомонаҳои интернетӣ ба даст овард, масалан:

– http://myefe.ru/anglijskaya-transkriptsiya.html;

– http://puzzle-English.com/;

– http://www.bell-labs.com/proiect/tts/index.html;

– http://www.iecc.org, ва ғ.

Аксар вақт истифодабарандагони шабака ва инчунин сомонаҳои интернетӣ ба чархи гардиши ҳодисаҳои воқеӣ ва вазъияти муосир таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, дар ҳоле ки омӯзиши омилҳои зиёди забони хориҷӣ дар муоширати мустақим сурат мегирад, ки омӯзиши мустақими грамматика, лексика, фонетика ва ғайраро истисно мекунад.

Масалан, сомонаи http://myefe.ru/anglijskaya-transkriptsiya.html на танҳо ба омӯзиши транскрипсия нигаронида шудааст, зеро дар он ҷумлаҳои англисӣ ба таркибу вожаҳои алоҳида таҷзия шуда, барои ҳар яки онҳо транскрипсия ва тарҷума пешниҳод мешавад. Аммо муҳим он аст, синтезатори нутқ дар ин ҷо таҳия шудааст, ки имкон медиҳад талаффузи калимаҳои бритонӣ ва амрикоӣ бештар пешниҳод шаванд»[141, с. 142].

Ҳамин тариқ, дар сомонаи мазкур сабти овозии ҳар як калимаи

нофаҳмо бештар матраҳ мешавад. Пас, бо роҳи истифода аз сомонаи мазкур донишҷӯйи муассисаи таҳсилоти олӣ хондан ва гӯш карданро меомӯзаду халос.

Дар сомонаи «http://puzzle-english.com ба донишҷӯён якчанд бахшҳои омӯзиши забони англисӣ пешниҳод шудааст, ки дорои супоришҳои мухталиф ва ҷолиби таваҷҷуҳи грамматикӣ ва лексикӣ мебошад.

Дар шабакаи умумиҷаҳонии интернет метавон нашрияҳои иттилоотии хориҷии англисии (http://washtimes.com; http://www.bbc.co.uk/worldservice; http://www. nytimes.com) ва ҳоказои дигарро мутолиа кард. Ин навъи сомонаҳо дорои маводи басо ҳам бузург буда, дар онҳо маълумоти мухталиф дар бораи воқеаҳои ҷаҳон ва ҷомеаи муосир мавҷуданд. Муҳокимаи минбаъдаи матни англисӣ қобилияти таҳлилӣ-синтетикӣ ва нутқи равони хонандагонро инкишоф медиҳад. Аммо гоҳ-гоҳ донишҷӯён дар жарфияти иттилооти интернетӣ ғарқ мешаванд ва раҳгум мегарданд.

Барои соҳиб шудан ба салоҳияти касбӣ, донишҷӯён метавонанд, ки тавассути почтаи электронӣ дар олами виртуалӣ тамос гиранд, дар ин росто қобилияти навиштан ба сифати як навъи фаъолияти нутқӣ инкишоф меёбад.

Ба шарте ба натиҷаҳои мусбат соҳиб шудан мумкин аст, ки агар барои муошират бо ҳамсуҳбати англисзабон ба донишҷӯён интихоби озоди мавзуъ пешниҳод карда шаванд»[141, с. 143]. Мукотиба тавассути почтаи электронӣ дар шабакаҳои интернетии мухталифи ҳирфаӣ таваҷҷуҳ нисбат ба раванди омӯзиши забони англисӣ афзоиш ёфта, дар ин ҷода салоҳиятҳои касбӣ ва фарҳангӣ рӯ ба тараққӣ мениҳанд. Ин василаи олии таҷрибаомӯзӣ барои донишҷӯён аст, зеро ҳар гуна садду монеаи забониро бартараф мекунад.

Донишҷӯён кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то дар раванди изҳори

андеша озод бошанд, мавзуъҳои суҳбати озод ба манфиати эшон анҷом ёбад. Донишҷӯён донишу малака ва маҳорати хешро дар заминаи забономӯзӣ такмилу тавсеа бахшида, дар ин васила таҷрибаи хешро бой мегардонанд, ҳамзамон қобилияти зеҳниву ақлиро бештар инкишоф дода, дар як гурӯҳ ё даста кор карданро меомӯзанд.

Муошират «бо забони англисӣ дар шароити таълими васеъ, ба ақидаи баъзе олимон, ҷузъи ногусастании раванди таълим ё марҳалаи методии нақшаи дарсӣ набуда, балки асоси бунёди раванди таълимӣ ва маърифатӣ мебошад. Таълими забони англисӣ барои суҳбати озод бо ин забон танҳо дар раванди омӯзиши пайваста татбиқ ва амалӣ мегардад.

Сомонаҳои махсуси интернетӣ самарабахшии омӯзиши забони англисиро кафолат медиҳанд ва ҳамзамон фазои муносиб барои таълим фароҳам меоранд ва ҳамчун захира барои муносибати интерактивӣ истифода мешаванд. Дар баробари ин «омӯзгор шогирдонашро ба такмилу ҷустуҷӯйи роҳҳои ташаккули малакаи эҷодкорӣ роҳнамоӣ ва даъват ба амал оварда, донишҷӯро танҳо ба василаи хуби рушди фаъолияти эҷодӣ равона месозад ва бояд таъкид намуд, ки ин муносибати устоду шогирд танҳо дар асоси принсипи эҷодиёти якҷоя роҳандозӣ мегардад.

Тибқи далелҳои дар боло матраҳшуда хулосаҳои зерин ҳосил шуданд:

– истифодаи воситаҳои нави техникии таълим боиси рушди самараноки салоҳияти забони хориҷӣ дар байни донишҷӯёни факултетҳои гуманитарии ғайризабонӣ мегардад;

– усулҳои муосири таълим фаъолияти идроки донишҷӯро ба таври назаррас ва бештар аз пештар фаъол мекунанд;

– таҷдидан ташкил кардани фаъолияти омӯзишӣ - идрокии донишҷуён тавассути корбурди технологияҳои инноватсионии таълим (восита, усул, шакл) унсури муҳимми ташаккули таҳсилоти касбӣ ба

шумор меравад;

– бо усули “принсипи дастаҷамъона» ва фаъолгардонии майлу рағбати донишҷӯён ба забономӯзӣ салоҳияти озод бо забони хориҷӣ ҳарф заданро ба даст овардан ҳам мумкин аст»[141, с. 144].

Барои ноил шудан ба зинаҳои баланди омӯзиши забони англисӣ, ҷавонон имтиёзҳои бузурге доранд. «Дар синну соли ҷавонӣ тибқи касби интихобшуда нозукиҳои нутқи шифоҳӣ ва озод бо забони хориҷӣ ҳарф заданро омӯхтан хело осон аст. Дар баробари ин, бешубҳа, методикаи таълими забони хориҷӣ дар донишкадаву донишгоҳҳо бояд таҷдиди назар гардад. Яъне, таълими забони англисӣ бояд дар сатҳи олӣ сурат гирад ва боз ҳам фаъолтару жарфтар бошад»[96, с. 77].

Бо ин мақсад дар аксар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми машғулияти амалии забони англисӣ аз супоришҳои забонӣ истифода бурда мешаванд, ки дар ин росто кори таҳлилӣ ва синтетикиро тақозо мекунанд ва принсипи татбиқи мундариҷаи фанҳои зиёди таълимӣ истифода мешавад, инчунин ҳангоми таълими забони англисӣ тамоюли коммуникативӣ ва касбии донишҷӯ баланд мешавад. Бар замми ин, «технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим зиёд истифода шуда, мундариҷаи таълими забони англисиро дар асоси матнҳои ихтисосӣ такмил медиҳад.

Ҳамаи ин имкон фароҳам меорад, ки технологияҳои инноватсионии таълими забони англисӣ дар донишгоҳҳо таҳия карда шаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки миқдори соатҳои таълими забони англисӣ боз ҳам зиёд карда шуда, онро бояд аз дигар фанҳои таҳсилоти умумӣ ҷудо намоянд.

Дар зер равандҳои технологии муосири таълими забони англисиро пешниҳод менамоем, ки ба рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён ҳамаҷониба мусоидат менамоянд.

**Методикаи таълими модулӣ (қолабӣ).** Таълими модулӣ дар асоси фаъолиятнокии омӯзиши пайваста асос ёфтааст. Аз ин рӯ, донишҷӯён он

маводи таълимиеро, ки дар раванди баргузории дарсҳои амалии забони англисӣ фаъолона истифода мешаванд, устуворона ва бошуурона азхуд мекунанд. Таълими модулӣ дар пояи назарияи Л. Виготский бунёд шудааст. Донишҷӯён дар рафти дарсҳои амалӣ бояд нутқи шифоҳиро инкишоф диҳанд, дар танҳоӣ, ду нафар ё дастаҷамъона кор карда тавонанд» [141, с. 145].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки «бо шакли таълими модулии забони англисӣ амалҳои донишҷӯён бояд дар тарҳи муайяни мантиқӣ ба нақша гирифта шаванд. Онҳо бояд ба фаъолият ва истиқлоли фикрӣ боз ҳам бештар эътимод намуда, суръати таҳсили инфиродии хешро ҳатман ба инобат гиранд, инчунин раванд ва натиҷаҳои фаъолияти худро куллан муқоиса карда, худназораткунӣ ва назорати мутақобиларо амалӣ созанд.

Дар асоси технологияи таълими модулӣ - модули таълимӣ ҳосил шуда, маҷмуи иттилоот, барномаи мукаммали мақсаднок ва тавсияҳои омӯзгорро оид ба татбиқи муваффақи он дар бар мегирад»[141, с. 145].

Раванди таълим «беҳтар аз рӯйи навъҳои такрор, дарки мафҳум ё вожаи нав, фаҳмиш, таҳкими маълумоти омӯхташуда ва назорат амалӣ мешаванд, ки имкон дорад, ки ба ин васила дастовардҳои таълим муайян карда шаванд. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба хонанда тамоюли мусбат эҷод кунад, бо ёрии модулҳо раванди таълимро ташкил ва ҳамоҳанг созад, инчунин ба онҳо тавсияҳои муфид диҳад ва зазамон назорат кунад.

Методикаи корбурди лоиҳаҳо низ имкон медиҳад, ки масъалаҳои ташаккул ва рушди малакаҳои зеҳниву тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ ҳалли худро ёбанд.

Лоиҳаи таълимӣ фаъолияти мустақили таҳқиқотии донишҷӯён мебошад. Он дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад. Роҳбари лоиҳа омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун шахси иҷрокунанда мебошанд. Фаъолияти лоиҳаи таълимӣ метавонад дар давоми соли

хониш идома ёбад.

Тибқи «тавсияҳои омӯзгор, донишҷӯ мавзуъ интихоб мекунад, нақша матраҳ месозад, мувофиқи мавзуи интихобшудаи худ адабиёт ҷамъоварӣ ва тасниф мекунад, маводи омӯзиширо аз мадди назар мегузаронад ва аз рӯйи ҳар як боби мавзуи худ хулосаҳои шахсии хешро мебарорад. Пас аз ҳимояи кор, ба донишҷӯ оид ба мавзуи таҳқиқоташ саволҳо дода шуда, роҷеъ ба маърузааш шарҳи мухтасар низ дода мешавад.

Воқеан, ин навъи фаъолият дониши васеъ ва таҳияи саҳеҳро вобаста ба вазифаҳои гузошташуда тақозо менамояд.

Ҳоло технологияи лоиҳаҳо дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар раванди таълими забони англисӣ, босуръат ҷорӣ карда мешаванд. Кори лоиҳавӣ ташкили ҳамкории дастаҷамъонаи донишҷӯён ва омӯзгорро дар назар дошта, андешаҳои донишҷӯёнро дар робита ба фаҳмиши масъалаҳои муқарраршуда фаро мегирад» [141, с. 146]. Бинобар ин, бо истифода аз ин навъи фаъолият салоҳиятҳои зерин ташаккул меёбанд:

1) фаҳмиши таҳлилӣ ҳангоми муҳокимаи иттилоот, интихоби далелҳои зарурӣ, қиёс ва муқобилаи зуҳурот;

2) тафаккури дастаҷамъона дар рафти таъйини ҷамъоварии факту ходисаҳои пештар омӯхташуда, ташаккули ғункунии вижагиҳои нави предмет, падида ва ғайраҳо;

3) тафаккури мантиқӣ, агар қобилияти ҳосил кардани мантиқи дурустии қарорҳои қабулкардаи хеш, мантиқи дохилии масъалаҳои ҳалшаванда, мантиқи пайдарпайии амалҳое, ки барои ҳалли масъала андешида мешаванд;

4) қобилияти ҳаллу баррасӣ намудани масъалаи ягонагии робитаҳо ва хусусиятҳо;

5) қобилияти муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа, дарёфти

роҳҳои ҳалли нав, истифодаи донишҳои гуногун барои ҳалли мушкилот.

Ин методика дар донишҷӯ чунин малакаҳои нутқ, аз қабили ҳарф задан, дарк кардан, хондан ва навиштанро ташаккул медиҳад, илова бар ин, қобилияти бо матнҳои гуногуни сатҳи коркарди иттилоотӣ-маъноиро ривоҷу равнақ медиҳад.

**Технологияи таълими ячейкавӣ**. «Навиштани мақолаҳо, мактубҳои расмӣ, очерку публитсистикаҳо, иншоҳои қиёсиву муқобилавӣ ҳадафи дарсҳои амалии забони англисӣ маҳсуб шуда, ба ташаккули салоҳияти нутқии ҷавонон дар фаъолияти касбиашон таъсири бузург мерасонад. Натиҷаи дилхоҳ бо ёрии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шакли лоиҳаҳои мантиқӣ ва осонбаёнии онҳо ба даст меояд, то ки дар раванди азхуд кардани маводи таълимӣ ба донишҷӯ мусоидат намояд.

Фаъолияти номбурда дар зеҳни коршиносони оянда мафҳуми мунтазам эҷод намуда, таваҷҷуҳи онҳоро барои инкишоф ва такмил додани салоҳияти коммуникативӣ ва касбӣ дар шароити навсозии системаи маориф боз ҳам беш аз пеш бедор мекунад.

Донишҷӯён ба донишҳои гирифтаи хеш эҷодкорона муносибат намуда, инчунин ин равандро ба таври мустақилона таҳлил менамоянд ва имкони иртибот бо ҳамдигарро тавассути паёмак дар шакли мактуб ё расм, садо ё аломат пайдо мекунанд.

Айни замон барои рушди натиҷабахши салоҳияти касбӣ бояд бештар аз технологияҳои муосире истифода бурдан лозим аст, ки фардияти донишҷӯён, истиқлоли онҳо, қобилияти тағйирдиҳии шакли иртиботи байни омӯзгор ва субъекти таълим, яъне донишҷӯро таҷозо мекунанд.

Дар Консепсияи таҳсилоти олии касбӣ бояд шаклҳои интерактивии гузаронидани дарсҳои амалӣ дар баробари фаъолияти беруназсинфӣ бо мақсади боз ҳам самаранок ташаккул ва такмил додани қобилияти

касбии донишҷӯёни тоҷик бояд ба таври васеъ истифода карда шаванд.

Мутаассифона, дар бархе аз мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявии корбурди таълими интерактивӣ ба таври кофӣ татбиқ намешавад, истифодаи ягонаи шакл, восита ва усулҳои мухталифи таълими интерактивӣ бо таълими анъанавӣ вуҷуд надорад. Аммо бевосита ҳангоми таълими забони хориҷӣ (англисӣ) технологияҳои интерактивӣ имкон медиҳанд, ки салоҳияти касбии мутахассисони оянда низ ташаккул ёбад»[141, с. 147].

Истифодаи «технологияҳои интерактивӣ дар рафти баргузории дарсҳои амалии забони англисӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки барномаи таълимиро устуворона аз худ кунанд, истиқлоли эҷодӣ ва равонии онҳо ташаккул ёбад. Яке аз ҳадафҳои таълими интерактивӣ ташаккули фазои мусоид ва шароити мувофиқи таълим мебошад, ки дар он донишҷӯён метавонанд худро такмил диҳанд ва қобилияти зеҳниву эҷодиашонро дар амал ҳамаҷониба татбиқ намоянд. Дар баробари ин раванди таълим боз ҳам самаранок гардида, ҳамаи донишҷӯён ба ҷараёни таълим ҷалб карда мешаванд.

Истифодаи технологияҳои интерактивӣ дар раванди баргузории таълими забони англисӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани фаъолнокии идроки донишҷӯён, ташаккули маҳорату неруи эҷодии онҳо дар самти татбиқи муносибатҳои ғайримаъмулӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои мухталиф, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ, боз ҳам боло бардоштани ҳисси баланди масъулият дар назди гурӯҳ бо мақсади боз ҳам самаранок намудани натиҷаҳои кори дастаҷамъона, ташаккули муносибати мусбати шахсӣ ба кор ҳамаҷониба мусоидат намуда, ба ҳамкорон ва фаъолияти таълимӣ заминаи назаррас ва шароити мусоид фароҳам меорад» [36, с. 78].

Ба ҷуз ин, он «малакаи муоширатро инкишоф медиҳад, инчунин ҷиҳати барқарор намудани робитаи эмотсионалии байни донишҷӯён

ҳамаҷониба кӯмаки амалии худро мерасонад ва ҳамзамон омили тарбиявӣ мебахшад, чунки он дар гурӯҳ кор кардан ва ба фикри рафиқонаш гӯш доданро ёд медиҳад.

Усулҳои интерактивӣ аслан гирем барои ҷалби донишҷӯён ба таълими васеи корҳои омӯзишӣ-идрокӣ ва коммуникативӣ истифода мешаванд. Зеро ҳангоме, ки донишҷӯён марбут ба масоили вобаста имкони муошират кардан доранд ё ин ки изҳори ягон гуна ақида ва ҳалли дастаҷамъонаи масъаларо доранд, каме мусоидат менамояд. Дар мисоли ин муҳокимаи иншо ва дастаҷамъона бар он гузоштани саволу ҷавоб, гузаронидани баҳсу мунозира ва барпо намудани конференсияҳои хурди матбуотӣ оид ба масоиле, ки донишҷӯ қобилияти бовар кунондан ва суханрониро тақозо мекунад. Дар баробари ин зарур нест, ки донишҷӯён маводи таълимиро дарк мекунанд ва онро бошуурона истифода мебаранд.

Тавре маълум аст, баргузории фаъолияти илмӣ - методӣ бо гурӯҳ яке аз шартҳои асосӣ ва воситаҳои муҳимми ташаккули шахсияти мутахассиси оянда ба ҳисоб меравад, ки дар таҷрибаи корӣ омӯхта шудааст.

Ҳангоми таълим ва омӯзиши забони англисӣ ба сифати забони хориҷӣ омӯзонидани талаффузи дурусти адабӣ низ яке аз масъалаҳои басо ҳам муҳим мебошад. Баъзан омӯхтани қонуниятҳои фонетикии забони англисӣ осон нест ва ногуфта намонад, ки бо талаффузи нодурусти вожаи англисӣ маънои он каме тағйир меёбад ва боиси натиҷаи иштибоҳи имлоӣ мегардад» [18, с. 176].

Одатан, дар ҳамаи китобҳои дарсии забони англисӣ ба хусусияти фонетика таваҷҷуҳи кофӣ бештар зоҳир шуда, барои инкишофи қобилияти талаффуз кардан ва бе иштибоҳ навиштан корҳои мақсаднок роҳандозӣ мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгор муваззаф аст, ки дар раванди таълими забони англисӣ аз болои талаффузи хонандагон бештар кор

барад.

Раванди азхудкунии малакаҳои талаффузи англисӣ аз ҷониби донишҷӯён раванди басо ҳам тӯлонӣ ва мураккаб буда, аз ҳамаи омӯзгорон ва инчунин донишҷӯён кӯшишу талоши баробарро тақозо менамояд.

Барои зуд омӯхтани забони англисӣ ва умуман забономӯзӣ, инчунин, азхуд кардани талаффузи дуруст бояд корҳои тадриҷӣ оид ба ташаккули қобилияти талаффуз, саҳеҳнависӣ ва ғановати захираи луғавии донишҷӯён низ саривақт ва инчунин ба таври мунтазам андешида шавад.

## 2.3 Дараҷаи ташаккули салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён дар шароити корбурди модели озмоишии технологияи таълими забони англисӣ

Тавре таҳлили вазъи таълими забони англисӣ дар аксар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон собит сохт, дараҷаи азхудкунииии дониши донишҷӯён то ҳоло ба низоми ҷомеаи муосир ва талаботи бозор комилан ҷавобгӯ нест. Дар робита ба ин вазифаҳои инкишофи таълими забонҳои хориҷӣ зарурати омода намудани мутахассисони варзидаи забони англисиро ба вуҷуд меорад.

Феълан дар сохтори таҳсилоти олии кишвар барномаҳои таълимии ин фан таҳия карда мешаванд, аммо аз ҷониби дигар барномаи ягонаи омода кардани мутахассисони соҳаи забони англисӣ вуҷуд надорад. Бо дарназардошти ин мушкилоти мавҷуда, мехоҳем системаи вазифаҳоеро тавсия бидиҳем, ки ба ташаккули мутахассисони баландпоя ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи муколамаи байнифарҳангӣ нигаронида шудааст, ки забони англисиро дар сатҳи босалоҳият ва хубу аъло медонанд.

Воқеиятҳои муосир ба мо аҳаммияти боз ҳам баланд бардоштани

тамоюли донишҷӯёнро ба таҳсил беш аз пеш тақозо мекунад. Хусусияти муайянкунандаи таълими забонҳои хориҷӣ ин пеш аз ҳама ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим мебошад.

Бо вуҷуди ин ҳама, на ҳар мафҳуми навро дар соҳаи маориф инноватсия номидан мумкин аст. Инноватсия гуфта, пеш аз ҳама, эҷод ва ҷорӣ намудани навовариро дар назар доранд, ки дар ҳама гуна амалия, минҷумла дар системаи маориф тағйироти ҷиддие ворид мекунад. Навовариҳо дар соҳаи маорифи кишварамон ба ташаккули шахсият, қобилияти татбиқи ин донишҳо, истифодаи назария дар амалия ва навсозии мундариҷаи таълим нигаронида шудаанд. Усулҳои интерактивии таълим метавонанд ба сифати яке аз воситаҳои ташаккули шахсият ва воситаи боло бурдани завқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ истифода шуда, ин равандро ҷолиб ва боз ҳам ғанӣ гардонанд.

Дар аксар ҳуҷҷатҳои ЮНЕСКО ва Иттиҳоди Аврупо мушкилоте инъикос ёфтааст, ки ба ташаккули як қатор салоҳияте таъсир мерасонанд, ки ҳамчун натиҷаи зарурии таълим ба ҳисоб мераванд. Аз соли 1971 инҷониб дар лоиҳаҳои Иттиҳоди Аврупо роҷеъ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷиҳати муайян кардани асосҳо ва принсипҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таълим ва баҳодиҳии онҳо корҳои назаррас анҷом дода шудааст. Тавре маълум аст, соли 1997 Иттиҳоди Аврупо санади «Забонҳои муосир: омӯзиш, таълим, таҳлил. Салоҳияти умумӣ - аврупоӣ"- ро қабул кард.

Муҳиммияти асосии ҳуҷҷати мазкур, ба тавсифи методҳои фаъолсозии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ бо мақсади иҷрои амалиёти нутқӣ ва ҳалли масъалаҳои коммуникативӣ баён мегардад, ки дар ҷараёни муоширати байнифарҳангӣ асос меёбад.

Салоҳияти умумӣ аз ин мафҳумҳо иборат аст: қобилияти омӯхтан

(ability to learn); салоҳияти мавҷуда (existential competence); дониши декларативӣ (declarative knowledge); малака ва маҳорат (skills and know how).

Салоҳиятҳои забонӣ бошад ба қатори салоҳиятҳои умумӣ ворид намешаванд, зеро онҳо ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла салоҳияти коммуникативиро кафолат медиҳанд.

Дар таҳқиқи мазкур чор навъи салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ матраҳ мешаванд: салоҳияти шуурнокӣ, салоҳияти репродуктивӣ, салоҳияти босамар ва салоҳияти эҷодӣ.

Ҳоло ҳамаи марҳалаҳо мувофиқи меъёрҳои зерин шарҳу тавзеҳ дода мешаванд:

1. Меъёри дараҷаи аввалро кори ғайримустақилонаи донишҷӯ меҳисобем, ки «аз рӯйи дастуру супоришҳои омӯзгор омода мешаванд, вақте омӯзгор дар фаъолияти таълимӣ раҳнамоӣ мекунад, аз донишҷӯ танҳо ҷавоби дуруст тақозо мекунад ва ҳангоми навишт ва гуфтор ба иштибоҳ роҳ доданро инкор мекунад. Ин ҳолат вақте ба амал меояд, ки агар омӯзгор ба ҳадафи хеш нарасад ё дар ташаккули мафҳумҳои умумии таълим ва усулҳои тадрис донишҷӯ ба мушкилиҳои бузург рӯ ба рӯ мешавад.

2. Меъёри асосии марҳалаи репродуктивӣ мавҷудияти донишҳои забонии донишҷӯро бо маҳорати нокифояи истифодаи он, фаъолияти репродуктивӣ аз рӯйи хотира ё ин усул анҷом меёбад, зеро омӯзгор аз донишҷӯ интизор мешавад, то ки ӯ супоришҳоро бомуваффақият анҷом диҳад, ки он супоришҳо амалиёти одии равониро талаб мекунанд, инчунин, мубодилаи мустақили баёноти байни донишҷӯёнро ташкил мекунад.

3. Меъёри асосии марҳалаи босамар дониши кофии маҳорати забонии донишҷӯ мебошад: усулҳои таҳлил, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ; дар баробари ин касби дониш ва малакаи забонӣ ҳамчун

воситаи шинохти дониш истифода бурда мешавад.

Фаъолияти тафаккур ба шакли шифоҳӣ - мантиқӣ миёнарав аст. Омӯзгор худшиносӣ, фаҳмиш ва кӯшишу ғайрати худро баҳри рушди салоҳияти худогоҳии донишҷӯён ташкил намуда, барои ташаккули салоҳияти иҷтимоии шогирдон ҳам дар кори навиштан, ҳарф задан, шунавоӣ ва ҳам дар ташаккули фардиву фарҳангии онҳо саҳмгузор мегардад.

4. Меъёри асосии марҳалаи эҷодӣ ин худтакмилдиҳии босалоҳияти шахсӣ мебошад, ки дар асоси дониш, маҳорат, арзишҳо ва мазмунҳои омӯхтааш қодир ба кори мустақилонаи эҷодии таълимӣ маҳсуб меёбад. Донишҷӯ масъалаҳоеро ба миён мегузорад ва ҳал мекунад, ки ҷамъбасти маълумот ва тафаккури эҷодиро тақозо мекунанд ва барои фаҳмидани дигар масъалаҳо бо мақсади ҷустуҷӯйи ҳақиқати нав беш аз пеш кӯшиш ба харҷ медиҳад, инчунин ба "ҳамкорӣ" ворид шуда, масъулияти иҷтимоӣ ё рушди марҳалаи иҷтимоиро низ роҳандозӣ мекунад»[16, с. 176].

Дар таҷрибаи донишгоҳии солҳои охир чунин ба назар расид, ки дар рафти баргузории дарсҳои забони англисӣ яке аз ҷанбаҳои муҳиммтарини раванди таълим, вазифаи коммуникативӣ аксар вақт аз мадди назар дур мондааст. Аз ин рӯ, барои омӯзгор интихоб кардани супоришҳо яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор рафта, он на танҳо саводи забонӣ, балки салоҳияти коммуникативӣ (суханӣ)-ро низ инкишоф медиҳанд.

Ҳадафи асосӣ аз баланд бардоштани савияи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён ба ҳолати дуҷонибаи матн нигаронида шудааст. Салоҳиятҳои маърифатию коммуникативӣ донишҳо дар бораи мафҳумҳои асосии забонии нутқ (услуб, навъҳои нутқ, пояи таркибии тавсиф, баҳсу мулоҳиза, нақли шифоҳӣ, тарзи пайваст кардани ҷумлаҳои матн, инчунин асосҳои синтаксисӣ ва имлои забон), малака ва маҳоратро

ҳамчун таҳлили интиқодии матни жанр ва услуби онро дар бар мегирад. Қобилияти коммуникативӣ, яъне қобилияти нутқи шифоҳӣ дар соҳаҳо ва ҳолатҳои мухталифи муоширатро бо назардошти хусусиятҳои шахсии мухотаб ва услубҳои корӣ - расмӣ, илмӣ ва гуфтугӯйӣ мавриди истифода қарор мегирад.

«Кори таҳлили забонии матнро бояд дар ҳар дарси забони англисӣ ташкил кард, зеро ҳадаф ва вазифаҳои ин кор ҷиҳати рушди малакаҳои муҳимми муошироти донишҷӯён, яъне қобилияти эҷоди матни шифоҳӣ ва хаттӣ, ки ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ аст, мусоидат мекунанд, инчунин ба шарту қонуниятҳои муқарризон посух гуфта, қобилияти дар матн нишон додани арзишҳои инсондӯстона, навоварӣ ва сатҳи баланди фарҳанги забониро ҳамаҷониба такмил медиҳад.

Моҳият ва равандҳои технологии таҳсилоти касбӣ бояд ҳалли масъалаҳои аҳаммияти касбидоштаро бо роҳи ташаккули салоҳияти касбӣ ва коммуникативии забони хориҷӣ амалӣ созад»[85, с. 35].

Дар зер қолаби дохилии салоҳияти касбии забони хориҷӣ ва коммуникативии мутахассиси оянда нишон дода шудааст, ки он маҷмуи салоҳиятҳоеро фаро мегирад ва ҳадафи мушаххаси таълими касбии забони англисиро низ инъикос мекунад.

Ҳалқаи «пайвандкунандаи системаи салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии забони хориҷӣ, ҳамчун шакли пурраи фаъолияти касбӣ ба ҳисоб рафта, дорои арзишҳои башардӯстона, принсипҳои бунёди маънавӣ ва заминаи амалиёте (усулҳои ҳалли масъалаҳои стандартии касбӣ), ки бо маҳорати забони хориҷӣ пурра шудааст, усулҳои ҳалли масъалаҳои касбиро вобаста ба шароит интихоб мекунад, яъне «фазои зуҳури фардӣ»-и мутахассис мебошад.

Аз ин лиҳоз, салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии забони хориҷӣ натиҷаи омодагии касбӣ-тахассусии забони англисӣ ҳисобида мешавад ва ба назари мо, мазмуни қобилият ва омодагии шахс

барои муоширати натиҷабахш ба забони хориҷии касбӣ дорад. Дар баробари ин, салоҳияти касбию коммуникативии забони хориҷӣ аз соҳаи мушаххас, объектҳо, намуд ва хусусияти касбии кори ояндаи донишҷӯ вобаста аст. Он дар навбати худ, интихоби технологияҳои (усулҳо, воситаҳо ва шаклҳо) таълими касбиро муқаррар менамояд, ки дар Консепсияи муосири таҳсилоти олии касбӣ заминаи илмию методии азхудкунии забони англисӣ ба ҳисоб мераванд» [136, с. 249].

Ба андешаи мо, яке аз шартҳои рушди босамари салоҳияти касбӣ ва маърифатию коммуникативии забони хориҷӣ дар донишгоҳ ин фаъолияти таълимии махсус омодашуда бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад.

«Ба туфайли технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, дар раванди таълими забони англисӣ донишҷӯён имкон доранд, ки ҳама намудҳои амалиёти нутқиро такмил диҳанд ва бо ҳамсолони кишварҳои гуногун ба забони англисӣ муошират кунанд.

Мақсади таълими муоширати касбии забони хориҷӣ ташаккули системаи мушаххаси донишҳои касбӣ мебошад, ки бо донишҳои ҷомеаи касбии ҷаҳони иҷтимоию фарҳангӣ мувофиқат мекунад. Матнҳои касбӣ, луғатномаҳо, дастурҳо, маҷаллаву рӯзномаҳои англисӣ дастраси донишҷӯён мегарданд. Мутахассисони оянда ҳангоми кор бо иттилооти касбӣ имкон доранд, то ки қобилиятҳои бадастомадаро фаъол ва рушд диҳанд.

Салоҳияти касбии мутахассисони оянда маънои ҳалли бомуваффақияти як қатор масъалаҳоро мувофиқи мақсадҳое, ки дар назди ҷомеа истодаанд, ифода мекунад ва дараҷаи ҳавасмандгардонии фаъолияти касбӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои истеҳсолиро фаро мегирад.

Азбаски омодагӣ ба забон дар донишгоҳ бояд дар сатҳи касбӣ ба роҳ монда шавад ва дар аксари донишгоҳҳои Тоҷикистон аз нарасидани

китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз рӯйи ихтисоси худ азият мекашанд, худи омӯзгорон барои донишҷӯён аз рӯйи самтҳои касбӣ курсҳои омӯзиши забони англисиро пешниҳод мекунанд»[15, с. 56].

Дар робита ба эҳтиёҷоти замони муосир мо барои донишҷӯёни кафедраи дорусозӣ китоби дарсии забони англисӣ тартиб додем, ки маҷмуи супоришҳои назоратӣ ва тестҳо барои санҷиши сатҳи миёнаи дониши донишҷӯён, рӯйхати мавзуъҳои матнӣ барои муошират бо мақсади муайян кардани қобилияти нутқи шифоҳӣ тартиб дода шуд.

Мақсади дастурамал ба донишҷӯён омӯзонидани малакаҳои кор бо матнҳои тахассусӣ мебошад, то ин ки салоҳияти забонӣ ҳосил шавад ва сатҳи касбии курси забони англисиро дар ҳамаи донишкадаю донишгоҳҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ муайян созад.

Ҳангоми таълими забони англисӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мухталифи компютерӣ асосан барои сохтани слайдҳо, диаграммаҳо ва презентатсияҳо истифода бурда мешаванд. Масалан:

«- захираҳои иттилоотии интернетӣ (сомонаҳои иттилоотӣ);

– маводи сабтҳои овозӣ ва видеоӣ;

– луғатҳои электронӣ, тарҷумонҳои электронӣ, дастурҳои маълумотдиҳӣ ва энсиклопедияҳо (www.dictionary.com, www.wikipedia.org, www.encyclopedia.com ва ғ.);

– системаҳои ҷустуҷӯйӣ (www.google.com, www.ask.com, www.yandex.ru);

– васоити ахбори умуми электронӣ;

– дастурҳои таълимӣ - методӣ барои омӯзгорон;

– воситаҳои электронии мукотибавӣ (почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук, Инстаграм, чатҳо ва ғайраҳои дигар).

Ин раванди технологӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон ҷиҳати

такмили донишҳои касбӣ дар лоиҳаҳои муштарак имконияти васеъ фароҳам меоранд. “Онҳо имкон медиҳанд, ки иттилооти графикӣ, файлҳои овозӣ ва сабти видеоӣ ба таври васеъ истифода шаванд ва тамоми каналҳои ҷараёни иттилоотро фаъол гардонанд, инчунин фаъолияти зеҳнии донишҷӯёнро боло бардоранд»[6, с. 17].

Дар робита ба ин масъала шаклҳои фаъолияти таълимӣ тағйир дода шуданд, то ин ки донишҷӯён имконияти бештар мустақилона кор карданро пайдо намоянд ва дар асоси принсипи ҳамкорӣ бо шарикон ва омӯзгор супоришҳои эҷодиро иҷро намоянд.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи нави дониш, яъне лингводидактикаи компютерӣ ба майдон омадааст. Пайдоиши он бо ташаккули технологияҳои компютерӣ ва такмили усули таълими забони англисӣ зич алоқаманд аст. Лингводидактикаи компютерӣ мафҳум ва таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникативиро дар таълими забон меомӯзад. Яке аз самтҳои таҳқиқоти лингводидактикаи компютерӣ ин ворид намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба раванди ягонаи таълими забони англисӣ ва таҳияи методҳои нави таълимӣ дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад.

Самаранокии корбурди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ бевосита аз фарҳанги иттилоотию коммуникативии омӯзгорон ва мутахассисони оянда вобаста аст. Яке аз мушкилоти асосии омӯзгорони забони англисӣ ин пеш аз ҳама дуруст ва босалоҳият истифода бурда тавонистани технологияҳои компютерӣ дар сатҳи муосири методӣ мебошад. Корбасти технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ сифати таълими забони англисиро беҳтар намуда, барои додани дониш, назорат, мустаҳкамкунӣ, такрор, хулосабарорӣ, яъне ҳамаи вазифаҳои дидактикиро иҷро мекунад.

Бо мақсади татбиқи технологияи салоҳияти касбӣ-коммуникативии

забони хориҷӣ аз фанни забони англисӣ мо як манбаи электронии таълимӣ, яъне ташкилоти касбии забони хориҷии донишҷӯён дар самти «Дорусозӣ» (забони англисӣ)-ро таҳия намудем, ки он таълими самараноки забони англисиро фаро мегирад. Барои коркарди манбаи электронии таълимӣ, қабл аз ҳама, бояд соҳаи таълими мавриди омӯзиш ва робитаи он бо дигар фанҳо муайян карда шавад.

Бинобар ин, бояд дар бораи технологияҳои коркарди манбаи электронии таълимӣ ва воситаҳои барномавӣ-техникие, ки ба сифати унсурҳои ташаккули воситаҳои таълими компютерӣ хидмат мекунанд, маълумоти васеъ дошта бошем.

Ҳангоми таҳияи мундариҷаи манбаи электронии таълимӣ қадамҳои зеринро ба назар гирифтем:

1) «муқаррар намудани соҳаи фаннии фаъолияти таълимию маърифатии пешбинишуда", яъне муайян кардани субъектҳои маърифатӣ ва муқаррар намудани феҳристи мафҳумҳо, мушкилот ва усулҳое, ки аз як нуқтаи назар объектҳои интихобшуда мавриди омӯзиш қарор мегиранд;

2) тартиб додани қонуниятҳое, ки аз рӯйи нақшаи фанни таълимӣ аз худ карда шудаанд;

3) мувофиқати байни таркибҳои мафҳуми дониши назариро баҳо додан, ки ҳодисаҳои таҳқиқшавандаро шарҳу тавзеҳ медиҳанд, инчунин, қонунҳои муқарраршударо тавсиф дода, ба ҷуз аз он иҷрои амалиёт ва дастурҳои маърифатиро фаро мегиранд;

4) муқаррар намудани ҳолатҳои якхела, ки дар асоси онҳо фанни таълимии пешбинишуда таъсис меёбад;

5) таҳияи феҳристи супоришу вазифаҳое, ки иҷрои онҳо барои азхуд кардани мундариҷаи объекти таълим нигаронида шудааст;

6) муайян сохтани номгӯйи масъалаҳое, ки аз нуқтаи назари ташаккули фаъолияти касбию педагогӣ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Таҳқиқи манбаи электронии таълимӣ ё худ ташкилоти касбии забони хориҷии касбии «Дорушиносӣ» (забони англисӣ)-ро метавонад аз тарҳрезии барнома оғоз кард.

Аксари вариантҳои пешниҳодшударо (Java Applets) дар сомонаҳои интернетӣ пайдо кардан мумкин аст. Онҳоро ба компютери худ зеркашӣ карда, дар оянда барои ташаккули манбаъҳои электронии таълимии худ ҳам дар шакли бархаттӣ (онлайнӣ) ва ҳам ғайрибархаттӣ (оффлайнӣ) истифода бурдан мумкин аст.

Асоси манбаи электронии таълимиро маводи таълимии забони англисӣ дар ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва дигар матнҳои алоҳида ташкил медиҳанд. Дар зер намунаи муколама ва матн аз манбаи электронии таълимӣ матраҳ мешавад:

**Grammar focus:** Present simple.

**Communication focus:** Illness and discomfort.

**Essential words and phrases:**

So so, matter, feel, hot, temperature, sit down, would you like, to see a doctor, cough medicine, take, cold, paracetamol, kind, take medicine, to have a cold, falk remedy, hot milk, with honey, which one.

**DIALOGUE**

– Hello, Jamila.
– Hello, Jamshed.
– Are you all right?
– I am so so.
– What’s, the matter?
– I feel very not.
– Have you got a temperature?
– Yes, I think so.
– Would you like to sit down?
– Yes, please.
– Would you like to see a doctor?

- No, I think that isn't necessary.
- Would you like some cough medicine?
- Yes, I shall take.
- What medicine do you usually take when you have a cold?
- I usually take paracetamol.
- Ok, I shall give you now paracetamol.
- Thanks a lot, you are very kind.
- Not at all.
- And what do you take for a cold?
- I usually prefer falk remedies.
- Which ones?
- For example, hot milk with honey.

## Sector of registration and credit Educational system

The Government policy of Tajikistan in the sphere of education, first of all, addresses critical issues such as increasing the quality of education and training of highly qualified professionals in a competitive labor market, in order to have access to unique education in the world. The implementation of these policies directly reforms the education system, including the coordination of the national education system in the world through a transition to multi-system standards requiring technology of credit education scheme. Therefore, in order to execute the " Plan on the orders of the President of the Republic of Tajikistan in a consultative meeting on the situation in the sphere of education from 22th December 2005", taking into account the need to enter a unique global instruction, according to the decree of the Minister of Education since 22th September in 2004, beneath № 698, and according to the decision of the Academic Council of the University since 28th of June 2007, protocol No. 12 is based about gradual transition of faculties of National University to the credit system, the chancellor of the University signed the approval under №363-09. of the Regulations on the organization of educational process in TNU in 3rd September 2007 with the use of the credit system and applied the system in the beginning of 2007-2008 academic year to

fulfill its assigned position.

The process of accession to the unique global education in educational institutions, the content of the curriculum and the requirements of the standards of higher education has brought the country to the international standards. Innovations in educational institutions of higher education of the country, form & represent the introduction of new systems of education (multi-level educations such as, Bachelor, Master and Doctor of Philosophy (Doctorate PhD) and the credit system).

In order to implement this kind of innovation, and in accordance with the laws on education in the Republic of Tajikistan are "About Ministry of Education", "The institution of higher education and vocational education after high school", "Regulation of the educational institution of higher education", "The State Educational Standard of Higher Education", "Concept of the national Strategy for the development of vocational education" under order of the Minister of education from 15th of March 2007 beneath №330 «On the establishment of the state sector and control groups on the quality of education in educational institutions", regulations of Republican field of higher education with the method of multi-graduate education, including "academic degrees", "master's" and the "specialists" with the university's rector command from 26th of April 2007 under №482-09 the structure of the Department of education – Sector of programming, monitoring and control of the quality of education was established, in coordination with the Government of the Republic of Tajikistan (December 9, 2008), changes in the structure of the University, the credit sector, to the Department of registration and education (manager and specialist) were applied.

The sector programming, monitoring and control of the credit quality of the education system and the Department of Registration and Education on the basis, formed in May 2007 & was led to 2013 by Professor of Biology M.S. Narzulloev; however, the current proprietor is Kurbonova Robiya Tujcievna.

Department of Registration and credit system of education for the

development and implementation of legal documents credit educational system, develop training programs and adapt them to the requirements of the content of the standards of higher education, organizing and conducting training in controlling groups of academic credit system of education has already been utilized in the University.

University with its departments into the transition to the credit system of education, is since the beginning of 2007-2008 academic year, the process of teaching in the University's operation between 75 specialties across 62 specialties in 17 academic faculties are on the capability according to the system.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Дар боби дуюм самаранокии ташаккул ва рушди салоҳияти маърифатию коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар асоси бақайдгирии имкониятҳои зеҳнӣ ва хусусияти забони модарии онҳо муайян карда шуд.

Таҳлилу баррасиҳои боби мазкур собит месозанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва завқу рағбати донишҷӯён ба забони хориҷӣ, инчунин ташаккули сифатҳои фардӣ мундариҷаи таълим аҳаммияти бузург дорад, ки ба тафаккур, эҳсос ва баланд бардоштани дараҷаи дониши ӯ таъсир мерасонад. Ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати қонеъ намудани талаботи бозорӣ мутахассисони баландихтисос омода намуда, тамоюли касбии онҳоро зиёд мекунад.

Барои пурра бо забони англисӣ муошират намудани донишҷӯён, омӯзгор бояд маводи таълимиро дуруст интихоб намуда, раванди таълимро тавре ташкил кунад, ки донишҷӯён дар суҳбати забони хориҷӣ бештар луғату ибораҳои навро мувофиқи мавзуи дарсӣ истифода баранд. Матнҳо бояд на танҳо мубрам, балки дорои маълумоте бошанд, ки қобили таваҷҷуҳи ҷавонон бошанд.

Ҳангоми хондани матнҳои англисӣ, иҷрои машқҳо, азхудкунии

маводи грамматикӣ ва ҳадди ақалли луғатҳои англисӣ роҳандозӣ шаванд. Ғанӣ гардонидани захираи луғавии донишҷӯён яке аз муҳимтарин ҳолатҳои ташаккули мунтазами нутқи забони хориҷӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлилу мулоҳизаҳои боби мазкур ба натиҷае расидем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба ҷуз луғатҳое, ки қаблан дар мактаби миёна омӯхта мешуданд, калимаву ибораҳои маъмулии касбӣ таҳия карда шавад. Дар баробари аз худ кардани калимаю ибораҳои нав, инкишоф ва такмил додани малакаи корбурди калимаҳои нав дар муошират ва сохтору таркибҳои грамматикӣ, ҳамзамон мутолиаи адабиёти хориҷӣ ва беҳтар намудани донишҳои имлоӣ ва фонетикӣ амри саривақтӣ мебошад.

Дар баробари ин, ба хотири ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони англисии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон, омӯзгорон, забоншиносон ва луғатшиносон саъй доранд, ки холигоҳи дониши шогирдонро ҷуброн намуда, луғатҳои сезабона ё луғатҳои ҳадди ақал аз фанни забони англисӣ мураттаб ва таҳия намоянд.

Яке аз нуктаҳои заифи омӯзгор ин интихоби нодурусти калимаву ибороти англисӣ ва ба назар нагирифтани усулҳои шарҳу тавзеҳ ва мутаҳкамкунии онҳо мебошад, ки мутаассифона, боиси истифода нашудани он дар нутқи англисӣ мегардад. Ин нуқсон бештар ҳангоми навиштани иншо ё эссе, ё худ ҳангоми нутқи шифоҳӣ эҳсос мешавад. Қобилияти на он қадар хуби корбасти луғатҳои англисӣ дар нутқи шифоҳӣ боиси баён карда натавонистани андеша ва ифодаи афкори хеш мегардад.

Ҳамин тариқ, аз мулоҳизаву муҳокимаҳои таҳқиқ бармеояд, ки омӯзиши усули муоширатӣ натиҷабахши таълими забони англисӣ, ҳамчун забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳадаф ва мавқеи муносибати муоширатӣ аз таълим додани

салоҳияти нутқи даҳонӣ ва хаттии забони англисӣ иборат буда, донишҷӯён аз оғоз дар тафаккури хеш низоми фаҳмишҳои васеъ – малакаю маҳорати забономӯзии худро сайқал медиҳанд. Ҳамзамон, бидуни талафи вақт корбурди босамари ибораҳо, тарҷумаи матнҳои гуногун бо вожаҳои сермаъно аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва баръакс, дарк намудани калимаҳо ва ибораҳои тахассусӣ, гирифтани маълумоти зарурӣ ва дигар намудҳои гуногуни усули фаъоли таълимро меомӯзанд.

Агар донишҷӯ дар ҳолати пешниҳодшуда қобилияти ҳозирҷавобӣ ва истифодаи босамари нутқи шифоҳӣ ё хаттиро надошта бошад, инчунин андешаи худро баён карда наметавонад ва ба саволҳои пешниҳодшуда посух надиҳад, пас дониши ӯ нокифоя буда, бешубҳа такмил мехоҳад.

Дар асоси маводи таҳқиқотӣ метавон гуфт, ки баланд шудани сифати забондонии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аз ҳисоби ба роҳ мондани таълими мақсаднок мебошад. Самаранокии раванди таълим бо самаранокии модели таҳияшуда дар рисолаи мазкур шарҳ дода мешавад, ки он ба ташаккули малака ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати амалӣ намудани муошират касбӣ нигаронида шудааст.

Дар робита ба ин, ҷанбаҳои асосиеро, ки мо дар раванди сохтани ин модел ба онҳо таваҷҷуҳ кардем, муайян карда шуд.

Омӯзиш ва таҷриба нишон медиҳад, ки барои санҷидани мувофиқати модели таҳияшуда дар кафедраҳои забонҳои хориҷии донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ апробатсияи он гузаронида шуда, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоӣ, метавон чунин хулоса намоем: Дар ибтидои марҳалаи муайянкунии натиҷаҳо сатҳи пасти ҳамбастагии фанни забони англисӣ ва умумии касбиро нишон дод.

Тибқи маълумоти ошкоршуда, аксарияти кулли омӯзгорон дар гузаронидани дарсҳо аз фанҳои забонӣ усулҳои анъанавии таълимро

истифода мебаранд. Дар ташкили таълими забонҳои хориҷӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷорӣ намудани принсипҳои муоширати забонӣ ва касбӣ нишон додашуда камбудиҳои назаррас ҷой доранд. Инчунин, дар натиҷаи таҷриба ва озмоиш дар шароити низоми мавҷудаи таълим сатҳи нокифояи гуфтор ва муоширати касбии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ аз забони англисӣ ошкор карда шуд.

Дар рафти таҳлили назариявии мушкилоти таҳқиқшаванда ва натиҷаи озмоиш мувофиқати муносибати маҷмуӣ, яъне комплексӣ, ба масъалаи тадқиқшуда муайян гардид. Барои моделсозии фаъолияти касбии мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ дар дарсҳо ва курси амалии забономӯзӣ аз ягонагии ҳамгироии маводи таълимӣ ва курсҳои махсус (забоншиносӣ) вобаста буд. Маҳз ҳамин мавқеъ ба ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарин дар муоширати касбӣ бо забони хориҷӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

# БОБИ 3. ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ТЕСТ ВА ДАРАҶАИ АЗХУДКУНИИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГНЛИСӢ ВА ТАШАККУЛИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН

## 3.1 Ташкил кардани санҷиши тестӣ ва муайян намудани дараҷаи азхудкунии донишҷӯён

Ташкил кардани санҷиши тестӣ ва дараҷаи азхудкунӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад. Он бояд нисбатан кӯтоҳмуддат бошад, яъне вақти зиёдро талаб накунад; яъне ба ҷавобҳои хоси дили худ кашолдиҳӣ роҳ дода нашавад; барои ин бояд ҷавобҳои гуногунмаъно вуҷуд надошта, ахборотӣ бошад ва имконияти ҳамин гуна ҷавобро фароҳам оварад, ки баҳои миқдории барои тест гузошта шуда ба ченкунии тартибӣ ё ченкунии шкалаи интервалӣ низ ҷавоб дода тавонад.

Яъне, пеш аз ҳама, барои ҳисобу китоби математикӣ муфид ва барои истифодаи васеъ низ имконпазир бошад. То ки он имконият диҳад, ки ҳамин гуна дараҷаи маълумоти азхудкардашуда дар байни доираи васеи таълимгирандагон, ки дониши якхела доранд, муайян карда шавад, яъне истифодаи васеъ дошта бошад.

Агар ба асоси гурӯҳбандии тестҳо тамоилҳои мухталиф (паҳлуҳои гуногун) ворид карда шавад, он гоҳ ҳолати инкишоф ва ташаккули шахсияти инсон дар он ҳолат чунин ба назар мерасанд:

1. Тестҳо барои муайян намудани қобилияти умумии фикрӣ ва инкишофи фикрӣ.

2. Тестҳо барои муайян намудани қобилияти махсус дар соҳаҳои гуногуни фаъолият.

3. Тестҳо барои муайян намудани дараҷаи омӯзандагӣ, азхудкунӣ ва комёбиҳои академикӣ.

4. Тестҳо барои муайян намудани сифатҳои алоҳидаи шахсият (хотира, тафаккур, хислат ва ғайраҳо).

5. Тестҳо барои муайян намудани дараҷаи тарбиёфтагӣ

(ташаккули сифатҳое умумиинсонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва дигарҳо).

Истифода бурдани ин ё он тест ҳамон вақт самаранок буда, инчунин хулосаҳои боварибахш баровroutеро таъмин карда метавонад, ки он бо тамоми дигар гурӯҳҳои тестҳо дар алоқамандӣ гузаронида шавад. Барои ҳамин ҳам санҷиши тестӣ ҳама вақт хусусияти комплексӣ дорад.

Хулосаи умумӣ баровардан, масалан дар бораи дараҷаи инкишофи хонандагон дар асоси танҳо истифода бурдани тести таълим гирифтагӣ хатои нобахшидани мебошад.

Вақте, ки вобаста ба комёбиҳои бадастомада ва инкишофи шахсият вазифаи ташхиси омӯзандагӣ гузошта мешавад, намудҳои мувофиқи супоришҳои тестӣ ва дастурҳои онро доир ба методикаи ченкуниро истифода бурда истода, хусусияти локам (маҳдуд) доштани ташхисро фаромӯш кардан лозим нест.

Ҳангоми тартиб додани тестҳо аз ҳама муҳим он аст, ки ба мақсади ба нақша гирифташудаи таълим маълумот ва инкишофи хонандагон то кадом андозае мувофиқат мекунанд. Меъёри муҳимтарини тестҳои ташхисии омӯхтагӣ ин таъсирнокӣ (нишондиҳандагӣ) боэътимоди (дурустро эҳтимолӣ) тафриқавӣ будани он ба шумор меравад.

Таъсирбахшии тестҳо аз рӯйи мазмуни худ ба талабҳои пурра, ҳаматарафа будани санҷиш, бо баробари пешниҳод намудани ҳамаи унсурҳои дониш ва маҳоратҳои омӯхта мешудагӣ вобаста мебошад.

Истилоҳи «таъсирбахшӣ» бошад то ҳадди аққал ду муродиф дорад – арзандагӣ ва нишондиҳандагӣ. Ибораи босалобатӣ низ ҳамин маъноро дорад. Тартибдиҳандаи тест вазифадор аст, ки ҳамаи бобҳои барномаи таълимӣ, китобҳои дарсиро босаброна ва пухта омӯзад. Мақсад ва вазифаҳои мушаххаси таълимиро низ хуб донад. Танҳо дар ҳамон ҳолат метавонад тестҳоеро тартиб диҳад, ки онҳо барои

категорияи муайяни таълимгирандагон самаранок  бошанд.

Саволҳоро дақиқ ва фаҳмо дар доираи донишҳои азхудкардашуда ба миён  гузоштан шарти муҳимми пуртаъсири тестҳо мебошад. Агар тестҳо аз доираи мазмуни чизҳои азхудкардашуда берун бошанд ё ҳамон дараҷа ноил намегардад, ё ин ки аз дараҷаи ба нақша гирифташудаи таълим барзиёд бошад, дар он ҳолат он барои он хонандагоне, ки пешниҳод шудааст, ягон гуна самара дода наметавонад.

Таъсирбахшии тестҳо бо методи статистикӣ (ҳисобу китоб) муайян карда мешавад. Бузургии 0,7 - 0,9 дар бораи таъсирбахшии баланди тестҳои таълим гувоҳӣ медиҳад. Агар коэффитсиенти таносубӣ то 0,45-0,55 расад, он гоҳ таъсирбахшии тест қаноатбахш ва агар аз он паст бошад. ғайриқаноатбахш ҳисоб карда мешавад.

Дараҷаи боварибахшӣ бо хусусиятҳои зерин маълум мегардад: бардавомӣ ва устувории натиҷаҳо ҳангоми такроран ченкунӣ бо ёрии ҳамон тестҳо ё бо  тестҳои бо онҳо баробар ҳисоб карда шуда.

Босаводона тартиб додани саволу супоришҳои санҷиши омӯзандагӣ ва тестҳои дар амал санҷидашуда имконият  медиҳанд, ки ба коэффитсиенти  боварибахши 0, 9 ноил гашта шавад.

Муайян карда шудааст, ки боварибахшии тестро зиёд намудани миқдори супоришҳои тестӣ таъмин менамояд. Инчунин, муқаррар карда шудааст, ки ҳар қадар супоришҳои тестӣ мавзуъҳои зиёдро дар бар гирад ва пурмазмуну гуногунранг бошанд, ҳамон қадар боварибахшии тестҳо паст мебошад.

Инро ҳамин тавр фаҳмидан мумкин аст: тесте, ки барои санҷидани дараҷаи азхуд намудани мавзуи аниқ пешбинӣ шудааст, аз тесте, ки барои санҷидани як боби пурра пешбинӣ шудааст ва миқдори хеле зиёди мавод қонуниятҳою консепсияҳо ва далелҳоро дар бар мегирад, паст мебошад.

Эътмоднокии тестӣ донишазхудкунии  бештар ба душвории иҷрои

онҳо вобаста аст. Душворӣ аз рӯйи таносуби ҷавобҳои дуруст ё нодуруст ба саволҳои тестӣ муайян карда мешавад. Ба тестҳо дохил намудани ҳамин гуна супоришҳо ё ки талабагон ба ҳамаи онҳо ҷавоби дуруст ё баръакс, ҷавоби нодуруст медиҳанд, хуб нест, чунки ин гуна супоришҳо яку якбора тестро аз байн мебарад. Аз ҳама бештар он супоришҳои аҳаммияти амалидошта ба шумор мераванд, ки талабагон 45-80% ҷавоби дуруст медиҳанд.

Тавсифоти фарқгузорӣ ба истифода бурдани ҳамин гуна тестҳое вобаста аст, ки аз байни якчанд ҷавобҳои бо ҳам монанд ҷавоби дурусти он интихоб карда шавад. Агар гӯем, ки ҳамаи талабагон бехато ба як савол ҷавоби дуруст меёбанд ё ин ки ба дигар савол ҷавоб гуфта наметавонанд, ин аст, ки мо бояд тестҳоро комилан такмил диҳем. Онҳоро гуногун кардан лозим аст.

Агар мо ин тавр амал накунем, дар он ҳолат ин гуна супоришҳо имконият намедиҳад, ки онҳоеро, ки супоришҳоро бо андозаи зарурӣ аз худ кардаанд, аз онҳое, ки ҳоло ба ин дараҷа нарасиданд, ҷудо намоем. Одатан тестҳоро аз рӯйи натиҷаи таҳлили статистикӣ (ҳисобу китоб) бо роҳи муқоиса намудани натиҷаи тестҳои умуман иҷрокардашуда бо натиҷаи иҷрои супоришҳои алоҳида гурӯҳбандӣ ба паҳлӯҳо ҷудо мекунанд. Агар коэффитсиент дар байни ҷавоб ба вазифаҳо мушаххас ва ба тестҳо умуман аз 0,5 зиёд бошад, ин гувоҳи ба андозаи зарурӣ гурӯҳбандӣ карда шудани тестҳо мебошад.

Ғайр аз ин, меъёрҳои дида баромада шуда боз аз натиҷаҳои самаранокии тестҳо низ истифода бурда мешавад. Тестҳои дар шароити якхела ва вақти муайянкардашуда миқдори зиёди ҷавобҳоро таъминкунанда, аз ҳама самараноктар ҳисоб карда мешаванд. Масалан дар давоми 10 дақиқаи тестгузаронӣ аз хонандагон 5 ё 8 ва ё 10 ҷавоб гирифтан мумкин аст. Агар ба шарте, ки аз методикаи гуногуни тартиб додани супоришҳои тестӣ истифода бурда шуда бошад.

Ҳангоми омода намудани мавод барои назорати тестӣ қоидаҳои асосии зеринро риоя кардан зарур аст:

1. Ҷавобҳое, ки нодурустии онҳоро ҳангоми тестгузаронӣ асоснок кардан душвор аст, дохил карда нашаванд.
2. Чавобҳои нодуруст бояд дар асоси хатоҳои типикӣ асоснок карда шаванд ва ба ҳақиқат наздик бошанд.
3. Ҷавобҳои дуруст дар байни ҳамаи ҷавобҳо бояд ба таври тасодуфӣ ҷой дода шавад.
4. Саволҳо набояд дар китоби дарсӣ такрор ёбад ба як савол набояд боиси луқма барои ба дигар савол ҷавоб гуфтан гардад.
5. Ҷавобҳо такрор наёбат.
6. Саволҳо набояд хусусияти дуҳӯрагӣ дошта бошанд.

Тестҳои дараҷаи азхудкунӣ дар ҳамаи марҳалаҳои раванди дидактикӣ истифода бурда мешаванд. Бо ёрии онҳо самаранокии назорати пешакии ҷорӣ, мавзуӣ ва ҷамъбастии дониш, маҳорат, азхудкунӣ ва комёбиҳои академикӣ таъмин карда мешавад.

### 3.2 Назорати пешакӣ ва муқоисаи дараҷаи азхудкунии донишҷӯён аз ҷониби педагог

Беҳтар аз худ намудани ҳар як мавзуъ (қисм ё курс) аз дараҷаи аз худ кардани он мафҳумҳо, истилоҳ, қоидаҳо ва ғайраҳо, ки дар марҳалаҳои гуногун пештар омӯхта шуда буданд, низ вобаста мебошад.

Агар педагог вобаста ба ин масъала дар ихтиёри худ ахбороти зарурӣ надошта бошад, он гоҳ вай аз уҳдаи банақшагирӣ ва идоракунии раванди таълим, интихоби варианти оптималии он баромада наметавонад. Ахбороти заруриро педагог дар натиҷаи истифода бурдани ташхиси пропедевтикӣ ба даст медарорад, чунки он ба педагог ҳамчун назорати пешакии дониш маълум аст. Назорати пешакӣ инчунин барои қайд намудани ҳадди дараҷаи ёдгирӣ (маълумот гирифтагӣ) лозим аст.

Агар тавсифи дохилшаванда ва хориҷшаванда маълум бошад,

мушкилоти оптималӣ гардондани он аз бисёр ҷиҳат ҳал шуда, ҳамзамон ҳисоб карда мешавад. Ахбороти максималӣ дар бораи воридшавии тавсифоти азхудкунӣ ба даст овардани нишондоди миқдорие, ки ба воситаи тест гузаронидани ҳамин мақсад хизмат мекунад, имконият медиҳад, ки ба он баҳо дода шавад

Бо методҳои тадқиқоти назариявӣ таҳлили муқоисавию таърихӣ, аз мафҳум ба мушаххас ва тарҳсозӣ дохил мешаванд. Одатан ин методҳоро дар мавридҳои муайян бо алоқамандии ҳамдигар истифода мебаранд. Хусусан донишҷӯён мавриди навиштани кори дипломӣ онро бештар истифода мекунанд.

Таҳлили муқоисавию таърихӣ барои ҳамаҷониба ва амиқ омӯхтани ҳодисаҳои педагогӣ, тартиб додани лоиҳаи мушаххаси чорабиниҳои такмилдиҳии раванди таълим ва тарбия, дар ҳалли проблемаҳои рӯйдода ба методҳои пешқадам такя намуда, пешгирӣ кардани хато ва камбудиҳо имконият медиҳад.

Лаҳзаи аз мафҳум ба мушаххас такякунӣ нисбати тадқиқоти томи раванди педагогӣ ба чунин марҳалаҳо эътибор додан шарт аст:

- пурра тасвир кардани таркиби равандҳои педагогӣ, қисмҳои асосии он – мақсад, мазмун, фаъолияти амалӣ, ҳавасмандонӣ, танзими назорат, баҳогузории аналитикӣ, инчунин тасвири томи шарту шароити амалкунӣ: таълими моддӣ, ҳифзи ахлоқӣ-психологӣ, эстетикӣ ва ғайраҳо;
- тасвири намудҳои имконпазири робитаи байни қисмҳои раванди таълимӣ, пеш аз ҳама, сабабҳои тафтишӣ;
- тасвири пурраи таркиби шахсият ва таркиби фаъолияти педагогҳо ва тарбиягирандагон;
- ба қадри имкон пурра тасвир кардани ҳамкории педагогҳо ва тарбиягирандагон;
- дида баромадани алоқамандии равандҳои педагогӣ ба таъсири

беруна, ки тарбиягиранда тавассути ахбороти оммавӣ, муҳити атроф ва ғайраҳои дигар расонида мешаванд;

- муайян кардани ин ё он алоқамандии қонунӣ, то ки минбаъд онҳоро лаҳзаи тартиб додани лоиҳаи раванди педагогӣ ба ҳисоб гиранд.

Самаранок истифодабарии методҳои назариявии ҷустуҷӯии методи тарҳсозиро тақвият медиҳад. Тарҳсозӣ раванди омӯхташавандаро аз ҷиҳати аёнию образнокӣ, чунончӣ ба намуди тарҳ, нақша, тавсифи шифоҳии мухтасар, тасвир, баёни раванди омӯхташавандаро муайян мекунад.

Дар баъзе мавридҳо лаҳзаи тарҳсозӣ падидаҳои педагогӣ ба намуди формулаҳои математикӣ, қолиб, рамз ва ғайраҳои дигар тасвир меёбанд. Дар тарҳҳо алоқамандии мактаб, оила, ҷамъият воситаҳои ахбори омма ва дигар манбаъҳои таъсиррасони тарбияи хонандагон дуруст инъикос меёбад. Бо кумаки тарҳҳо намудҳои мухталифи таълим, хелҳои гуногуни дарс мукаммал гардонида мешавад.

Дар педагогика методи графикаҳо низ қобили қабул аст, бо ёрии он робитаи байни фаслҳо ва мавзуъҳои муайяни фанни таълимӣ, фаслҳои алоҳидаи дохили фаннӣ, инчунин ҷудо кардани як қатор мавзуъҳоеро, ки мантиқан бо дигар мавзуъҳои муҳим бештар робита доранд, нишон додан мумкин аст.

Сарчашмаҳо ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки «дар мобайни солҳои 80-уми қарни XX-ум аввал рӯзноманигорон ва баъд соҳибкасбон ба луғати педагогӣ истилоҳи «инноватсия»-ро фаъолона дохил кардан гирифтанд. Ин корро барои нишон додани рафти азнавсозии системаи педагогикаи ватанӣ, ки оғоз ёфта истода буд, иҷро мекарданд.

**Инноватсия** (аз англ. Innovation–навгонӣ гирифта шуда маънояш дигаргунӣ, тағйирот) дар дохили система мебошад. Аз рӯйи шарҳи педагогӣ ва ба маънои умумияш дар «зери мафҳуми инноватсия навгонӣ дар системаи педагогӣ фаҳмида мешаванд, ки рафт ва натиҷаи ҷараёни

таълиму тарбияро беҳтар менамоянд.

Вале навгонӣ метавонад системаро халалдор ҳам намояд. Мумкин аст, сухан дар бораи азнавсозӣ, новатсияҳо (навгониҳо) дар он ҷойҳое равад, ки дар он ҷойҳо он вуҷуд надошта бошад ва зарурияти истифодаи истилоҳи хирадмандонаи хориҷӣ лозим шуда монад.

Бо вуҷуди ин, чун ҳамеша, истилоҳеро қабул намудан мушкил аст, ки агар маънии аслии онро дарк накарда бошем. Сабаб аз он иборат аст, ки барои нишон додани навгонӣ ё иваз намудани ягон чизи нав истилоҳи англисии «novation» яъне нав, навигарӣ ба кор бурда мешавад.

Инноватсия ҳамин гуна навгониеро дар назар дорад, ки он дар дохили система аз ҳисоби захираҳои худ ба амал баровrouteарда мешаванд. Пас, ҳар он чӣ ки аз доираи ҳамон система берун дохил карда мешавад, ин инноватсия нест.

Ҳамин тавр, шарҳ додани моҳияти педагогии инноватсия ниҳоят пурихтилоф аст. Дар «Педагогикаи касбӣ». М., 1997 доир ба инноватсия чунин шарҳ оварда шудааст: «Инноватсия – ташкили раванди комплексии паҳн намудан ва истифода бурдани воситаи нави амалӣ (навигарӣ, навгонӣ - навигарӣ дар соҳаи техника, технология, педагогика, таҳқиқоти илмӣ) мебошад. Ба касе ин шарҳ маъқул мешавад ё не, ба ҳар ҳол равшан аст, ки дар ин ҷо воситаи нави амалӣ нест – инноватсия нест. «Воситаҳои нави амалӣ»-ро дар педагогика бо ангуштони даст яке ба як шуморидан мумкин аст.

Инноватсия ин тавр одӣ нест. Инноватсияро ба вуҷуд овардани восита табдил додан мумкин нест. Инноватсия – ин ҳам ғоя, ҳам раванд, ҳам восита ва ҳам натиҷа мебошад, ки дар ягонагӣ сифатан такмилдодани системаи педагогиро дар назар дорад.

Дар мамлакат, дар ҳама ҷо раванди инноватсионӣ рафта истодааст, аммо мо бошем, эҳтиёткорӣ мекунем, дар асоси маънои ин мафҳум онро шарҳи илмӣ медиҳем. Ҳол он ки мушкилоти азнавсозии системаи

педагогӣ ниҳоят муҳим ва актуалӣ буда, таҳлили ҷиддиро талаб мекунад. Дар даҳсолаҳои охир дар системаи педагогикаи ватанӣ бисёр тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд.

Қонуну консепсияҳои нав қабул карда шуданд, навгонӣ ва дигаргуниҳо ба вуқуъ пайвастанд ва ҳамзамон стандарти давлатӣ ва нақшаҳои таълимии алтернативӣ тасдиқ карда шуданд, мактабҳои типи нав ташкил карда шуданд, вале бо вуҷуди ҳамаи ин ҳатто Россия дар байни мамлакатҳои ҷаҳон, мувофиқи индекси ЮНЕСКО дар соҳаи маълумот аз ҷойи якум ба ҷойи чорум фаромад. Пас, дар атрофи ҳамаи ин масъалаҳои зарурӣ бояд фикру андеша кард.

## 3.3 Назорати ҷорӣ ва истифодаи самараноки тестҳои таълимӣ дар ҷараёни дарси забони англисӣ

**Назорати ҷорӣ.** Он барои ташхиси рафти ҷараёни дидактикӣ, пайдо намудани суръати раванди дидактикӣ, муқоисаи натиҷаҳои реалии дар ҳар як зина пешбинӣ шуда зарур аст. Ғайр аз функсияи ташхис назорати ҷорӣ ва ба ҳисоб гирифтани дониш, маҳорат ба меҳнати таълимии талабагон такон мебахшад имконият медиҳад, ки сари вақт камбудиҳои дар соҳаи азхудкунии маводи таълимӣ мавҷуд буда, беш аз пеш ошкор карда шуда, ҳамзамон самаранокии умумии таълимӣ баланд бардошта шавад.

Одатан назорати ҷорӣ ба воситаи пурсиши шифоҳӣ сурат мегирад, ки он ҳамавақт такомул ёфтан мегирад. Педагогҳо чунин шакли онро васеъ истифода мебаранд: пурра истифодабарӣ фронталӣ, магнтафанӣ ва ғайраҳо. Назорати ҷорӣ ҳамаи унсурҳои муҳиммтарини донишу малакаҳои дар 2-3 дарси охирин ҳосил кардаашонро дар бар мегирад. Давомнокии иҷрои тестҳо бояд аз 10-12 дақиқа вақт зиёдро талаб накунад. Баъзе педагогҳо пешниҳод мекунанд, ки чунин санҷиши тестӣ як ду дарс, дар дарси сеюм гузаронида шавад, вале ин ба хусусиятҳои хос ва талаби мавзуъҳо вобаста аст.

Баъди анҷоми ин кор ҳатман хатоҳои содиркардаи шогирдонро таҳлил бояд кард, то ки шогирдон хатоҳои содиркардаашонро пай баранд ва сари вақт онро ислоҳ намоянд.

Барои тезонидани таҳлил аз тестҳои беҳтарин истифода бурдан лозим аст. Агар назорати ҷорӣ бо ёрии вситаҳои (асбобҳои) автоматикунонидашуда (МЭҲ, тренажёрҳо, перфокартаҳо ва ғайраҳо) ба амал бароварда шаванд, он гоҳ бояд ҳатман барои дар хотир нигоҳ доштани ҷавобҳои нодурусти талабагон пешгирӣ карда шавад.

**Назорати мавзуӣ**. Тартиб  додани супоришҳои мавзуи тестӣ, меҳнати зиёд ва ҷиддиро талаб мекунад. Зеро,  сухан на фақат дар бораи санҷиши азхудкунии унсурҳои алоҳида, балки дарки  низомҳое ки ин гурӯҳҳоро муттаҳид менамояд меравад. Дар ҳалли ин масъалаҳо нақши муҳимро супоришҳои синтетикӣ ва комплексӣ, ки мафҳумҳои мавзуи алоҳидаро муттаҳид менамояд ва барои муайян намудани робитаи байни ахборот хизмат мекунанд, мебозанд. Барои назорати тестӣ мавзуи беҳтараш аз супоришҳои солонаи тестӣ, ки аз тарафи соҳибкасбони тест тартиб дода шудаанд, истифода бурда шавад.

**Назорати ҷамъбастӣ.** Ин назорат ҳангоми такрори ҷамъбастӣ дар охири ҳар як чоряк ва дар охири соли хониш ва инчунин ин ҳангоми санҷишу имтиҳонҳо истифода бурда мешавад. Дар ин марҳалаҳои раванди дидактикӣ маводи таълимӣ ба низом дароварда, ҷамъбаст карда мешавад. Дар ин марҳалаҳо аз тестҳои таълимӣ самаранок истифода бурдан мумкин аст. Дар таҷрибаи мактабҳо аз шаклҳои гуногуни тестҳои ҷамъбастии таълими истифода бурда мешавад. Хусусан карточкаҳои тестӣ барои гузаронидани имтиҳонҳои самараи хуб дода метавонанд, барои тезтар анҷом додани кор агар воситаҳои техникӣ мавҷуд бошад.

Талаби асосӣ нисбат ба супориши тестҳои ҷамъбастӣ якто мебошад яъне ба сатҳи стандарти  маълумоти миллӣ мувофиқат карданӣ мебошад. Аз ҳама бештар технологияи тестҳои ҷамъбастӣ бо истифода бурдани

компютерҳо ва барномаҳои махсусгардонидашуда ривоҷ ёфта истодааст. Барномаи компютерии «Ордана» барои дастгирии равияи мо тенологияи зерин ба шумор меравад.

Барои аз ҷиҳати техникӣ дастгирӣ намудани тестгузаронӣ аз воситаҳои махсус истифода бурда мешавад, ки онҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

Ба гурӯҳи якум он воситаҳое дохил мешаванд, ки барои санҷиши фардӣ, пешбинӣ шудааст, намудҳои гуногуни пефокарточка, қобибҳо, рақамҳои баҳисобгирӣ ва ғайраҳои дигар.

Ба гурӯҳи дуюм воситаҳои назорати гурӯҳӣ дохил мешаванд. Ба монанди синфҳои автоматиконидашуда, комплексҳои назоратӣ, таълимдиҳӣ, ки ғояи таълими программавӣ (барномавиро) ба амал мебароранд.

Маҳз аз як шакл ба шакли дигари самараноки идоракунии ҷараёни маърифатӣ гузоштан ва тестҳои ба система даровардашудаи таълимӣ алоқаи бозгашти сари моҳ буда, ба дараҷаи кофӣ баланд бардоштани сифати раванди дидактикиро ҳамаҷониба таъмин менамояд. Компютерҳои зудтаъсиррасони замонавӣ имконият медиҳанд, ки тестҳои аз ҷиҳати ташхисӣ мукаммал ба амал бароварда шавад.

Тестҳои таълимӣ торафт характери оммавӣ гирифта истодаанд. Ҳоло пурсиши кӯтоҳмуддати тамоми талабагон дар ҳар як дарс бо ёрии истифода бурдани тестҳо қариб аз тарафи ҳамаи педагогҳо истифода бурда мешавад.

Афзалияти ин тарзи санҷиш дар он аст, ки дар як вақт тамоми синф бо кори сермаҳсул мепардозад ва дар якчанд дақиқа натиҷаи азхудкунии талабагон муайян карда мешавад.

Ҳангоми санҷиш, пеш аз ҳама, камбудиҳои дониши хонандагон муайян карда мешаванд, ки ин барои самаранок кор кардан ва худомӯзии талабагон хеле муҳим аст. Корҳои фардӣ ва тафриқавӣ бо

шогирдон дар боби бартараф намудани камбудиҳо дар соҳаи азхудкунӣ ҷойдошта низ ба тестгузаронии ҷорӣ вобаста аст.

Табиист, ки ҳамаи он таснифоти заруриро азхудкуниро тавассути тест ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Чунончи, нишондиҳандаҳои зеринро ба монанди маҳорат бо мисол асоснок намудани ҷавобҳои худ, далелҳо овардан, маҳорати алоқамандонаи мантиқӣ ва бо якчанд далелҳо ифода намудани фикри худ ва баъзе дигар таснифоти дониш, малака маҳорати ба воситаи тест ташхис намудан ғайри имкон аст.

Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки тест бояд дар алоқамандӣ ба дигар шаклҳо (анъанавӣ) ва методҳои санҷиш гузаронида шавад. Он педагогҳо дуруст амал мекунанд, ки санҷиши хаттӣ гирифта истода ба талабагон имконият медиҳад, ки чавобҳои худро шифоҳӣ асоснок намоянд.

**4. Ташхис намудани дараҷаи азхудкунӣ.**

Ташхис намудани дараҷаи азхудкардагӣ бо ташхис намудани дараҷаи азхудкунеӣ алоқаманд аст, чунки тасаввуроти дуруст дар бораи натиҷаҳои бадастомада танҳо дар алоқаманди бо шароитҳо (роҳҳо, воситаҳои) ба он ноилшавӣ ташаккул меёбад.

Таълимгирӣ – ин қобилияти аз тарафи талабагон аз худ намудани мазмуни таълим мебошад. Муродифҳои маъмули мафҳуми таълимгирӣ инҳоянд: моилшавӣ, қобилияти таълимӣ, иқтидори имконпазирӣ, бофаросатӣ, хушзеҳнӣ ва ғапйра, ки сифати шахсияти хонандаро ифода мекунанд.

Унсурҳои муҳимтарини мафҳуми таълимгирӣ инҳо мебошанд: 1) иқтидори имкониятҳои таълимгиранда. 2) захираи дониши амалкунанда; 3) тафаккури ҷамъбастӣ; 4) суръати ҳаракат дар таълим (азхудкунии дониш). Иқтидори имконпазир ҳамчун омил тавсифи фардии сифати хонандаро дар худ таҷассум менамояд. Дар байни онҳо хушзеҳнӣ, бофаросатӣ, ба меҳнати фикрӣ омода будан, қобилияти хондан доштан,

баробарии фаъолияти фаҳмидагирифтан ва дигарҳо. Аз ҳама муҳим ин ташаккули амалиёти фикри дониши васеъ, фазилати умумии хонанда, инкишофи нутқии онҳо, сатҳи азхудкунии дониш, маҳорат ва ғайра мебошад. Тафаккури ҷамъбастӣ боз як омили комплексии муайянкунандаи таълимгирӣ буда барои бо сифат (чуқур, самаранок) фаҳмида гирифтани ҷараёни азхудкунӣ масъул мебошад. Тавсифҳои зерини тафаккур, ба монанди нерӯмандӣ моилӣ мустақилӣ, сарфакорӣ ва дигарҳоо комилан имконият ва бартарии ҳар як шахсиятро дар таълим муайян мекунанд.

Ба омили суръат мантиқан ҳамчун ба маҳсули пештара назар кардан лозим, зеро ҳамаи афзалиятҳои шахсияте, ки натиҷаҳои баланди омӯзандагӣ доранд, нисбат ба шахсият суръати пасти омӯзандагӣ дошта доир ба суръати (вақт) азхудкунии донишҳо, маҳорат, пешравӣ дар таълим ва натиҷаҳо ба маҳсули пештара вобастаанд. Ба суръат инчунин иқтидори имконият хонандагон ва захираи Амалии донишҳо, маҳорат ватавсифи тафаккури онҳо ҳам таъсир расонад. Аз ин маълум мешавад, ки суръат ин тавсифи муайянкунандаи хонандагӣ мебошад. Ба баландшавии суръат ва паст шудани сарфаи вақт ба сарфакорӣ дар кори таълимӣ бурда мерасонад.

Дар кори таълим кадом суръатҳоро ба ҳисоб гирифтан лозим аст, чӣ тавр бояд онҳоро муайян кард ва чи тавр аз рӯи суръат таълимгириро ташхис намуд.

1. Суръати аз худ намудани дониш ва маҳорат (Са).

Ин нишондиҳанда шарҳи гуногун дорад. Бо онҳо, пеш аз ҳама, вақти барои азхудкунӣ сарф шаванда, иҷрои тестҳо ва инчунин фаҳмиши ихтиёрӣ ё тестҳои барои ҳама якхела фаҳмида шавад: Са=Св/См.100%, Са-суръати азхудкунӣ, Св- суръати вақтдорои пурра азхудкунӣ, См-суръати ҳисоби миёнаи вақт барои иҷрои супориш. Дар ҷойи Са-суръати азхудкуни; Св- суръати вақти барои пурра азхудкунӣ ё иҷрои таст аз

тарафи хонандагонро дар назар дорад; См- суръати ҳисоби миёнаи вақт барои иҷрои супориш сарфшавандаро ифода мекунад. Мафҳуми «меъёр» ё «маҳак» маънои аниқ дорад ва метавонад ба маънои «ба ҳисоби миёна», «аз рӯи мушоҳидаҳои бисёрсола», «дар мактаби мо», «дар сатҳи талабҳои қабулшуда»-ро ифода намояд. Ташкили тадқиқот нисбат ба ин нишондодҳо мураккаб нест: ба хонандагон пешниҳод кардан лозим аст, ки тестро иҷро кунанд ва вақти занг ҷавобро дақиқ қайд намоянд. Шарти зарурии дар ин маврид ба вуҷуд овардани сабаби пурқувват мебошад, яъне кӯшиши ҳар чи беҳтар, вале бехато иҷро намудани кор мебошад. Аз рӯи нтиҷаҳои тестгузаронӣ ва ё иҷрои супориш рейтинги талабагон муқаррар карда мешавад, ному насаби онҳо дар рӯйхат вобаста ба давомнокии, тибқи иҷрои супориши сабт карда мешавад. Яъне ҳамин, ки супоришро иҷро кард, ному насабаш навишта мешавад. На бо тартиби рӯйхат.

2.Суръати пешравӣ дар таълим. (Сп)

Ин нишондиҳанда аз ҳама пурратар тавсифи таълимгириро дода метавонад, дар он давраи дарозтари таълимгирӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, бо ин сифати таъсиррасонӣ басо пурқувваттар мебошад. Ҳангоми истифода бурдани ин нишондиҳанда вақти пурра аз худ намудани қисм, фасли курс ё тамоми фанни таълимӣ ба назар гирифта мешавад. Ифодаи аналитикии нишондиҳанда аз пештарааш фарқ намекунад:

Сп=Са/См.100%

Сп-суръати пешравӣ; Са-суръати азхудкунии қисм (қисми курс ё тамоми фанни таълимӣ) аз тарафи талабагони муайян; См-суръати меъёри вақти сарфшуда барои аз худ намудани ҳамин ҳаҷми маводи таълимӣ, ки бо роҳи экспертӣ (мумайиз) бо ёрии ҳисобҳои назариявӣ муайян карда шудааст.

Таҷриба ҳамеша собит менамояд, ки он талаба ҳаҷми дониши

пешниҳодшударо зуд аз худ мекунад, ки қобилияти баланди азхудкунӣ дорад. Барои ҳамин омӯхтани Сп (суръати пешравӣ) ба азхудкунӣ роҳ мекушояд. Барои амалан муайян намудани нишондиҳандаи Сп таъмини мақсади майли таълимиро бояд ба дараҷаи зарури таъмин намуд. Бе алоқамандии он ба суръати ҳақиқии таълимии он баҳо додан душвор аст, чунки бе ҳавасманд намудани суръати таълимӣ, ки худи хонандагон муқаррар намудаанд, аз имкониятҳои асосии онҳо хеле паст аст, пеш аз муҳлат омухтани мавзъҳои алоҳида, бобҳои алоҳида ва тамоми курс тавре ки мо дар таҷрибаи кори педагогҳои беҳтарин мушоҳида мекунем. Дар натиҷаи сафарбар намудани хонандагон дар амал татбиқ намудани ҳавасмандӣ, ки меҳнати пурмашақати таълимиро баланд мебардорад, ба даст дароварда мешавад.

Ҳамин тавр, хонандагон на якбора, балки дар натиҷаи қатъи муқаррар намудани сифати шахсият, ноил мегарданд, вале раванди (динамикие, ки) ҳаракат, ки дар зери таъсири сабабҳои гуногун инкишоф меёбад, мувофиқи мақсад идора кардани он муяссар мегардад.

3.Суръати афзоиши натиҷаҳо (Са).

Ин нишондиҳанда тавсифи равияи омӯзандагӣ дошта, барои дар намудани масъала ва ба таври таҳлилӣ ба ҳисоб гирифтани тағйиротҳое, ки ҷараёни таълим ба вуҷуд меоянд, аҳаммияти ниҳоят муҳим дорад. Ин тағйиротҳо характери болоравӣ, муътадилгардонӣ ё пастравии натиҷаҳоро дорад. Онҳоро бо баҳо монанд кардан мумкин нест, чунки баҳо дар ҳар як дарс тағйир ёфтан мегирад. Журнали синф, пайдо шудани баҳо баъзан ҳодисаҳои ногаҳонӣ ба ин сабаб мешаванд.

Бояд қайд кард, ки тамоюлро ба шароити таълим монанд кардан аст. Аммо тамоюлро яку якбора тасодуфан дигар кардан мумкин нест. Онро оҳиста-оҳиста бояд ислоҳ кард. Нишондиҳандаи афзоиши натиҷаҳо огоҳ менамояд, ки раванд бо кадом суръат ва бо кадом тараф ва чӣ гуна ҳаракат дорад.

Маънои тағйирдиҳӣ (болоравӣ, пастравӣ) натиҷабахшии таълимро бо мисолҳо кушода медиҳем. Бигзор муваффақияти иҷрои тести аввал 0,2 бошад, тести баъдина 0,9 таносуби натиҷаи минбаъда нисбат ба натиҷаи пешина (гузошта), хеле баланд шудани суръати афзоишро нишон медиҳад. Дар раванди «муътадил»-и таълим ингуна болоравӣ хеле кам ба назар мерасад. Ногаҳон паст шудани суръат ҳам хеле кам мушоҳида мегардад. Дар асоси ҳисобу китоб намудани суръати тағйирёбии натиҷаҳои раванди таълим тағйирёбии маълумотандӯзии ҳар як хонанда ё синфро нишон додан мумкин аст.

Нишондиҳандаи натиҷаҳои тағйирёбӣ (Сн) таносуби байни комёбиҳои минбаъдаро нисбат ба пешина ифода мекунад:

Сн=См/Ск. 100%

Сн-суръати натиҷаҳои тагйирёбанда; См-суръати «минбад» зикрёфтаи нишондиҳандаи таълимиро фоиз, бо балл; Ск-суръати комёб шудан бо ҳисоби миёнаи арифметикӣ нишондиҳандаҳо зикр карда шудаанд. Формулаи аниқи аналитикӣ аз он вобаста аст, ки маънои минбаъда ва пешина (гузаштаи) пешравӣ чӣ тавр шарҳ дода мешавад.

Технологияи муайянкунандаи таълимгирии талабагон аз рӯи суръати дидактикӣ ҳалли бисёр масъалаҳоро осонтар мекунад. Пеш аз ҳама, он дар синфҳои таълимии тафриқавии якхела (гурӯҳ, зергурӯҳ) истифода бурда мешавад. То ин давра бо ин мақсад меъёрҳои зерин истифода карда мешуданд, ба монанди азхудкунӣ, дараҷаи тайёрӣ аз рӯи фанни муайян, баъзан қобилият ва майли талабагон ва дигар шаклҳо. Вале ҳамаи онҳо таълимгирии хонандагонро инъикос мекарданд, ки аз рӯи онҳо бояд хонандагон тафриқа карда мешуданд. Маҳз, ҳамин характери ҳамгирой бехато дар бораи имкониятҳои ҳар як хонанада маълумот медод.

Тестҳои назоратӣ.

1. Ташхиси омӯзандагӣ чист?

2. Назорати дониш, маҳорат чист?

3. Санҷиш, дониш, маҳорат чист?

4. Баҳо додан ва баҳо чист?

5. Ба кадом принсипҳои ташхиси назоратӣ ва санҷиши дониш асос мекунад.

6. Функсияи назоратро номбар кунед?

7. Звеноҳои санҷиши дониш ва маҳоратро тасниф диҳед?

8. Дар таҷрибаи оммавии назорат, санҷиш ва баҳо додан ба дониш кадом норасоиҳои ташхиси дарёфт карда шудаанд.

9. Шумора дар бораи ҷустуҷуйҳои нав дар соҳаи назорат ва санҷиши дониш чиҳо медонед?

10. Ба кадом қоидаҳо ҳангоми тартиб додани тести ташхисгузаронӣ эътибор додан лозим аст?

11. Хусусияти тестҳои барномавӣ компютерӣ дар чист?

12. Таълимгириии талабагон чӣ тавр ташхисонида мешавад? [79, с. 488]

Ҳамин тавр, истифодаи тестҳо бо матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки забони англисиро бори аввал меомӯзанд, хело зарур аст.

## ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

